**ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ОМӮЗГОРИИ ТОҶИКИСТОН**
**БА НОМИ САДРИДДИН АЙНӢ**

*Ба ҳуқуқи дастнавис*

ВБД: 891. 550 (83.3)

**НАҶОТЗОДА ҶАМШЕД НАРЗУЛЛО**

# АРЗИШҲОИ АДАБИИ ТАРҶУМАИ ФОРСИИ «РИСОЛАИ ҚУШАЙРИЯ»-И АБУЛҚОСИМИ ҚУШАЙРӢ

**Диссертатсия**
барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа
(PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021400 – Адабиётшиносӣ
(6D021401 – Назарияи адабиёт ва сабкшиносӣ)

**Роҳбари илмӣ:** доктори илмҳои филологӣ, профессор Салихов Шамсидин Аслидинович

**Душанбе – 2026**

# Мундарича

**Муқаддима**........................................................................................ 3

**Тавсифи умумии таҳқиқот**.................................................................... 7

**Боби I. Ҷойгоҳи Абулқосими Қушайрӣ ва «Рисолаи қушайрия»-и ӯ дар адабиёти форсӣ-тоҷикӣ**

1.1. Назаре ба ҷойгоҳи тасаввуф ва нуфузи мактабҳои ирфонӣ дар замони Қушайрӣ............................................................................... 13

1.2. Рӯзгор ва осори Абулқосими Қушайрӣ .................................................. 27

1.3. Сохтору мундариҷаи тарҷумаи «Рисолаи қушайрия» ........................... 39

**Боби II. Баррасии тарҷумаҳо ва шарҳи форсӣ-тоҷикии «Рисолаи қушайрия»**

2.1. Тарҷумаҳо ва шарҳи форсӣ-тоҷикии «Рисолаи қушайрия».................. 58

2.2. Баррасии тасҳеҳ ва нашрҳои тарҷумаи форсӣ-тоҷикии асар................ 73

**Боби III. Вижагиҳои сабкӣ ва бадеии тарҷумаи «Рисолаи қушайрия»**

3.1. Забон ва сабки баёни тарҷумаи «Рисолаи қушайрия» ........................... 88

3.2. Шеваҳои корбурд ва шарҳи истилоҳоти ирфонӣ .................................. 106

3.3. Усулҳои корбурд ва сохтору муҳтавои ҳикоёт...................................... 119

3.4. Таъсири «Рисолаи қушайрия» ба осори ирфонии форсӣ-тоҷикӣ (дар мисоли «Кашф-ул-маҳҷуб»-и Ҳуҷвирӣ)...................................................... 131

**Хулоса**........................................................................................................ 149

**Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот**....................... 156

**Рӯйхати адабиёт** ........................................................................................ 157

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия** ................................................ 169

## Муқаддима

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Рушди адабиётшиносӣ ба баррасию пажуҳиши осори адабии классикон пайванди қавӣ дорад. Омӯзиши арзишҳои илмию адабии осори гузаштагон уфуқҳои номакшуфи илмро фатҳ ва гӯшаҳои норавшани таҳқикро равшану возеҳ месозад. Муҳаққиқони адабпажуҳ дар ин замина кӯшишҳои пурсамар анҷом дода, мероси зиёди хаттиро ба таҳқиқ гирифтаанд. Аммо ҳанӯз ин хазинаи пурбори маънӣ ҳазорон дурри гаронбаҳое, ки аз манзари пажуҳишгарон дур мондаанд, дар худ дорад. Дар ин замина, аз ҳама бештар он идда аз мероси адабӣ ворид мешаванд, ки ниёгони мо онҳоро бо заруратҳои бар аҳли илм равшан бо забони арабӣ ба қалам овардаанд, ки хушбахтона теъдоде аз ин осор ба забони форсӣ-тоҷикӣ тарҷума шуданд. Яке аз чунин сарчашмаҳои муҳимми насри ирфонӣ «Рисолаи қушайрия»-и Абулқосими Қушайрӣ мебошад, ки дар миёни осори адабӣ мақоми волое дошта, таъсири зиёде ба осори манзуму мансури адабиёти классикии форсӣ-тоҷикӣ гузоштааст. Зеро Абулқосими Қушайрӣ дар таърихи адабиёти тасаввуфию ирфонӣ аз чеҳраҳои маъруфу машҳур ба шумор мерафт. Дар асри XI орифоне чун Абулҳасани Харақонӣ (ваф. 425), Абусаид Абулхайр (ваф. 440) ва Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ (ваф. 481) зиндагӣ мекарданд, ки Қушайрӣ аз назари мартаба ва фарогирӣ бар улуму маорифи он аср аз тафсиру ҳадису калом то илмҳои маъмули дигар бар садри тамоми онҳо қарор дошт. «Рисолаи қушайрия»-и ӯ дар радифи муҳимтарин сарчашмаҳои осори мансури ирфонии адабиёти классикии форсӣ-тоҷикӣ қарор дорад, ки таъсири назаррасе ба осори адабии баъд аз худаш гузоштааст.

Аз ин нуктаи назар омӯзишу таҳқиқи «Рисолаи қушайрия»-и Абулқосими Қушайрӣ дар шинохти мақому ҷойгоҳ ва вижагиҳои адабию ҳунарии ин асари арзишманд ва умуман, осори адабӣ қобили таваҷҷуҳ аст. Чунонки муҳаққиқон ҳам қайд намудаанд, осори манзуму мансури ирфонии адабиёти классикии форсӣ-тоҷикӣ бахши муҳимми мероси пурғановати фарҳанги миллии моро ташкил намудааст. Аз ин рӯ, бидуни омӯзиши адабиёти тасаввуф ва ҷараёнҳои

он дар асрҳои миёна, шинохти адабиёти асил ва чеҳраҳои дурухшони он имконнопазир аст.

Ҳарчанд бахши асосии осори ирфонии моро осори манзум бар худ ихтисос додааст, вале дар баробари ин осори мансури адабиёти тасаввуф ҳам дорои аҳаммият аст. Чунонки академик Носирҷон Салимӣ дар мавриди арзиши осори мансури суфия ва мақоми он дар таърихи адабиёти классикии форсӣ-тоҷикӣ навиштааст: «Ҳамин тариқ, осори мансури суфиёна бо равиши хоси нигоришу баён, услуби хосса ва матолиби табақоти муайяни ҷомеа тавонист, ки шохаи муҳими насри форсиро ба миён оварда, дар заминаи ин дастаҳои ҷудогонаи анвоъи вижаи асарҳои суфиёнаро дар қаламрави адаби форсӣ ҳамчун сурати комили навъҳои адабӣ рӯи кор оварад. Омӯзиши муҳтаво ва матолиби осори суфия аз нигоҳи мақом ва арзиши адабиву бадеии онҳо аз ҷумлаи масоилест, ки имрӯз дар илми адабиётшиносӣ бояд ҷойгоҳи шоистаи худро дарёфт намояд» [102, с. 260-261].

«Рисолаи қушайрия» яке аз нахустин ва муҳимтарин китобҳо дар боби мавзуъҳои мухталифи тасаввуф аст, ки дар дарозои таърих ба унвони яке аз ҷомеътарин ва устувортарин таълифот дар заминаи осори ирфонӣ ба ҳисоб меояд. Пас, таҳқиқи ҷанбаҳои ҳунарию адабии он дар шинохту маърифати осори мутасаввифа нақши калидӣ дорад, ки ин зарурат ва мубрамияти таҳқиқи мавзуъро возеҳ нишон медиҳад.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ.** Дар робита ба арзишу аҳаммияти адабиёти суфия пажуҳишҳои арзишманде бо кӯшишу ҳиммати донишмандон ба миён омадааст, ки аз ҷумла таҳқиқоти Абдулҳусайни Зарринкуб, Бадеуззамони Фурӯзонфар, Муҳаммадризо Шафеии Кадканӣ, Василий Андреевич Жуковский, Евгений Эдуардович Бертелс, Рейнолд Николсон, Ҳилмут Ритер, Анна Мерри Шиммел, Расул Ҳодизода, Маҳмадқул Ҳазратқулов ва дигарон мебошанд. Бо вуҷуди таҳқиқоти зиёди донишпажуҳон, то кунун иддае аз расоил ва кутуби мансури суфия, махсусан қисмате аз таълифот, ки нахуст ба арабӣ таълиф гардида, сипас ба форсӣ-тоҷикӣ тарҷума шудаанд, ба таври боиста мавриди пажуҳиш қарор нагирифтаанд. Хосса, дар адабиётшиносии

тоҷик бо сабабҳои маълуми сиёсӣ ва маҳдудаҳои ғоявӣ то андозае осори суфия ва таҳқиқу баррасии онҳо ба таъхир афтод. Хушбахтона, дар замони Истиқлол ба омӯзишу таҳқиқи осори суфия таваҷҷуҳ бештар гардид. Ба таври умум, таъйини меъёрҳои муайян дар шинохти ҷанбаҳои ҳунарии насри ирфонӣ боис шуд, ки дар давоми чанд соли охир таҳқиқоте дар ин замина бештар бар пояи шеваи баён, сабки таълиф, истифодаи саноеи бадеӣ, корбурди ашъор ва ҳикоёту тамсил дар таркиби осори мансури ирфонӣ ба миён ояд. Аз ҷумла, дар рисолаҳои илмии адабиётшиносони тоҷик Баҳром Мирсаидов «Поэтикаи насри ирфонии достонҳои рамзии манзум ва мансур», «Арзишҳои адабиву бадеии тафсири ирфонии «Кашф-ул-асрор»-и Майбудӣ дар таҳқиқоти Фахриддин Насриддинов, «Эъҷози хусравӣ»-и Амир Хусрави Деҳлавӣ ва суннатҳои номанигорӣ дар таърихи адабиёти форсии тоҷикӣ (асрҳои X-XIV)» дар рисолаи Мисбоҳиддини Нарзиқул, «Арзишҳои адабии «Тазкират-ул-авлиё»-и Аттори Нишобурӣ дар рисолаи Муътабар Оқилова, «Ҷанбаҳои ҳунарии «Кашф-ул-маҳҷуб»-и Ҳуҷвирӣ» дар рисолаи Фаррух Салимов, «Вежагиҳои адабиву бадеии «Табақот-ус-суфия»-и Абдуллоҳи Ансорӣ дар таълифи Меҳринисо Очилова, «Ҷанбаҳои поэтикӣ ва масъалаҳои матншиносии осори мансури Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ (дар мисоли «Фиҳи мо фиҳи» ва «Маҷолиси сабъа») таълифи Сорбон Азизов ва осори дигари ирфонӣ ба риштаи таҳқиқ кашида шудаанд.

Аз ин рӯ, бар асоси ҳамин ниёзҳои фароҳамомада, дар пажуҳиши амиқи осори суфия аз диди фарогирии арзишҳои муҳимми адабӣ ва таҷассуми ҷанбаҳои ҳунарӣ дар онҳо, зарурати таҳқиқи бештар ба ин ҷанбаи осори мазкур, бахусус таълифоти Абулқосими Қушайрӣ ба миён меояд.

Ҳарчанд осори Кушайрӣ, махсусан «Рисолаи қушайрия» фарогири муҳимтарин матолиб ва масоили тасаввуфи назарию амалӣ ба шумор рафта, дар байни осори мансури ирфонии адабиёти классикии форсӣ-тоҷикӣ нақши бориз дорад, вале то кунун дар адабиётшиносӣ ба андозаи кофӣ таҳқиқ нашудааст.

Дар робита ба зиндагиномаи Абулқосими Қушайрӣ ва «Рисолаи қушайрия», умуман дар адабиётшиносии тоҷик таҳқиқоти мукаммалу

монографӣ сурат нагирифтааст. Бори нахуст маълумоти қомусиро адабиётшинос М. Ҳазратқулов додааст. Дар китобҳои таърихи адабиёт ҳам маълумот роҷеъ ба Қушайрӣ ва осори ӯ дарҷ нашудааст. Академик Салимӣ Носирҷон ҳам бисёр маълумоти кӯтоҳ дар бораи «Рисолаи қушайрия» додааст. Бори нахуст матни «Рисолаи қушайрия» соли 2014 дар шаҳри Хуҷанд бо кӯшиши адабиётшинос Муътабар Оқилова дар асоси тасҳеҳи Бадеуззамон Фурӯзонфар ба хатти сирилик баргардон шуд, ки дорои як муқаддима роҷеъ ба Қушайрӣ ва рисолаи ӯ мебошад. Дар воқеъ, баргардон ва нашри «Рисолаи қушайрия» дар адабиётшиносии тоҷик иқдоми наҷиб ва заминае ба таҳқиқу пажуҳиши осори Қушайрӣ гардид.

Маълумоте, ки адабиётшиносони эронӣ ва шарқшиносони рус ба монанди Забеҳулло Сафо [104], Саид Нафисӣ [91], Шафеии Кадканӣ [75], Василий Андреевич Жуковский, Евгений Эдуардович Бертелс [61; 62] дар зимни баррасии масъалаҳои адабиёти тасаввуф роҷеъ ба Қушайрӣ ва осори ӯ додаанд, хеле мухтасар аст. Бори нахуст Бадеуззамони Фурӯзонфар дар соли 1345 ҳ. ш. /1967 м. бо як муқаддимаи муфассал дар асоси се нусхаи хаттӣ «Рисолаи қушайрия»-ро тасҳеҳ ва нашр намуд, ки баъдан, тасҳеҳи мазкур чандин бор таҷдид ва чоп ҳам шуд [18]. Пас аз он соли 1390ҳ. ш. /2012 м. Маҳдии Муҳаббатӣ дигарбора «Рисолаи қушайрия»-ро тасҳеҳ ва бо муқаддимае нашр намуд [19]. Тасҳеҳи тоза аз «Рисолаи қушайрия» дар соли 1396 ҳ. ш. /2018 м. ба эҳтимоми Сайида Марям Равзотиён ва Сайидалӣ Асғари Мирбоқирифард бо муқаддимае аз чоп баромад [20]. Дар баробари ин, мақолаҳои ҷудогонае ҳам дар хусуси арзишу аҳаммияти «Рисолаи қушайрия» таълиф шудааст.

Пешинаи таҳқиқи мавзуъ баёнгари он аст, ки то имрӯз дар адабиётшиносии чи дохили кишвар ва чи берун аз он арзишҳои адабию ҷанбаҳои ҳунарии «Рисолаи қушайрия» ба доираи таҳқиқ гирифта нашудааст.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо ва мавзуъҳои илмӣ.** Диссертатсия дар доираи барномаи дурнамои корҳои илмӣ-таҳқиқотии кафедраи назария ва таърихи адабиёти факултети филологияи тоҷики Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ барои солҳои 2018-2024, ки ба таҳқиқу нашри осори адибони классикӣ ва муосир бахшида шудааст, таълиф ёфтааст.

## Тавсифи умумии таҳқиқот

**Мақсади таҳқиқот.** Мақсади асосии кори диссертатсионӣ муайян кардани арзишҳои адабӣ ва таҳқиқи сохтору мундариҷа, забону сабки баён, таъсиргузорӣ ба осори ирфонӣ, мавқеи истилоҳоти ирфонӣ, шеваҳои корбурди ҳикоёт дар «Рисолаи қушайрия»-и Абулқосими Қушайрӣ мебошад.

**Вазифаҳои таҳқиқот.** Барои ноил шудан ба мақсади мазкур диссертант дар назди худ иҷрои чунин вазифаҳоро гузоштааст:

– муруре ба ҷойгоҳи тасаввуф ва нуфузи шахсиятҳову мактабҳои ирфонӣ то замони Абулқосими Қушайрӣ;

– таъсир ва нуфузи Қушайрӣ дар адабиёти тасаввуф;

– дар асоси сарчашмаҳо баррасии ҷараёни зиндагӣ ва нишон додани аҳаммияти осори Қушайрӣ;

– баррасии сохтору мундариҷа ва таҳлили мавзуии бобҳои китоб;

– таҳлили тарҷумаҳои форсии «Рисолаи қушайрия» ва нишон додани аҳаммияти онҳо;

– тасниф ва баррасии тарҷумаҳои форсии «Рисолаи қушайрия»;

– таҳқиқи вижагиҳои забонӣ ва сабкшиносии рисола дар муқоиса бо осори дигари ирфонӣ;

– вижагиҳои шарҳу тавзеҳи истилоҳоти ирфонӣ ва мавқеи онҳо дар маърифати осори мутасаввифа;

– шеваҳои корбурд ва сохтору муҳтавои ҳикоёт дар «Рисолаи қушайрия»;

– таъсири «Рисолаи қушайрия» ба осори ирфонӣ ва баррасии муқоисавии он бо «Кашф-ул-маҳҷуб»-и Ҳуҷвирӣ.

**Объекти таҳқиқот**ро адабиёти классикии асрҳои X-XII, насри ирфонӣ, ҷараён ва мактабҳои тасаввуфӣ, осори илмии ба ин давраи адабиёт бахшидаи донишмандон, донишномаҳои умумӣ ва соҳавӣ, фарҳангномаҳо, ҷунгу сафинаҳо ташкил додааст.

**Предмети таҳқиқот**ро омӯзишу пажуҳиши зиндагинома ва мероси Абулқосими Қушайрӣ дар асоси сарчашмаҳо, тарҷумаи форсии «Рисолаи қушайрия», ки тавассути заҳамоти Бадеуззамони Фурӯзонфар тасҳеҳу таҳия

шудааст, ташкил медиҳад. Дар ин замина, муайян сохтани арзишу аҳаммияти тарҷумаи форсии «Рисолаи қушайрия», пажуҳиши вижагиҳои сохторию маъноии он, забону сабки баён барин масъалаҳо ба мушаххас намудани предмети таҳқиқот равона шудаанд.

**Асосҳои назариявии таҳқиқот.** Дар ҷараёни пажуҳиши кори диссертатсионӣ ба дастовардҳои илмии адабиётшиносони ватанию хориҷӣ чун, Евгений Эдуардович Бертелс, Рейнолд Николсон, Абдулҳусайни Зарринкӯб, Бадеуззамони Фурӯзонфар, Шафеии Кадканӣ, Сируси Шамисо, Расул Ҳодизода, Худоӣ Шарифов, Абдуманнон Насриддинов, Раҳими Мусулмониён, Абдунабӣ Сатторзода, Носирҷон Салимӣ, Шамсиддин Солеҳов, Мисбоҳиддини Нарзиқул ва дигарон такя карда шудааст.

**Навгонии илмии таҳқиқот.** Дар адабиётшиносии тоҷик бори нахуст зиндагинома ва арзишу аҳаммияти «Рисолаи қушайрия»-и Абулқосими Қушайрӣ мавриди пажуҳиши ҳамаҷониба қарор гирифтааст. Дар адабиётшиносии тоҷик то кунун масъалаҳои осори мансури ирфонӣ, махсусан осоре, ки нахуст ба арабӣ таълиф гардида, баъдан тарҷумаи форсӣ-тоҷикии он рӯйи кор омадааст, камтар мавриди таваҷҷуҳ қарор гирифтааст. Аз ин дидгоҳ масъалаҳои дар рисола таҳқиқгардида бори нахуст дар адабиётшиносӣ рӯйи кор омадааст.

Муайян карда шуд, ки «Рисолаи қушайрия» яке аз муҳимтарин сарчашмаҳои адабӣ-ирфонӣ буда, аз назари сохтору мундариҷа, вижагиҳои забонӣ ва сабки баён, шеваҳои шарҳи истилоҳоти ирфонӣ, сохтору муҳтаво ва усули корбурди ҳикоёт мавриди таҳқиқ қарор гирифт. Бар илова пажуҳиши мо ба исбот расонид, ки «Рисолаи қушайрия» дар баробари дорои арзишу аҳаммияти адабӣ, инчунин яке аз муҳимтарин сарчашмаҳои осори ирфонӣ ба шумор меравад. Зимнан, масъалаи ҷараёни зиндагӣ, мероси адабии Қушайрӣ ва мақому нуфузи ӯ дар адабиёти тасаввуф ҳам дар рисола баррасӣ шудааст. Ба ин тариқ, масъалаҳои дар рисола баррасишуда бори аввал ба ин тарз дар адабиётшиносии тоҷик таҳқиқ мешавад.

**Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда:**

1. Пайдоишу ташаккули адабиёти тасаввуф ва нуфузи мактабҳову шахсиятҳои ирфонӣ то замони Қушайрӣ, таъсири муҳиту замон ва намояндагони бузурги мутасаввифа ба ҷаҳонбинию афкори Қушайрӣ, мақому нуфузи Қушайрӣ дар асри худ ва таъсири андешаҳои ӯ ба адибон таҳқиқ гардид.

2. Таҳлили сохтору мундариҷа ва баррасии муҳимтарин мавзуоти «Рисолаи қушайрия», дараҷабандии матолиби ирфонӣ бо усули тавзеҳдиҳии мазмуну мундариҷа, сарчашмаҳои муҳимми асари мазкур, ҳадафу мақсади муаллиф дар ҷараёни таълифи рисола маҳсуб меёбад.

3. «Рисолаи қушайрия» бо сабки ҷаззоб ва бархурдор аз падидаҳои ҳунарӣ ба қалам омадааст, ки мақоми мутарҷими онро дар ҳунари нависандагӣ ҷилвагар месозад.

4. Баррасии таъсири «Рисолаи қушайрия» ба осори манзуму мансури адабиёти тасаввуф дар шинохту маърифати осори ирфонӣ аз омилҳои муҳим буда, таҳқиқи муқоисавии он бо яке аз аввалин рисолаҳои мансури ирфонӣ – «Кашф-ул-маҳҷуб»-и Ҳуҷвирӣ бозгӯи таҳқиқи муҳимтарин масъалаҳои назариву амалии адабиёти суфия мебошад.

**Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот.** Маводди диссертатсия ва дастовардҳои илмии бадастовардаи муаллифро дар баррасии масъалаҳои назариявию амалии адабиёти ирфонии форсӣ-тоҷикӣ, инчунин, дар таҳқиқоти монографӣ оид ба осори мансури суфия ва шинохти Абулқосими Қушайрӣ метавон истифода бурд. Натиҷаҳои пажуҳиш, ҳамчунин, дар шинохти раванди такомулии падидаҳои адабӣ ва назарияпардозиҳо оид ба масъалаҳои ирфону тасаввуф маводди муфид хоҳад дод.

Маводди диссертатсия ва хулосаҳои он дар самти таҳқиқи масоили меҳварии адабиёти классикии форсии тоҷикӣ, таълиму тадриси фанҳои «Назарияи адабиёт», «Таърихи адабиёти форсии тоҷикӣ» (давраи тасаввуф), «Шарҳнигорӣ», «Сабкшиносӣ», «Таҳлили матни асари бадеӣ», дар таълими курсҳои махсуси адабиёти ирфонӣ, таҳияи дастурҳои таълимӣ, таълифи

китобҳои дарсӣ ва илмӣ, диссетататсияҳо, рисолаҳои магистрӣ ва хатми донишҷӯён метавонад мавриди истифода қарор гирад.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот.** Маводди таҳқиқии диссертатсионӣ бар асоси равишҳои санҷидашудаи илмӣ, таҳлилҳои фасеҳ, далеловариҳои бамаврид, баҳсҳои ҷолиб, натиҷагириҳои амиқ ва хулосабарориҳои эътимодбахш бо низоми муайяну пайдарпайи илмӣ таҳия гардидааст. Нуктаҳои муҳим ва дастовардҳои илмии диссертант аз таҳқиқоти худ дар семинарҳои илмӣ, ҳамоишу конференсияҳои сатҳи мухталиф дар қолаби маъруза, гузориш ва тезис ироа шуда, аз тарафи аҳли илм баҳои мусбат гирифтааст. Ба ин тартиб, диссертант ҳамаи мақсаду вазифаҳое, ки дар таҳқиқи мавзуъ дар пеши худ гузоштааст, дар сатҳи хуби илмӣ иҷро намуда, ниҳоят автореферати диссертатсия ва матни комили пажуҳишро рӯйи кор овардааст.

**Мутобиқати диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Мавзуи диссертатсия дар доираи шиносномаи ихтисоси 6D021400 – Адабиётшиносӣ (6D021401 – Назарияи адабиёт ва сабкшиносӣ) таҳқиқ гардидааст ва масъалаҳои дахлдори он ба бандҳои зерини ихтисоси мазкур мувофиқат мекунад:

**– банди 3. Адабиёти тоҷик дар аҳди Сомониён,** пайдоиш ва шаклгирии анвои адабӣ, мавзуъ, мундариҷа ва сохтори бадеии осори онҳо, ривоҷи ҳаёти адабӣ дар ин аҳд, мундариҷа ва анвои адабию сабкии он, маъхазҳо, сарчашмаҳо ва осори илмию адабии доир ба ин давра. Таҳқиқи аҳволу осори адибону олимони аҳди Рӯдакӣ, иртиботи адабиёти форсии тоҷикӣ бо адабиёти халқҳои дигар.

**– банди 4. Адабиёти асрҳои XI-XII.** Вазъи адабии Мовароуннаҳру Хуросон дар ин давра, осори шоиру нависандагони ин давра, пайдоиши анвои тозаи адабӣ, ривоҷи насри форсии тоҷикӣ, эҷодиёти намояндагони адабиёти асрҳои XI-XII, мухтассоти сабкӣ ва адабии осори ин давра, адабиёти тасаввуфӣ, пайдоиш ва осори намояндагони он, нуфузи минбаъдаи тасаввуф дар инкишофи адабиёти форсии тоҷикӣ, осори муҳимми тасаввуфӣ, хасоиси адабию бадеӣ ва маънавию ахлоқии он.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.** Диссертант ҳангоми таҳсил дар зинаи магистрӣ ва докторӣ (PhD) ба таҳқиқу баррасии рӯзгору осори Абулқосими Қушайрӣ ва арзишҳои адабии тарҷумаи форсии «Рисолаи қушайрия» пардохта, пажуҳишҳои илмии дар ин замина анҷомшударо мавриди таҳлил қарор додааст. Ҳамчунин, саҳми муаллиф дар тамоми корҳои амаливу назарии доир ба мавзуи анҷомдодааш, ки дар қисматҳои муқаддимаи диссертатсия то ин ҷо ба қайд омад, зоҳир шуда, омодасозии мақолаву маърузаҳо ҳам ба шумори дастовардҳои шахсии диссертант дохил мешаванд. Маҷмуан, натиҷаҳои бадастомада дар робита ба арзишу аҳаммияти тарҷумаи форсии «Рисолаи қушайрия» дар диссертатсия ҳосили таҳқиқи шахсии муаллиф мебошанд ва саҳми шахсии ӯро дар ин самт мушаххас месозанд.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия.** Муҳтавои асосии диссертатсия дар 8 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 5 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр расида, дар шакли маърузаҳо дар конференсияҳои ҷумҳуриявию байналмилалӣ, аз ҷумла дар конфронси байналмилалии «Мероси хаттии Осиёи Марказӣ: масъалаҳои нусхашиносӣ, тарҷума, накди мутуни адабӣ (Хуҷанд, 31. 05. 2022), дар конфронси ҷумҳуриявии илмӣ-назариявии «Саъдӣ ва инкишофи ғазал» (Хуҷанд, 28-29. 04. 2023), «Баъзе вижагиҳои маърифатӣ ва адабии «Рисолаи қушайрия»-и Абулқосими Қушайрӣ» (Душанбе, 2025) ва дар конфронсҳои донишгоҳии илмию назариявии ҳайати профессорону устодони Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ ва ғайра мавриди таҳлилу муҳокимаву баррасӣ қарор гирифтааст.

Диссертатсия дар ҷаласаи кафедраи назария ва таърихи адабиёти (суратҷаласаи №7/1, аз 27.02.2026) факултети филологияи тоҷики Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ муҳокима гардида, ба ҳимоя пешниҳод шудааст.

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Аз рӯйи мавзуи диссертатсия 8 мақола ба нашр расидааст. Аз ин шумор 5 мақола дар маҷаллаҳои

тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп гардидааст. Ду мақолаи илмӣ дар маҷмуаҳои дигари илмӣ ба табъ расиданд.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Диссертатсия аз муқаддима, се боб, нуҳ фасл, хулоса ва рӯйхати адабиёт иборат аст. Ҳаҷми умумии диссертатсия 170 саҳифаи чопиро ташкил мекунад.

## Боби I. Ҷойгоҳи Абулқосими Қушайрӣ ва «Рисолаи қушайрия»-и ӯ дар адабиёти форсӣ-тоҷикӣ

### 1.1. Назаре ба ҷойгоҳи тасаввуф ва нуфузи мактабҳои ирфонӣ дар замони Қушайрӣ

Зоҳиран, калимаи «суфӣ» аз асри дувуми ҳиҷрӣ, асри нуҳуми мелодӣ дар баъзе аз сарзаминҳои машриқзамин мутадовил гардид ва дар ин айём афроде чун Молик ибни Динор, Ҳабиби Аҷамӣ, Абуҳошими Суфӣ ва чанде дигар чун табақаи аввали суфиён фаъолият доштанд. Он афрод, ки дар ин аҳд «суфӣ» хонда мешуданд, ҷамъияте хосса надоштанд ва мактаби назарии вижаро доро набуданд, танҳо чун нафарони зоҳид ва дунёро тарк намуда муаррифӣ мешуданд. Аз асри савуми ҳиҷрӣ, асри даҳуми мелодӣ суфиён батадриҷ дорои ҷамъияти хосса гардиданд ва робитаи муроду муридӣ байни эшон рӯ ба рушд ниҳод. Муршидон нахустин таълифотро дар заминаи орову ақидаи хеш ба қалам оварданд ва пешорӯи муридон чун дастури таълимӣ арза доштанд. Дар оғози ин аҳд онҳо дар шаҳрҳои мухталиф пароканда буданд ва аз нимаи дувуми ин давра то ҷое маркази муҳиммеро ташкил доданд, ки он Бағдод буд. Дар ин давра ва чанд даҳсолаи баъд суфиёни номваре чун Ҷунайди Бағдодӣ, Абулҳусайни Нурӣ, Абусаиди Харроз, Ибни Атои Адамӣ, Абубакри Шиблӣ дар ин шаҳр ба иршоди муридон мепардохтанд. Аз байни онҳо Ҷунайд мақоми хосса дошт. Аз он рӯзгор ба баъд бисёре аз суфиёни Хуросону Мовароуннаҳр, Мисру Шом ва Ироқу Озарбоҷон тариқаи худро ба ӯ мансуб месохтанд. Бештар ба василаи ҳамин марказ тасаввуф дар сарзамини Хуросону Мовароуннаҳр роҳ пайдо кард ва дурахшонтарин чеҳраҳоро бар ҷаҳони адабу ирфон тақдим намуд.

Бино ба маълумоти манобеъ, тасаввуф дар асри нуҳуми мелодӣ арзи ҳастӣ намуд ва то асри даҳуми мелодӣ, бештар дар атрофи масоили зуҳду ибодат, яъне ирфони амалӣ мечархид. Ба таъкиди Бертелс ҷунбиши зуҳҳод, ки дар асри нуҳуми мелодӣ аз Ироқ ба Хуросон омада буд, дар оғоз, асосан дар наздикии Балх, ки фаъолияти Иброҳими Адҳам ва пайравонаш дар он ҷо ҷараён дошт,

мутамарказ шуда буд, аммо марбут сохтани ин ҷунбиш танҳо бо як нуқтаи муайян имконнопазир аст [62, с. 251].

Аз ин маълумот бармеояд, ки тасаввуф аз асри даҳум ба тариқи гуруҳиву ҷамъиятӣ ташаккул ёфт. Дар ин давра Бағдод ҳамчун маркази таҷаммуъ ва меҳвари ин мактаб қарор гирифт. Ҷунайди Бағдодӣ, Абулҳусайни Нурӣ, Шиблӣ ва чанд орифи дигар дар садри он қарор доштанд. Дар ин аҳд нахустин навиштаҳо дар мавриди мабонии фикрии суфиён ба қалам омад. Ибни Надим аз таълифи суфиёне аз ин аҳд ба мисли Ҳорис ибни Асад, Абдулазиз ибни Яҳё, Мансур ибни Аммор, Бурҷулонӣ, Ибни Ҷунайд, Саҳли Тустарӣ, Абуҳамзаи Суфӣ, Ҷунайди Бағдодӣ ва чанде дигар маълумот додааст [26, с. 320-323]. Аксари ин таълифот рисолаҳо буданд ва муқаддамоти назарияи суфиён дар онҳо ба қалам меомаданд. Аз ин аҳд ба баъд давраи ташаккули назарияи суфия оғоз гардид. Дар ин давра тасаввуф дар ҷомеа нуфузи хеле чашмгир пайдо намуд. Аз давраҳои қабл таъну бадгӯӣ дар мавриди суфия вуҷуд дошт. Махсусан, мутаассибони мактаби аҳли ҳадис суфияро беасл талаққӣ менамуданд. Чун дар ин давра суфиён эътибори беш аз пеш пайдо намуданд, мавҷҳои мухолифат низ сахттар бархостан гирифт. Дигар ин вазъият машоихи суфияро водор месохт, то болои ин масъала бештар бияндешанд. Барои соҳибмактабон аз ду манзар ба пайкори фикрӣ ва навиштани осори назарӣ камари ҳиммат бубанданд. Яке дифоъ аз назарияи хеш, дувум огоҳ сохтани муридон аз масъалаҳои ирфон, то ноустуворӣ дар бинои фикрии онон раҳ наёбад ва суботу устуворӣ дар онҳо падид ояд.

Дар ин замина Абунаср Сарроҷи Тӯсӣ бо «ал-Лумаъ фит-тасаввуф», Калобозӣ бо «ат-Таарруф ли мазҳаби аҳли-т-тасаввуф», Ҳакими Самарқандӣ бо таълифоти зиёд, Абусаиди Харгӯшӣ ба «Таҳзиб-ул-асрор» ва чанде дигар ба майдон ворид гардиданд.

Яке аз маъруфтарин донишмандони ин аср Абуабдурраҳмон Суламӣ мебошад. Ба тасреҳи манобеъ Суламӣ дар ин аҳд бештар аз сад китобу рисола ба қалам овардааст. Бештари осори зикршуда бо ҳадафи огоҳ сохтани муридон аз асли тасаввуфу ирфон таълиф гардиданд, ки «Ҳақоиқ-ут-тафсир», «Китоб-ус-

самоъ», «Манохиҷ-ул-орифин», «Торихи суфия», «Табақот-ус-суфия», «ал-Маломатия», «Насим-ул-арвоҳ», «Китоб-ул-футувват», «Арбаин» ва шуморе дигар аз ҷумлаи онҳост.

Дар асри X дар шаҳрҳои Нишопур, Марв, Балх, Бухоро, Самарқанд, Тирмиз ва ғайра пешвоёни бонуфузи тасаввуф пайравони худро роҳнамоӣ менамуданд ва дар хонақоҳ ва масҷиду мадрасаҳо аз маснади ваъзу иршод бар тарвиҷи ақидаи хеш мекӯшиданд. Дар ҳамин давра буд, ки бори аввал муҳимтарин дастур ва таълифоти суфия навишта шуд, зеро қабл аз ин давра ҳама дар рисола ва ҷузваҳо, ки бештар ҷанбаи амалӣ дар онҳо ғолиб буд, ба қалам меомаданд. Муҳимтарин осори ирфонӣ ба мисли «Қут-ул-қулуб»-и Абутолиби Маккӣ, «ал-Лумаъ фи-т-тасаввуф»-и Абунаср Сарроҷи Тӯсӣ, «ат-Таарруф ли мазҳаби аҳли-т-тасаввуф»-и Абубакри Калобозӣ, «Таҳзиб-ул-асрор»-и Абусаид Харгӯшии Нишопурӣ, «Ҳақоиқ-ут-тафсир», «Таърихи суфия», «Табақот-ус-суфия»-и Абуабдурраҳмон Суламӣ ва ғайра дар ҳамин давра арзи ҳастӣ намудаанд. Дар давраи мазкур тобандатарин чеҳраҳои тасаввуф умр ба сар бурда, ҳар яке бо тарбияти муридон ва таснифи рисолаву осори ирфонӣ дар ташаккули тасаввуф нақши муассир бозидаанд. Ин ҷо бонуфузтарини онҳо ба ихтисор муаррифӣ мешаванд.

Абуусмони Ҳирӣ (ваф. 298/911), ки ба саромадони тасаввуф дар Хуросон Абуҳафси Ҳаддоди Нишопурӣ (ваф. 270/883), Аҳмад ибни Хизравияи Балхӣ (ваф. 240/855), Ҳамдуни Қассор (ваф. 271/884) иродат дошт ва дар тарбияти эшон дар ташаккули маломатия дар Хуросон нақши муассир бозид. Ӯ аз Рай будааст. Бо муридони Яҳё ибни Муози Розӣ мурофиқат дошт. Бо Шоҳ Шуҷои Кирмонӣ ба маҳзари Абуҳафси Ҳаддод ҳозир омад ва тариқаи маломатияро фаро гирифт. Дар Нишопур мураввиҷи асосии ин тариқа ба ҳисоб мерафт. Аз ин ҷост, ки мақоми ӯро дар Хуросон чун ҷойгоҳи Ҷунайд дар Бағдод донистаанд [11, с. 63].

Орифи дигар Муҳамад ибни Фазли Балхист (ваф. 319/931), ки дар зуҳду ваъз дар Балх машҳур буд. Ӯ суҳбати Абуусмони Ҳирӣ ва Аҳмад ибни

Хизравияро дарёфта буд. Дар илми ҳадис тавоно буда ва дар аҳкому ибодот осоре таълиф намудааст.

Абулҳасани Варроқ, Муҳаммад ибни Саъди Нишопурӣ (ваф. такр. 320/932), ки аз ҷумлаи машоихи бузурги Нишопур буда ва аз гурӯҳи аввали шогирдони Абуусмони Ҳирӣ маҳсуб мегардид. Абулҳасани Варроқ аз улуми зоҳиру ботин огоҳии комил доштааст.

Саффори Исфаҳонӣ, Абуабдуллоҳ Муҳаммад ибни Абдуллоҳ (ваф. 339/950) аз суфиёни машҳуре, ки тақрибан, дар соли 297/910 дар ҳоле ки мактаби Абуусмон дар Нишопур дар авҷи ташаккул буд, вориди ин шаҳр шуд ва то охири умр он ҷо зистааст. Саффори Исфаҳонӣ дар илми ҳадис тасаллути комил дошта ва китобҳои зиёд таълиф кардааст.

Абуамр Исмоил ибни Нуҷайди Суламӣ (ваф. 366/977), ҷадди модарии Абуабдурраҳмон Суламӣ, ки дар ташаккули шахсияти ӯ хеле саҳмгузор будааст. Абуамри Суламӣ ба Абуусмони Ҳирӣ иродат дошта ва аз зоҳидону муҳаддисони номвари он аҳд ба ҳисоб мерафтаат. Дар тариқати хеш сахткӯш будааст. Воқеоти ҷолибе аз макорими ахлоқи ӯ дар манобеъ мазкур аст.

Абулқосими Насрободӣ (ваф. 367/978) ориф ва муҳаддиси пуровоза дар Нишопур рушд намудааст. Дар шаҳрҳои мухталифи Эрон, Ироқ, Ҳиҷоз, Шом ва Миср барои касби илму зуҳд сафар намудааст. Абуабдурраҳмон Суламӣ соли 366/977 бо ӯ ба сафари ҳаҷ а ва дар шаҳрҳои мухталиф ҳамроҳаш ҳадис шунидааст. Абулқосими Насрободӣ дар тарвиҷи назарияи Мансури Ҳаллоҷ таваҷҷуҳи хосса зоҳир намудааст.

Аз машоихи маъруфи ин аҳд, ки дар ҳудуди соли 370/981 дар Бухоро мезист, Абубакри Полизбон аст. Ӯ маҳзари Ҷунайдро дарёфта буд.

Номвари дигари суфия аз ин аҳд Абунаср Саррочи Тӯсӣ (ваф. 378/988) аст, ки дар маҳзари Ҷаъфари Хулдӣ ва Ибни Ато тариқат омӯхтааст. Ӯ аз ҷумлаи он машоих аст, ки алоқаи суфияро бо китобу суннат собит сохта ва китоби «ал-Лумаъ»-и хешро, ки аз ҷумлаи муҳимтарин осори ирфонист, дар ин замина ба қалам овардааст.

Пештози дигари мактаби суфияи асри X Абубакр Муҳаммад ибни Иброҳими Калобозӣ (ваф. 385/995) мебошад, ки аз кибори муҳаддисон ва суфиёни Бухоро ҳисоб меёбад. Ӯ бо китоби «ат-Таарруф ли мазҳаби аҳли-т-тасаввуф»-и хеш бар тавофуқи андешаи суфия ба суннат кӯшид.

Абулҳасани Бушанҷӣ, Алӣ ибни Аҳмад (ваф. 348/959) муҳаддис ва суфии номвари ин аҳд, ки бо Абуусмони Ҳирӣ, Абумуҳаммади Ҷурайрӣ, Абуамри Димишқӣ ва чанд орифи дигар мусоҳибат доштааст. Дар Нишопур хонақоҳе барпо намудааст. Ӯ аз охири пешвоёни равияи маломатӣ маҳсуб мегардад.

Бундори Сайрафӣ, Алӣ ибни Бундор (ваф. 359/970), ки муҳаддиси муътамади Нишопур буда ва аз аксари машоихи рӯзгори худро дидааст.

Абусаҳли Суълукӣ (ваф. 369/980), ки фақеҳ, муҳаддис ва орифи номии аҳди худ аст. Суҳбати Шиблӣ ва Абуалии Сақафиро дарёфта будааст. Дар тасаввуф устоди Абуабдурраҳмон Суламӣ маҳсуб мегардад. Суламӣ аз дасти ҳамин устод хирқа пӯшид ва иҷозати тарбияи муридонро дарёфтааст.

Номвари дигаре аз суфиёни ин аҳд Ҳаким Тирмизӣ (ваф. такр. 320/932) мебошад. Ҳакими Тирмизӣ бо тарбияти шогирдон ва таълифи осори арзишманд дар ин аҳд мақоми баланд дорад. Ӯ мактаби хоссае таъсис намуда, ки «ҳакимия» хонда мешавад. Ӯ дар фиқҳ, ҳадис, тафсир, калом, ирфон таълифоти зиёд овард, ки теъдоди онро бештар аз сад донистаанд. Дар боби ирфон рисолаи «Хатм-ул-вилоят»-и ӯ эътибори баландро касб намудааст [43, с. 543].

Суфии номвари дигар Абулаббос Қосим ибни Қосими Сайёрӣ (ваф. 432/1041) аст. Ӯ дар фиқҳ, ҳадис ва ирфон устод будааст. Бо Абубакри Воситӣ мусоҳибат доштааст. Чун аксари суфиёни ин аҳд дар ҷамъ байни шариат ва тариқат мекӯшид. Суфиёни Марв ҳама дар ҳалқаи ӯ ҳузур меоварданд.

Абулаббоси Насавӣ, Аҳмад ибни Муҳаммад ибни Закариё (ваф. 396/1006) фақеҳи шофеимазҳаб, муҳаддис ва суфии номвари мовароуннаҳрӣ мебошад. Ӯ нахустин нафарест, ки дар таърихи суфия китоб тадвин намудааст. Маҷлиси ҳадису имло доштааст. Суламӣ дар таълифи «Таърихи суфия»-и худ аз китоби ҳамноми ӯ баҳра бурдааст.

Аз маъруфтарин донишмандони ин аҳд Абуабдурраҳмон Суламӣ мебошад. Суламӣ дар ин аср аз ҳама бештар бо таълифи осори хеш бар ташаккули ирфони назарӣ ва амалӣ саҳм гузоштааст.

Фузайли Аёз низ дар тасаввуф ва адабиёти ирфонӣ аз шахсиятҳои маъруф ва таъсиргузор мебошад, ки дар бораи ӯ ва шахсияташ дар сарчашмаҳои адабӣ маълумоти гуногун баён шудааст. Албатта, ҳамаи маълумоте, ки роҷеъ ба Фузайли Аёз омада наметавонад, боварибахш бошад ва бархе аз онҳо ҷуз афсонаҳои бофта чизе беш нест. Аз ин рӯ, Бертелс қайд мекунад, ки зимни баррасии афсонаҳо перомуни Фузайл ба ин натиҷа расид, ки бештари онҳо самараи бофтаҳои адабӣ аст. Дар бисёре аз маворид оҳангҳоеро, ки ангезаи пайвастани аҷзои гуногун ба зиндагинома буда ва суннатҳои зиндагиноманависии тасаввуф пайдоиши онро эҷоб мекардааст, метавон дақиқан муайян ва зимнан ду бахш аз афсонаҳоро мушаххас кард. Дастаи аввал дар мактаби суфияи Хуросон, ки Қушайрӣ, Сулламӣ ва Ансориро метавон намояндагони хосси он мактаб ба шумор овард, дар асри ёздаҳ ва дувоздаҳуми мелодӣ падид омадааст. Ин мактаб, ки назариёти тарҳшудае дошт, мебоист зиндагиномаҳои машҳури суфияро дар чаҳорчуби худ ҷой диҳад. Агар ин кор дар мавриди муосирон ишколе надошт, дар мавриди фаъолияти шахсиятҳои даврони оғози тасаввуф, ки Фузайл аз он рӯзгор аст, бо ишкол рӯ ба рӯ буд. Марзи дақиқ байни зоҳид ва суфӣ набуд ва мебоист, марзе муайян шавад, ки имкон диҳад, зоҳиди нахустинро низ шомили суфия кунанд. Аммо ин зиндагиноманависон бо пардохтани афсонаҳо ҳануз каромот барои қаҳрамонони худ насохта буданд. Ин гоме буд, ки дертар бардошта шуд [62, с. 279].

Абулқосими Қушайрӣ низ аз маъруфтарин орифони асри худ мебошад, ки аз орову ақоиди машоихи маъруфи суфия, ки теъдоде аз онон дар боло зикр шуд, ҳақоиқу ирфонро омӯхтааст. Дар рисолаи мо, ки шахсияти илмӣ-ирфонӣ ва баррасии рисолае аз ӯ дар меҳвари таҳқиқ қарор дорад, гузориш дар ин мавзуъро ба фаслҳои дигари кор таҳвил медиҳем.

Абулқосими Қушайрӣ дар охирҳои давлатдории Сомониён ба дунё омада ва кору фаъолияти ӯ ба давраи подшоҳии Ғазанавиён рост меояд. Ҳукумати Ғазнавиён дар заминаи низоми сиёсии хонадони Сомониён арзи ҳастӣ карда, зимнан муҷиби ҳифзи суннатҳои мухталифи адабии гузаштагон гардидааст. Ҳарчанд руҳи форсӣ ва гиромидошти расму одатҳои миллии мо дар ин давра то андозае коҳиш меёбад, вале подшоҳони Ғазнавӣ тарҳу қолабҳои муносиботи иҷтимоиву фарҳангии давлати Сомониёнро маҳфуз медоранд. Тафовут дар он ба назар мерасад, ки Сомониён эҳёи сунатҳову русуми аҷдодӣ, таъриху тамаддуну арзишҳои дини бостониро ҳамчун нишонаи худшиносӣ қарор дода буданд, Ғазнавиён бошанд, дар таҳкиму интишори дини ислом, нигаҳдошту риояи муқаррароти аҳли суннату ҷамоат талош меварзиданд. Воқеаи таърихии аз байн рафтани давлати Сомониён низ ба гароишҳои мазҳабӣ вобастагӣ дошт. «Нуфузи ҷараёнҳои аҳли ташайюъ ва пуштибонии онҳо аз ҷониби амирони Сомонӣ боиси суқути ин хонавода гардид. Туркони Ғазнавӣ ба хотири поксозиву танзеҳи дини ислом охирҳои асри X ва ибтидои асри XI ба қатлу куштори амирону вазирони Сомонӣ, шахсиятҳои воломақоми адабиву сиёсии ин хонадон ва парвардагони онҳо даст заданд» [103, с. 10].

Муҳаққиқи маъруф Забеҳулло Сафо ин вазъро чунин нигоштааст: «Дар вазъи динии ин аҳд мавзуи муҳимми қобили баҳс таваҷҷуҳи умарову салотин аст, ба сиёсати динӣ ва дахолат дар ақоиду орои мардум хилофи давраи пешин, ки давраи озодии эътиқодоту мазоҳиб буд ва сахтгирӣ дар ин роҳ фақат ба василаи ғуломони аморатёфтаи Ғазнавӣ оғоз шуд. Маҳмуд нахустин касе аз салотини Эрон аст, ки шуруъ ба озори мухолифони мазҳабии худ кард ва имомони муътазилӣ ва файласуфону рофизиён ва қароматиёну ботиниёнро ҳар ҷо ки ба чанг овард, кушт» [106, с. 20].

Аз ин рӯ, ҳар касе ки ба сиёсати динии Султон Маҳмуди Ғазнавӣ ва ворисони вай итоат мекард, арҷмандӣ меёфт ва касе, ки аз он сар мепечид, гирифтору ранҷу шиканҷа мешуд. Дар асоси ин гуфтаҳо метавон хулоса намуд, ки баъзе сарчашмаҳо ба табъиду таъқибҳои пайваста мувоҷеҳ гардидани

Фирдавсиву Сино ва Абурайҳони Беруниро марбут ба носозгории эшон бо сиёсати давр ва ормонҳои динии давлат медонанд.

Дар баробари пофишориҳои подшоҳони Ғазнавӣ ҷиҳати истиқрори таълимоти аҳли суннат, риояву татбиқи комили қавонини аслии ислом, инчунин хонадонҳову ҷараёнҳои мазҳабии соҳибнуфузе низ буданд, ки бо ҳар роҳ афкори хешро интишор медоданд. Ғазнавиён ба он талош мекарданд, ки дар қаламрави худ иттиҳоди ҷаҳоншиносии диниро таъмин созанд. Бо ин сабаб, дар ин аҳд бузургони Ҳироту Ғазнин, Самарқанду Бухоро ва дигар манотиқи маъмурии Ғазнавия мураввиҷони мазоҳиби чаҳоргонаи аҳли суннат ва ҷамоат маҳсуб гардида, бо аҳли ташайюъ муқобилияти сахт нишон медоданд.

Ба андешаи Абдулҳусайни Зарринкӯб ҷараёнҳои тасаввуф аз рӯйи таълимоту муҳиммоти фикрӣ бо мазоҳиби динӣ умумият доштанд ва гоҳо айни як матлабу мақсадро пайгирӣ мекарданд. Зарринкӯб таассуби мазҳабии Абдуллоҳи Ансориро бо такя ба гуфтори Ибни Ҷавзӣ чунин ёдовар мешавад: «Ин пири Ҳирот (Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ), ки тақрибан ду сол ҷавонтар аз Носири Хусрав буд ва андаке қабл аз ӯ вафот ёфт, шӯру таассубе, ки дар мазҳаби ҳанбалӣ нишон медод, аз шӯру таассубе, ки Носири Хусрав дар оини хеш дошт, камтар набуд. Ва турфа он аст, ки бо вуҷуди дарду сӯзи суфиёнае, ки дар каломи ӯ – хосса муноҷотҳояш ҳаст, хушунату салобати як шайхулисломи ҳанбалӣ ҳам ҳаргиз дар вуҷудаш фурӯкаш накард. Чунонки дар соли 478 ҳиҷрӣ, ки синни вай ба ҳаштод мерасид, хашму таассуби ӯ бар зидди як воиз, ки моҳи рамазон ба Ҳирот омада буд ва шайх дар каломи вай ба фалсафа шунида буд, фитнаи азиме барангехт. Чунонки Ибни Ҷавзӣ дар «ал-Мунтазам» ривоят мекунад, дар асари таҳрики шайх омма бар ин воиз шӯриданд, хонаашро оташ заданд ва чун худи вай аз Ҳирот ба Пушанг гурехт ва ба Қозӣ Абусаиди Фушанҷӣ – мударриси Низомия паноҳ бурд» [70, с. 67].

Бояд қайд намуд, ки теъдоди зиёди суфиён аз тариқати Ҷунайд истиқбол кардаанд, зеро вай барои мутобиқ намудани таълимоти ирфонӣ ва аҳкоми динӣ талош варзида, заминаи тасаввуфи муътадилонаро гузоштааст. Муҳаққиқи тоҷик Муҳаммадхоҷаев А. бар ин назар аст, ки дар адабиёти суфия

ҷунайдиёнро аҳли саҳв меноманд ва муассиси ин тариқ Ҷунайди Бағдодӣ бо аҳли сукр, чун Боязиди Бастомӣ, Абулҳасани Хараќонӣ, Абусаъиди Абулхайр ва Мансури Ҳаллоҷ ихтилоф дошт: «Ҷунайд ҳушёрии суфиёнро болотар аз ҳолати мастӣ дониста, таъкид кардааст, ки ҳушёрӣ ҳолати табиӣ ва мастӣ ҳолати ғайритабиии руҳист ва аз ин рӯ, ориф бояд аз ҳолати мастӣ ба худ, аз бехудӣ ба шуур ва аз ғайб ба ҳузур биёяд ва ҳақиқатро дарк кунад» [103, с. 508].

Бештари муҳаққиқон бар ин назаранд, ки ирфони исломӣ аз ду бахш иборат аст: 1. Ирфони назарӣ ва 2. Ирфони амалӣ.

Муртазо Мутаҳҳарӣ дар «Ирфони Ҳофиз» қабл аз он ки ба ташреҳи ашъор ва ҷаҳоншиносии шоир шуруъ кунад, аввал суханро аз ирфони амаливу назарӣ оғоз мениҳад. Дар баррасии муҳаққиқи мазкур «ирфони амалӣ аз сайру сулуки инсон ё баёни сайру сулуки инсон ила-л-Лоҳ, яъне баёни ҳолоту мақомоти инсон дар сайр ба сӯи Ҳақ, ки аз нахустин манзиле, ки орифон онро «манзили яқза» ном мениҳанд, яъне манзили бедорӣ, (шуруъ мешавад), то охирин манзил, ки манзили вусул ба Ҳақ меноманд ва онҳо онро таъбир ба «тавҳид» мекунанд. Яъне, аз назари ориф тавҳиди ҳақиқӣ ҷуз бо вусул ба Ҳақ ҳосил намешавад, яъне тавҳидҳои қабл аз ин марҳиларо ориф тавҳиди воқеъӣ намедонад» [86, с. 6].

Манзур аз ин ҳама он шароиту марҳилаҳоест, ки марди ориф бояд аз онҳо гузарад. Дар тасаввуф ба ин марохил номҳои зиёде, чун манзил, майдон, водӣ, кух, баҳру дарё гузоштаанд, ки зимнан имтиҳоноти сулуки орифона пешорӯи солик қарор мегиранд. Муртазо Мутаҳҳарӣ бар асоси афкори Муҳаммад Иқбол ва донишманди амрикоӣ Вилям Ҷеймс менигорад, сайру ҷонфидоиҳои солик дар ин ҷодаҳо боиси ҳусули «таҷоруби дарунӣ» ва «озмоишҳои ирфонӣ» хоҳад гашт.

Дар асл суфиён дар сафарҳои воқеиву маҷозияшон танҳоӣ ихтиёр мекунанд ва ҳузури дигареро монеи пайванди равони худ бо олами қудсӣ мешуморанд.

Ҳамчунин, дар ин мақом ориф озодиву растагории бештар дорад. Раҳрави тариқат медонад, ки ӯ бояд ранҷу риёзати зиёдро таҳаммул кунад, ҷисму руҳи худро имтиҳон кунад. Содагии муомалат дар ин роҳ аз нишонаҳои ирфони амалӣ ба шумор меравад. Дар баробари ин, чизи умедворсозандаи солик дар ин сафари пурмашаққат дидору мулоқоташ бо пирони тариқат аст, ки зоҳиран ӯро нерӯву тавон мебахшад. Бо ин ҳама, солик лавҳи хотирашро ҳамеша пок медорад, зеро оинаи ёди ӯ вақфи дидори Ҳақ мебошад. Дар ин маврид Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ фармудааст:

Дафтари суфӣ саводи ҳарф нест,

Ҷуз дили испед ҳамчун барф нест [29, с. 124].

Шарқшиноси маъруфи рус Е. Э. Бертелс интишори оини суфиёнро вобаста ба ду омил медонад. Нахуст вай дарси шифоҳии шайхон ва унси пиру муридро аз васоиле мешуморад, ки таълимоти эшонро вусъат мебахшад. Дувум, ҳамфикрии онҳост, ки дар ҳалқаи ваъз ва нигориши рисолот ҳукми васияту ҳидоятро дошта, воситаи таҷаммуъи суфиён маҳсуб меёфт [62, с. 64].

Пас аз ин гуфтаҳо маълум мешавад, ки агар омили аввал усули тарғиби амалии тасаввуф бошад, омили сонӣ заминагузори ирфони назарӣ ба шумор меравад. Зеро ирфони назарӣ тасаввуфро аз доираи муомалоти ошиқона то моҷарову гирудорҳои ақлонӣ кашонид.

Тайи ин мароҳил солик дар хусуси ҷаҳону ҳастӣ, Худо, сифоту асмои ӯ, мақоми маънавии анбиёву авлиё, фариштагон ва ғайра аз зинаи муҷоҳадат то маҳалли мушоҳида камол меёбад. Аз ҷониби пешравони сулук китобу рисолаҳо барои шарҳу бозгӯии ин масоил ва дар партави ҷаҳоншиносии хос нигаҳ доштани гурӯҳи зиёди одамон таълиф мегардиданд.

Сабаби дигари эҷоди расоилу китобҳои таълимиву татбиқии ирфонӣ тавзеҳи мувофиқати шариат бо тариқат маҳсуб мешуд. Зеро амалкарди баъзе аз намояндагони тасаввуф нишонаҳои бидъатро дар шариати исломӣ ба ҷилва меовард, ки Абулқосими Қушайрӣ ҳам маҳз ба хотири рафъи чунин бидъату каҷравиҳо «Рисолаи қушайрия»-ро таълиф намуд. Ҳамчунин, аз даврони оғозини тасаввуф рисолоти мухталифе, чун «Ривоёт»-у «Мавоиз»-и Ҳасани

Басрӣ (мутаваффо ба соли 110/728-729) рӯйи коғаз омаданд. Дар ин шумор Муҳини Панохӣ китоби «Риояту ҳуқуқа-л-Лоҳ»-ро ба Ҳасани Басрӣ нисбат дода, онро аз аввалин расоиле мешуморад, ки ба шарҳи мақомоти олии суфия тахассус ёфтааст [95, с. 3].

Аз гуфтаҳои Е. Э. Бертелс дар асоси гуфтори Л. Массинон пас аз Ҳасани Басрӣ Зуннуни Мисрӣ, (мутаваффо ба соли 245/859-60), ал-Муҳосабӣ (мутаваффо ба соли 243/857-58), ал-Харрозӣ (мутаваффо ба соли 286/899) ва Ҷунайди Бағдодӣ аз даврони рушди суфия шуруъ карда, рисолаҳо таълиф намуданд [62, с. 64].

Метавон Ҷунайди Бағдодиро яке аз аввалин назарияпардозони тасаввуф ба шумор овард, ки ба қавле ҳаждаҳ рисола таълиф намудааст. Ба таъкиди Абдулҳусайни Зарринкуб рисолаи «ар-Риоя ли ҳуқуқи-л-Лоҳ ва қиём биҳо»-и Ҷунайди Бағдодӣ ба афкори Муҳаммади Ғаззолӣ ва соири суфия таъсири амиқ доштааст [70, с. 103].

Ҳамингуна таълифи китобу расоили таълимии суфиёна ба ҳукми анъана даромада, муҳити маорифи суфия аз ин таълифот истиқбол мекард. Далели ин гуфтаҳо рисолаи ҷомеи Абубакр Муҳаммад ибни Иброҳими Бухороии Калободӣ (385 ҳ.) «Китоб-ут-таъарруф ли мазҳаб-ит-тасаввуф» мебошад, ки бузургоне, ба монанди Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ ва дертар Алоуддини Қунавӣ (ваф. 729 ҳ.) онро бо забони арабӣ ташреҳ додаанд. Шарҳи форсии китоби мазкур ба Абуиброҳим ибни Исмоил ибни Муҳаммад ибни Абдуллоҳ ал-Мустамлии Бухороӣ (ваф. 434 ҳ.) мутааллиқ буда, намунаи қадимтарини кутуби суфия ба шумор меравад.

Дар оғоз таълифоти суфия, ба истиснои китоби мазкур бештар ба забони арабӣ буд ва вижагиҳои чунин осор дар он зоҳир мегардад, ки мусаннифон мазҳаби хешро аз мазоҳиби дигар бартар мешумориданд. Чунонки дар осори Абулқосими Қушайрӣ рух додааст. Ҳарчанд Қушайрӣ дар таърихи назарияи тасаввуф яке аз муаллифони сермаҳсул эътироф шуда, ба осори ӯ шарҳҳои мутааддид эҷод гардидааст, вале ҳимояи мазҳаб ва нақди ҷараёнҳои дигари ирфонӣ аз мушаххасоти он ба шумор меомад. Муҳимтарин таълифоти Қушайрӣ

дар ин боб «Тартиб-ус-сулук» ва «ар-Рисолат-ул-қушайрия» маҳсуб мешавад, ки дар фаслҳои дигари рисола муфассалтар сухан рафтааст.

Абдулҳусайни Зарринкуб бар ин назар аст, ки Имом Қушайрӣ хилофи тариқаи Боязид, Абулҳасани Харақонӣ ва Абусаъиди Абулхайр ба таълифи китоб пардохта, бо ин роҳ тариқати Ҷунайдро ҳимоят кардааст. Аз андешаҳои Зарринкуб бармеояд, ки китобу расоили суфия баробари ташреҳи ташаккулу такомули ирфони назарӣ, заминаҳои он, инчунин манфиатҳои фикрии муаллифонашонро мунъакис менамуданд.

Дар баробари таълифи осори таълимиву ахлоқии ирфонӣ, инчунин, тадриҷан китобҳои махсусе тадвин мегардиданд, ки онҳо бештар ба шарҳу бозгӯии аҳволи орифон, сайру сулуки онон, мулоқоту дидори суфиён бо пирони тариқат, подшоҳону халифагон, инчунин каромоту мавъизаи суфия ихтисос доштаанд. Аввалин намунаи чунин осорро Абунаср Абдуллоҳ ибни Алӣ ибни Муҳаммад ибни Яҳё, маъруф ба Абунасри Сарроҷ таълиф карда, ки он «ал-Лумаъ фи-т-тасаввуф» унвон дорад. Ҳуҷвирӣ Абунасри Сарроҷро «товус-ул-фуқаро» меномад ва аз нависандагони аввалини сирати машоих дониста шудааст. Пас «Табақот-ус-суфия»-и Абдурраҳмони Суламӣ ва китоби ҳамноми Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ ба таълиф расид, ки зиндагиномаи теъдоди зиёди машоихро дар бар гирифта буд. Вожаи «табақот» ба истилоҳ ё жанргунае табдил ёфт, ки мутобиқи замони зиндагиву маслак мухтассоти зиндагии суфиёни мутақаддимину мутааххирро бозгӯӣ менамуд. Дар хусуси ин китобҳо ҳаминро зикр кардан зарур аст, ки мусаннифони онҳо ба таври мухтасар аз боби суфигарӣ, заминаҳои бавуҷудоии он, пайванди шариату тариқат, мақсаду мароми орифон иҷмолӣ гузориш ҳам медоданд.

Минбаъд китобҳоеро, ки дар онҳо сухан роҷеъ ба силсилаҳои тасаввуф, рӯзгору осор ва каромоти суфия мерафт, маноқиб номида шуданд. Вожаи маноқиб, ки дар луғатҳо чун ахлоқи ҳамида, кирдори шоиста, хисоли нек, одатҳои писандида ва сифоту ҳунарҳо маънидод шудааст, мадҳу ситоиши авсофи ситудаи орифонро ифода менамуд.

Академик Носирҷон Салимӣ жанри манокибро ба ду гурӯҳ, манокиби анбиё ва манокиби орифон тақсим намуда, ҳамзамон гурӯҳи дуюмро ба се даста қисмат кардааст:

а) Манокиб ё табақоте, ки нақли зиндагии машоих ва суфиёнро вобаста ба тариқаву маслак ё равияҳои муайяни ирфонӣ сурат бастаанд. Ин усули нигориш дар «Табақот-ус-суфия»-и Абдуллоҳи Ансорӣ ва «Табақот-ус-суфия»-и Сагзӣ ба кор гирифта шудааст.

б) Манокибе, ки нақли зиндагии аҳли ирфон ба усули мураттаби хонаводагӣ ва силсилавии онҳо дар доираи як фирқаи ирфонӣ ба вуқуъ пайвастааст. Чунончи, «Манокиб-ул-орифин»-и Шамсуддин Муҳаммади Афлокӣ, ки ба нақли манокиби Ҳазрати Мавлоно Ҷалолуддини Румӣ ва силсилаи машоихи тариқати Мавлавия ихтисос ёфтааст. Ин асар намои мустақими манокиб буда, муаллифи он вожаи «манокиб»-ро дар унвони китоб низ зикр кардааст.

в) Тазкираҳои марбут ба зиндагии орифон. Намунаи боризи ин гуна осор «Тазкират-ул-авлиё»-и Шайх Аттори Нишобурӣ мебошад, ки дар он нақлҳову ҳикоёт аз зиндагии шуюх ва урафо ҷамъоварӣ шудааст. Ба иттифоқи орои муҳаққиқон, ин асар дар пайравӣ ва таъсири «Табақот-ус-суфия»-и Абдуллоҳи Ансорӣ иншо гардидааст [102, с. 342-344].

Дар натиҷа аз ин баррасӣ метавон хулоса кард, ки осори марбут ба зиндагии суфиён вобаста ба мавҷудияти мактабҳои мухталифи тасаввуфӣ ва интишори тариқатҳои мухталиф танаввуъ пазируфтааает.

Роҷеъ ба замони таълифи ин китобҳо мусташриқи рус Е.Э. Бертелс чунин навиштааст: «Ин замоне буд, ки (замони ба вуҷуд омадани кутуби таълимиву таърихии суфия – Н. Ҷ.) суфиёни Хуросон аз таъсиргузории Ироқ (хилофат) худро барканор сохта, асосҳои консепсияи ирфонияшонро ба васила осори сершумори назарӣ (Қушайрӣ, Сарроҷ, Ҷуллобӣ, Сулламӣ) татбиқ намуданд» [62, с. 290].

Абулқосими Қушайрӣ парвардаи чунин муҳитест, ки дар он муосиронаш, чун Хоҷа Абдуллоҳи Ансорию Ҳуҷвирӣ тарбият ёфтаанд. Қушайрӣ низ,

чунончи аз баррасиҳояш дар «Рисолаи қушайрия» бармеояд, ба мазҳаби суннат содиқ будааст.

Ташаккулу рушди шахсияти маънавии Қушайрӣ дар «Рисолаи қушайрия» аз парвариши як инсони соҳибназар, мутафаккири барҷастаи ҷаҳони ислом ва орифи ҳақшинос паём мерасонад. Ғояву ормонҳои фикрии Қушайрӣ саршор аз назарияи маърифатӣ, ҳақшиносӣ ва таъйини аркони ваҳдонияту тариқати суфия мебошад, ки ин нукот аз ҳар ҷумлаву матлаби «Рисолаи қушайрия» ҳувайдо мегардад.

Дар маҷмуъ, метавон изҳор дошт, ки дар асри X ва ибтидои асри XI тасаввуф росихтарин қадамҳоро дар масири таҳаввули хеш бардошт ва дар тамоми қаламрави забони форсӣ-тоҷикӣ ҳамчун мактаби мақбул ва мусаллат бар руҳияи ҷомеа арзи ҳастӣ намудааст.

Арзишмандтарин осори ирфонӣ аз нигоҳи назарӣ аз ҳамин давра ба майдон омад ва пояҳои фикрии ин мактабро устувор сохт. Дар ин аҳд дар қаламрави давлати Сомониён мактабҳои нерӯманди тасаввуф равнақ ёфт ва қисме ба тозагӣ таъсис гардид, ки маломатия, аҳли футувват, ҳакимия, сайёрия, қассория ё ҳамдония аз ҷумлаи онҳо мебошанд.

Макотиби ирфоние, ки дар ин замон поягузорӣ шуданд, барои танвири афкори пасояндагон кумак намуда, дар ба вуҷуд омадани равия ва мактабҳои ҷадиди сайру сулуки тасаввуфӣ заминаҳои мусоидеро фароҳам карданд.

## 1.2. Рӯзгор ва осори Абулқосими Қушайрӣ

Абулқосими Қушайрӣ яке аз чеҳраҳои дурахшони илму адаби асри XI форсӣ-тоҷикӣ мебошад, ки то кунун зиндагинома ва мероси адабии ӯ дар адабиётшиносии тоҷик камтар мавриди омӯзиш қарор гирифтааст. Дар воқеъ, Қушайрӣ аз зумраи орифони номвари адабиёти ирфонии форсӣ-тоҷикӣ аст, ки дар суннати китобати андешаҳои суфия ва тарвиҷи насри ирфонӣ дар мақоми саромадони ин бахши осори арзишманди адабиёти классикӣ қарор дорад. Аз ин ҷиҳат, омӯзиши зиндагӣ ва осори ин чеҳраи тобони илму адаби асри XI дар шинохт ва маърифати осори ирфонии форсӣ-тоҷикӣ аз чанд ҷиҳат судманд хоҳад буд. Бо ин ҳадаф дар ин фасл саъй мешавад, ки муҳимтарин нуктаҳо дар робита ба ҷараёни зиндагӣ ва осори Қушайрӣ мавриди баррасӣ қарор бигирад.

Дар асоси сарчашмаҳои адабӣ ва осори таҳқиқӣ, ки ба забонҳои форсию арабӣ роҷеъ ба зиндагӣ ва осори Абулқосими Қушайрӣ навишта шудаанд, метавон муҳимтарин лаҳзаҳои ҳаёту фаъолият ва мероси адабии ӯро мушаххас намуд.

Номи пурраи ӯ Абулқосим Абдулкарим ибни Ҳавозин ибни Абдулмалик ибни Талҳа ибни Муҳаммади Қушайрӣ мулаққаб ба Зайнулислом мебошад. Соли 386ҳ. /996м. дар Устуво – деҳае дар канори Нишопур таваллуд гардидааст [18, с. 14]. Зайнулислом лақабест, ки ба хотири мақоми илмию динӣ доштани ӯ ба номаш ҳамроҳ карда шудааст. Қушайрӣ нисбат ба қабилаи Қушайр ибни Каъб аст, ки хонадонашро Бани Қушайр низ мегуфтаанд. Гузаштагони Абулқосим дар замони Уммавиён ба самти Хуросон омада ва ҳамин ҷо сукунати доимӣ ихтиёр кардаанд. Модари Қушайрӣ духтари Муҳаммад ибни Сулаймон ибни Аҳмад ибни Муҳаммади Устувоии Сулламӣ аст ва аз ин рӯ, Абулқосим аз тарафи падар Қушайрӣ ва аз сӯйи модар Сулламист [18, с. 14; 19, с. 9; 43, с. 403].

Падари Қушайрӣ аз зумраи сарватмандон ва деҳқонони заминдори ноҳияи Устуво буда, дар овони кӯдакии Абулқосим вафот кардааст. Тарбияти Қушайрӣ баъд аз сари падараш бар дӯши Абуақили Сулламӣ, яке аз чеҳраҳои намоёни деҳқонони Устуво қарор мегирад. Улуми ибтидоиро, аз ҷумла муқаддамоти

адаб ва забони арабиро дар зодгоҳи худ назди шахсе ба номи Абулқосими ал-Ямонӣ ва бузургони дигар омӯхтааст. Дар ҷавонӣ аз деҳаи худ ба Нишопур меояд, то илми ҳисобро хуб омӯзад ва битавонад дарди ҳамдеҳони худро аз зиёдаравиҳо ва бедодиҳои молиётситонони аср ба қадри имкон камтар созад. Дар Нишопур ба хилофи он чи меандешид ва дар пайи он қадам бардошт, сарнавишти дигаре барояш рух дод ва саргузашти дигар падид омад. Дақиқан, рӯшан нест, ки Абулқосими Қушайрӣ кадом сол ба Нишопур омада ва то чӣ ҳадде аз улуми адабию динӣ огоҳӣ доштааст [19, с. 5].

Шаҳри Нишопур, замоне ки Қушайрӣ вориди он шуд, аз маъруфтарин шаҳрҳои Хуросон, ҳам аз назари илмию маданӣ ва ҳам иқтисодию фарҳангӣ ба шумор мерафт. Маҳз дар ин давра тасаввуф ва илми ҳадис аз ҷумлаи муҳимтарин דониш ва бонуфузтарин мактаби илмӣ-назариро мемонд. Ҳар яке аз онҳо аз нигоҳе бо талфиқ ва аз нигоҳе дигар бо хусусиятҳои ба худ хос ба таври мустақил дар ҷараён буд. Дар Нишопур ва шаҳрҳои Марв, Балх, Бухоро, Самарқанд, Тирмиз ва ғайра пешвоёни бонуфузи тасаввуф пайравони худро роҳнамоӣ менамуданд ва дар хонақоҳу дувайраҳо, масҷиду мадрасаҳо аз маснади ваъзу иршод бар тарвиҷи ақидаи хеш мекӯшиданд [18, с. 15]. Дар ҳамин давра буд, ки бори аввал муҳимтарин дастур ва таълифоти суфия навишта шуд, зеро қабл аз ин давра ҳама дар рисола ва ҷузваҳо, ки бештар ҷанбаи амалӣ дар онҳо ғолиб буд, ба қалам меомаданд. Дар давраи мазкур тобандатарин чеҳраҳои тасаввуф умр ба сар бурда, ҳар яке бо тарбияти муридон ва таснифи рисолаву осори ирфонӣ дар ташаккули тасаввуф нақши муассир бозидаанд.

Ҳамингуна дар замоне ки Абулқосими Қушайрӣ ба шаҳри Нишопур омад, Нишопур яке аз марокизи муҳимми илмиву адабии замон ба шумор мерафт ва он ҷо донишварону соҳибназарони зиёде канори ҳам омада буданд. Қушайрӣ баробари вуруд ба шаҳри мазкур бо фозилони замона пайванди муҳкаме барқарор намуд ва дар такмили донишу маърифати хеш иқдом кард. Дар он айём шуҳрат ва мақоми илмиву ирфонии Абуалӣ Ҳасан ибни Алии Нишопурӣ, маъруф ба Абуалии Даққоқ хеле баланд буд ва дар аксари тазкираҳои ирфонӣ

роҷеъ ба кашфу каромоти вай сухан рафтааст. Қушайрӣ иттифоқан, дар маҷлиси Абуалии Даққоқ ҳозир шуд. Ҷозибаи суҳбат ва мулоқоти Абуалии Даққоқ дар вуҷуди Абулқосими Қушайрӣ бад-он ҳад таъсире пурфайз гузошт, ки дигар натавонист, аз он раҳ шавад ва тамоми умр дар тариқати ӯ қарор гирифт. Аз ин лиҳоз, ҳадафи омӯзиши илми ҳисобро аз андешаи хеш бурун кард ва ба тариқати Абуалии Даққоқ рӯй оварда, роҳи маърифати Худовандро бар маҷмуи дигар равишҳои ҷомеашиносӣ афзалият бахшид. Дар навбати худ Абуаллии Даққоқ низ дар вуҷуди Абулқосими ҷавон нишонаҳои камолоти инсонӣ, фаросат ва заковати баландро кашф намуд, ӯро ба унвони муриди хеш пазируфт. Ҳатто ин пайванди маънавӣ ба ҷое расида, аз иртиботи маънавӣ равобити хешовандӣ низ миёни ҳар ду устоду шогирд эҷод гардидааст. Дар натиҷа, Абуалии Даққоқ духтари хешро ба ақди никоҳи Абулқосим даровarда ва пайвандҳои эшон бештар аз ҳар чиз тақвият ёфтаанд. Дақиқан, рӯшан нест, ки дар чандсолагӣ Абулқосим бо Абуалии Даққоқ ошноӣ пайдо кардааст ва аз он зиндагониаш дигаргун шудааст. Дар хусуси ошноии Абулқосим бо устодаш муҳаққиқ Маҳдии Муҳаббатӣ ба овардани далелу асноде аз сарчашмаҳо қайд мекунад, ки «Қушайрӣ дар синни шонздаҳ то ҳаждаҳсолагӣ ба ҳалқаи суҳбат ва дарси Абуалии Даққоқ пайвастааст» [18, с. 5].

Дар айёми сукунат дар Нишобур Абулқосими Қушайрӣ аз устодони фаровон ва донишмандони зиёди ин шаҳр баҳраҳое бар худ гирифта, улуми мухталифро аз бар намуд. Бадеуззамон Фурӯзонфар ҳаждаҳ нафар аз устодону машоихи Қушайриро бо овардани маълумоти мухтасар дар пешгуфтори «Рисолаи қушайрия» зикр намудааст, ки Қушайрӣ аз онҳо илми фиқҳу ҳадис, калому маърифат омӯхтааст [18, с. 22-26].

Аз ҷумлаи маъруфтарини онҳо Абубакр Муҳаммад ибни Бакр ибни Муҳаммади Тӯсӣ, Абулҳусайн Аҳмад ибни Умар ал-Хаффоф, Абуабдуллоҳ Муҳаммад ибни Абдуллоҳи Ҳоким, Абуабдуллоҳи Бокуяи Шерозӣ, Абуабдурраҳмони Сулламӣ, Абуисҳоқи Исфароинӣ мебошанд. Чунонки илми фиқҳро Қушайрӣ аз Абубакр Муҳаммад ибни Абубакри Тусӣ (вафот 1015 м.) омӯхта, ончунон мусаллат гардид, ки ҳатто ба бархе аз кутуби фиқҳӣ шарҳу

таълиқот нигошт. Бо ҳузур дар дарсҳои донишвари дигари ин замон Имом Абубакр ибни Фурак (ваф. 1016 м.) усули фиқҳро аз бар кард. Пас аз даргузашти ин устодаш бошад, ба ҳалқаи дарсҳои донишманди дигари аҳди хеш Абуисҳоқ Иброҳим ибни Муҳаммади Исфароинӣ (ваф. 1027 м.) ворид гардида, дар мадрасаи ӯ улуми дигари шаръиро аз бар кард. Дар омӯхтани илм чандон омодагӣ ва зиракӣ аз худ нишон медод, ки рӯзе ҳамин устодаш Абуисҳоқи Исфароинӣ ба Қушайрӣ мегӯяд: «Писаракам, намедонистам, ки дар ин дониш бад-ин ҷо расидаӣ! Ту дигар ниёзе надорӣ, ки ба мадраса биёӣ ва биёмӯзӣ. Фақат осори маро бихон ва равиши корамро биёмӯз ва мушкилотро бипурс» [19, с. 5]. Бо ин ҳама талошу иқдом дар таҳсили улуми фаръӣ ва шаръӣ Абулқосим маҷолиси суфиёнаи устоди худ Абуалии Даққоқро тарк накард ва ҳамеша аз файзи раҳнамоиҳои эшон бархурдор буд. Боиси таъкид аст, ки дар «Рисолаи қушайрия» аз бисёр устодони худ Қушайрӣ ёд намуда нақли қавл аз эшон намудааст, ки аз ҷумлаи онҳо Абуалии Даққоқ, Абуабдурраҳмони Сулламӣ мебошанд.

Бар асоси маълумоти сарчашмаҳо [45, с. 403] Абуалии Даққоқ дар соли 1015 м. аз олам даргузашт ва пасон Қушайрӣ аз маҷолиси ӯ берун омада, ба ҳалқаи суҳбат ва маҷлисҳои орифи номовар Абуабдурраҳмони Сулламӣ пайваст. Ҳарчанд замони дақиқи вуруди вай ба маҷлиси суҳбат ва ҳидоятномаҳои Сулламӣ маълум нест, аммо ҳаройина баҳраҳое аз ин маҷлисҳо бардоштааст. Илова бар мактабҳои илмии Хуросон, аз марказҳои илмии Бағдод ва Макка низ баҳра ҷустааст.

Баъди даргузашти Сулламӣ Қушайрӣ муддате ба мусофират меравад. Аз ҷумла, ду маротиба ба Бағдод ва Макка сафар намуда, дар ҷараёни он низ бо аҳли ирфон мулоқоту суҳбатҳое доштааст. Дар сафари аввали хеш Қушайрӣ бо чанд тан аз афроди муътабари замони худ чун Абумуҳаммади Ҷувайнӣ, Аҳмади Байҳақӣ ва гурӯҳи дигаре аз олимони шуҳратёри аҳди хеш аз тариқи шаҳри Бағдод ҷониби Макка рафтааст. Зимни ҳамин мусофират буд, ки дар шаҳри Бағдод аз устодоне чун Абулҳасани Бишрон ва Абулҳусайни ибни Абулфазл, дар шаҳри Кӯфа бошад, аз Абумуҳаммад Ҷиноҳ ибни Назир ва дар Макка аз

Ибни Назиф аҳодиси набавӣ шунид ва аз бар намуд. Аз ин ҷиҳат, ин мусофирати Қушайрӣ барои такмили дониши ӯ низ таъсире пурфайз гузоштааст.

Ошноии Қушайрӣ бо бузургон ва қудрати илмии ӯ боис шуд, ки дар синни сисолагӣ бар маснади дарсу ваъз дар масҷиди Мутарраз, ки аз маъруфтарин он замон буд, нишаст. Пайваста мехонду менавишт ва ба ҳаводорону толибон дарсу ваъз мегуфт ва муҳимтарин осори худро таълиф менамуд.

Ҳаёти Абулқосими Қушайрӣ низ ба монанди дигар бузургону донишварон холӣ аз азобу машаққат ва душворию носозиҳои замона набудааст. Чунонки дар ҷараёни мусофирати дувуми вай, ки дар соли 1056 м. иттифоқ афтодааст, нукоти фаровонеро аз бар намуд. Ҳарчанд сабаби аслии ин сафар зуҳури таассуботи мазҳабӣ ва фитнаҳои бузург дар Нишопур будааст, ки миёни шофеиён ва муътазилиён ба миён омад ва боиси ноорoмии шаҳр гардид. Гурӯҳе аз мухолифони Қушайрӣ гуфтаҳое аз ӯро ба пеши Туғрал – султони Салҷуқӣ ва вазираш Амидулмулк Кундурӣ мебаранд ва хашми султону вазирашро алайҳи Қушайрӣ ва ашъариён бармеангезанд. Дар натиҷа олимони маъруфе чун Абулқосими Қушайрӣ, Абумуҳаммад Абдуллоҳ ибни Юсуфи Ҷувайнӣ, Ҷамолулислом маъруф ба Муваффақ ва гурӯҳе дигар аз донишмандон, ки аз оро ва ақоиди Абулҳасан Алӣ ибни Исмоили Ашъарӣ дифоъ мекарданд ба зиндон ва манъ аз дарсу тадрис гардиданд. Аз сарчашмаҳо чунин бармеояд, ки ҳудуди даҳ сол ба Қушайрӣ ва ҳамфикрони ӯ маҷоли ваъзу дарс гуфтан намемонад. Аз ин рӯ, Қушайрӣ бо ҷамъе аз донишварон аз Нишобур ронда мешавад ва ба Маккаву Бағдод меравад ва чанде ба дарсу ваъз мепардозад. Дар Бағдод халифа ал-Қоим Биамруллоҳ (1031-1055) аз Қушайрӣ дифоъ мекард ва дар қасри ӯ маҷлису ваъз мегуфт ва халифа фармоне бар эъзозу икроми Қушайрӣ содир кард. Пас аз он ба Нишобур бозгашт, вале боз ҳам осудаву ором буда наметавонист ва бо аҳлу аёли худ ба Тус рафт ва чанде дар он ҷо иқомат намуд [18, с. 30-33].

Қушайрӣ ва чанде аз донишмандони дигар пас аз ба қатл расидани Амидулмулк Абунасри Кундурӣ ва ба сари қудрат омадани Алп Арслони

Салҷуқӣ ва вазири ӯ Низомулмулки Тӯсӣ ба Нишопур боз омаданд. Азбаски Низомулмулк фарде ороста ба донишу хирад ва заковати олӣ буд, Қушайриро мавриди эҳтиром ва эъзоз қарор дод ва дар натиҷа ӯ давоми даҳ сол бо осудагии комил анҷуманҳои ваъз ороста, ба тадриси имлои аҳодис пардохт ва шогирдону муридони зиёде дар ҳалқаи дарси ӯ тарбият ёфтанд [18, с. 34].

Абулқосими Қушайрӣ аз ду зан соҳиби шаш писару панҷ духтар будааст. Ҳамсари нахустини ӯ Албанин Фотима аз ҷумлаи занони донишвар ва орифаи замони худ будааст. Албатта, ин бесабаб нест, тавре дар оғоз ишорат шуд, ӯ духтари яке аз суфиёни маъруфи замон Абуалии Даққоқ буда, дар домани мактаби маорифи падари бузурги хеш ба камол расидааст. Ҳамзамон, аз Абунаъими Исфароинӣ, Абулҳасани Алавию Абуабдуллоҳи Ҳоким ва як гурӯҳи дигари муҳаддисон ривоёти ҳадис мекард ва шогирдоне ҳам дар ин ҷода тарбият намудааст. Ҳамсари дигари Қушайрӣ духтари Аҳмад ибни Муҳаммади Чархии Баладӣ мебошад. Ҳар яке аз писарони Қушайрӣ дар улуми мухталифи замони хеш соҳибшуҳрат ва баркамол шинохта шудаанд. Писарони ӯ – Абусаиди Абдуллоҳ, Абусаиди Абдулвоҳид, Абумансури Абдурраҳмон, Абунасри Абдурраҳим, Абулфатҳи Абдуллоҳ ва Абулмузаффари Абдулмунъим, ки ҳамагӣ аз донишмандони маъруфи замон буданд. Ҳатто яке аз наберагони Қушайрӣ, ки бо номи Абусаъид Ҳуббатурраҳмон ибни Абусаид маъруф будааст, аз муҳаддисони бузурги замони хеш ба шумор мерафтааст. Фурӯзонфар роҷеъ ба мақоми илмии фарзандон, ҳамсарон ва наберагони Қушайрӣ муфассал маълумот додааст [18, с. 49-64].

Тавре тазаккур ёфт, Қушайрӣ ҳанӯз қабл аз сафарҳояш ба Бағдод ва Макка дар Нишопур маҷлисҳои имлои ҳадис барпо медоштааст. Ҳарчанд замоне бо сабаби ин сафарҳо ва оворагиҳои ӯ маҷолиси мазкур баргузор нашуданд, аммо дар соли 1063 м. пас аз дубора баргаштанаш ба Нишопур маҷолиси мазкурро аз нав барқарор намуда ва то поёни умр ба имлои ҳадис ва тадриси он машғул гардидааст [18, с. 30].

Аз сарчашмаҳо чунин бармеояд, ки Абулқосими Қушайрӣ дар тасаввуф пайрави мактаби саҳв ва зоҳидонаи Ҷунайди Бағдодӣ буд ва ривоёту ҳикоёти

Ҷунайдро дар китоби худ баъд аз ривоёту суханони Расули акрам дар мартабаи дуюм қарор дода, аз натоиҷи муҳимми илтизоми Қушайрӣ ба ин мактаб омезиши тариқат бо шариат аст. Чунонки дар дақиқтарин мабоҳиси суфиёна, мисли фанову бақо дар ирфон мункари тавҳиди аҳли суннат нест, балки тавҳиди суфиёнаро бо тавҳиди аҳли суннат яке медонад. Пайравони мактаби саҳв, ба он далел ки ин калима ва муштақоти он дар Қуръон ва аҳодиси муътабар ба кор нарафта, аз истеъмоли он дурӣ ҷустаанд ва ба ҷойи он лафзи муҳаббатро ба кор бурдаанд. Қушайрӣ дар китоби худ ба ҷойи ишқ аз муҳаббату шавқ истифода кардааст. Чунонки ошкор аст, шеваи Қушайрӣ дар касби маърифат дар тасаввуф ингуна аст, ки ҳам улуми мадрасию касбиро дар расидан ба маърифат лозим медонад ва ҳам такя бар завқу кашфу шуҳуд ва илҳомоти раббониро. Худи ӯ дар таълифи «Рисолаи қушайрия» аз улуми мадрасии хеш аз ҷумла фиқҳ, калом, ҳадис ва монанди инҳо суд бурда ва онҳоро появу мояи нигориш ва расидан ба маърифат қарор додааст. Дар баробари ин, Қушайрӣ дар «Рисолаи қушайрия» ба аҳаммияти файзи раббонӣ ва маърифати қалб низ ишора кардааст.

Шеваи кори Қушайрӣ ба ҳадде ҷолиб ва қобили омӯзиш буд, ки бо он ҳама табаҳҳур дар улуми замона ҳамеша дар пайи мутолиа ва маърифат буд, ҳатто дар ҷараёни тадрис агар мушкилоте дар ҳалли масъалае эҷод мешуд, онҳоро ҳамроҳ бо дигар толибилмон баррасӣ менамуд. Новобаста аз синну соли пирӣ ба назди Юсуф ибни Алии Мағрибӣ рафта, аз ӯ илми калом меомӯхт ва дар ҳаллу фасли масоили марбут ба наҳв аз дониши ӯ истифода мебурд.

Аз рӯйи гуфтаи набераи Қушайрӣ Абдулғофир [18, с. 35] чунин бармеояд, ки дар баробари маърифати комил ва дониши фаровон доштан Қушайрӣ марди моҳир дар аспсаворӣ ва дар истифодаи анвои силоҳ қавидаст будааст. Дар шинохти аслиҳа ва савориву асрори паҳлавонӣ чизҳои фаровоне медониста, ки ҳатто аҳли ин шуғл ва пешаҳо намедонистаанд. Ин ҳунарҳоро Қушайрӣ дар зодгоҳи худ – Устуво, ки мардумонаш паҳлавону далерон будаанд, омӯхтааст.

Боиси таъкид аст, ки Қушайрӣ дар баробари мусаллат будан ба ҳамаи илмҳои замона, инчунин дар ваъзу хитоба низ маҳорати бемисл доштааст.

Чунонки шуруъ аз соли 1046 м. то поёни умр маҷолиси ваъз барпо намуда, дар он суханҳои ҳикматнокро бо овардани ҳикоёту абёти дилнишин тавзеҳ медодааст. Бояд қайд намуд, ки суннати маҷлисгӯйӣ дар таърихи адабиёти форсӣ-тоҷикӣ ҷойгоҳи вижаеро аз назари фарогирии арзишҳои адабию ҳунарӣ доро мебошад. Дар ин хусус адабиётшинос Азизов Сорбон чунин қайд намудааст: «Дар воқеъ, бисёре аз таълимотҳои машоихи суфия аз тариқи маҷлисгӯйӣ ба муридон мерасид. Муридон аз ин маҷолис ёддоштҳое менамудаанд, ки қисме аз онҳоро бархеашон дар таълифоти худ аз забони шайх ва пиру муршиди хеш нақл мекарданд. Чунонки «Асрор-ут-тавҳид»-и Муҳаммад ибни Мунаввар аз забони Абусаиди Абулхайр ва «Тазкират-ул-авлиё»-и Шайх Аттор бар асоси каломи машоихи бузурги суфия тадвин шудаанд. Аз баъзе маҷолиси суфия осори мустақиле то мо расидааст, ки аз ҷумлаи онҳо «Маҷолис»-и Аҳмади Ғаззолӣ ва «Маҷолиси сабъа» ва «Фиҳи мо фиҳи»-и Мавлоно Балхӣ, «Чиҳил маҷлис»-и Алоуддавлаи Симнонӣ ва «Фавоид-ул-фуод»-и Низомиддини Авлиё мебошад» [58, с. 78].

Аз ин ру, Абулқосими Қушайрӣ дар ваъзу маҷлисгӯйӣ низ дасти тавоно дошта, бисёре аз таълимоти худро ба муридон дар ҳамин маҷолиси худ дар батни ҳикоёту саргузашти орифон ва амсолу қиссаю абёт баён медоштааст.

Аз назари фарогирии аҳодиси набавӣ ва нақду маърифати он, Қушайрӣ аз машоихи дараҷаи аввал буда, аз бисёре муътабарони замони худ иҷозаи ривоят ва самоъ гирифта буд. Дар баробари ин, бино ба гуфтаи Самъонӣ [18, с. 35] ҳазорон нафар аз толибони ҳадис ва бузургони замони ӯ ин фанро дар Хуросон ва шаҳрҳои дигар аз ӯ шунидаанд ва ҳадисҳо омӯхта, иҷозати ривоят ба даст овардаанд. Бадеуззамон Фурӯзонфар дар асоси китоби Самъонӣ ва «Табақоти шофеӣ»-и Сабакӣ шогирдон ва нафароне, ки аз Қушайри истимои ҳадис намудаанд, феҳристе аз онҳоро овардааст [18, с. 37-44]. Аз феҳристи овардаи Фурӯзонфар чунин бармеояд, ки дар воқеъ, Қушайрӣ мақоми баланди илмӣ дошта, шогирдону муридони зиёдеро тарбият намудааст, ки роҷеъ ба 66 нафар аз маъруфтарини онҳо дар феҳрист маълумот оварда шудааст. Гурӯҳе аз шогирдону муридони Қушайрӣ ба ҷамъу фароҳам овардани осори Қушайрӣ

машғул буданд, ки аз рӯйи ҳамин матлаб ба нуфузи бештар ва мавҷудияти таълифоти зиёде аз Қушайрӣ метавон таъкид варзид [18, с. 37]. Аз ҷумлаи онҳо Абулқосим Исмоил ибни Ҳусайн ибни Али ибни Аҳмади Фароизи Нишопурӣ сокини Дувайраи Сулламӣ, ки китобҳои Қушайриро ба хати зебо ва хоноии худ китобат мекард. Абулқосим Салмон ибни Носир ибни Умрон ибни Муҳаммад ибни Исмоил ибни Исҳоқ ибни Язд ибни Зиёд ибни Маймун ибни Меҳрон Ансорӣ, ки (ваф. 1119 м.) аз ҷумлаи ходимони хонақоҳи Қушайрӣ буда, аксар китобҳои Қушайриро ба хати худ китобат намудааст. Дар канори ин, Абдулғофир (набераи Қушайрӣ) ашхоси зеринро дар радифи муридони махсуси Қушайрӣ ном бурдааст. Аз ҷумла, Абуиброҳими Исмоил ибни Абулҳасани Тӯсӣ, ки (ваф. 1102 м. ) аз хидмадкорони Қушайрӣ, Исмоил ибни Аббоси Суфӣ аз муридон, Абулқосим Абдулазиз ибни Абдураҳмони Саффор аз махсусон, Абуаҳмад Абдуллоҳ ибни Муҳаммад ибни Абуаҳмади Тусӣ (ваф. 1093 м.) низ ходимони хонақоҳи Қушайрӣ, Абдурраҳмон ибни Муҳаммад хатиби Марвазӣ аз муридон, Абумуҳаммад Абдуссамад ибни Абисаиди Савафӣ (ваф. 1101 м.) пайваста дар рикоби Қушайрӣ мерафтааст, Муҳаммад ибни Абисолеҳи Савафӣ ва дигарон аз ҷумлаи муридон ва ҳам ходимони хонақоҳи Қушайрӣ будаанд, ки файзҳои фаровоне аз дониш ва маърифати вай бардоштанд.

Ҳамин тавр, Абулқосими Қушайрӣ дар таърихи даҳуми рабеъулаввали соли 465 ҳ.қ. /1072 м. аз олам даргузаштааст ва мазори ӯ дар канори қабри устодаш Абуалии Даққоқи Нишобурӣ қарор дорад.

Абулқосими Қушайрӣ дар баробари тарбияи муридону соликони тариқат осори арзишманде таълиф намудааст. Муҳимтарин китобҳои таълифнамудаи ӯ дар тасаввуфу ирфон буда, то кунун бисту панҷ осори (чопшуда ва чопношуда) ӯ муаррифӣ шудаанд.

1. «ар-Рисола ил-ас-суфия», ки ба унвони «Рисолаи қушайрия» маъруфу машҳур гардида, борҳо ба нашр расидааст. 2. «Рисолат -ул-меъроҷ». 3. «Латоиф -ул-ишорот». 4. «Рисолаи самоъ». 5. «Одоб-ус-суфия». 6. «ал-Ҷавоҳир». 7. «Уюн-ул-Ҷавбат фӣ фунун-ул савлат». 8. «Ҳукком-ус-самоъ». 9. «Арбаин». 10. «Ҳаёт-ул-арвоҳ». 11. «Тартиб-ус-сулук». 12. «ат-Таҳбир». 13. «Шарҳ-ал-

асмоуллоҳ ал-ҳусно». 14. «Лумаъ фи-л-иътиқод». 15. «Булғат-ул-мақосид». 16. «Латоиф-ул-ишорот». 17. «Арбауна ҳадис». 18. «ал-Фусул фил-усул». 19. «ат-Тайсир фӣ илм-ит-тафсир». 20. «Рисола». 21. «Истифодот-ал-муродот». 22. «Наҳв-ул-қулуб». 23. «ал-Мақомот-ут-салоса». 24. «Мадориҷ-ул-ихлос». 25. «Маҷолиси Абуалии Даққоқ».

Ҳамчунин, Қушайрӣ шеър мегуфтааст. Дар робита ба маҳфуз мондани ашъори арабии Абулқосими Қушайрӣ дар чандин сарчашмаҳо ишорат рафтааст [18, с. 35]. Ашъори арабии ӯ бисёр қавӣ ва дилангез буда, шумораи муайяни онҳоро сарчашмаҳо ёдовар шудаанд. Аз ҷумла, Бохарзӣ аз Қушайрӣ 10 байт ва Субкӣ 21 байт ва Ҷомӣ 2 байт нақл намудаанд. Ҳарчанд дар сарчашмаҳо дар мавриди теъдоди муайяни ашъори арабии вай сухан рафтааст, аммо он чӣ ӯро шуҳрати бештар бахшида, ҳамоно китоби «Рисолаи қушайрия» аст, ки мақоми хосаеро дар насри ирфонӣ касб намудааст. Баррасии аҳамияти илмию адабии «Рисолаи қушайрия» аз доираи баҳси ин фасл берун аст ва дар фаслҳои дигари диссертатсия баррасӣ мешавад.

Осоре, ки аз Қушайрӣ дар боло муаррифӣ шуд, ҳамагӣ ба забони арабӣ таълиф шудаанд. Зеро дар рӯзгори Қушайрӣ бо тақозои замон бештар забони арабӣ ба ҳукми забони илмӣ мавриди истифода қарор дошт ва олимон китобҳои хешро бо ин забон таълиф менамуданд.

Чунонки зикр гардид, на ҳамаи осори Қушайрӣ то кунун таҳияву тасҳеҳ шудааст. Бадеуззамон Фурӯзонфар дар муқаддимаи хеш ба «Рисолаи қушайрия» роҷеъ ба се асари зерини Абулқосими Қушайрӣ маълумот додааст [18, с. 64-72].

1. **«Наҳв ул-қулуб»**. Ин китоби Қушайрӣ фарогири баҳсҳои мухтасар дар мавриди қоидаҳои наҳви арабӣ ва татбиқи онҳо бар матолиби ирфонӣ мебошад, ки бо забони шево ва малеҳ нигошта шудааст. Ин китоб ҳарчанд маҷмуан шасту як қоидаро дарбар мегирад, аммо гоҳо дар мавридҳои зарурӣ муаллиф танҳо ба як ишорат қонеъ нашуда, зимнан чанд қоида ё нуктаҳои дигарро тавзеҳ медиҳад, ки ин амр ба нуфузи теъдоди қавоид ва шарҳи онон дар асар ишорат мекунад. Ҳадафи аслии Қушайрӣ аз нигориши ин асар он будааст, ки

толибони маърифат аз оғоз бояд қоидаҳои забониро аз бар намоянд ва ин амр боис мешуда, ки латоифи каломи суфиён ва худи тасаввуфро маърифат намуда, аз ин роҳ ба тадриҷ пеш раванд.

Қушайрӣ як бахши мабоҳиси илми наҳви забони арабро бо ҳолоти дарунии инсон ва таҷрибаҳои руҳонии суфия бар асоси мафоҳиму мусталеҳоти тасаввуфи Хуросон пайванд додааст. «Гӯӣ, ки хостааст, пешопеш ба Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ посух диҳад, он ҷо ки дар достони «Марди наҳвӣ ва киштибон» гуфт:

Маҳв мебояд, на наҳв ин ҷо бидон,

Гар ту маҳвӣ бе хатар дар об рон

Ва ба ӯ ва амсоли ӯ бифаҳмонад, ки метавон аз наҳв ба маҳв роҳ ёфт» [75, с. 116].

Қушайрӣ дар ин рисола кӯшидааст тамоми масоили асосии наҳви забони арабиро дар поя ва асоси тафсиру таъвили хеш қарор диҳад ва аз ҳар кадом аз ин масъалаҳо гӯшае аз андешаҳои ирфониро истихроҷу бозгӯ кунад.

2. **«Латоиф-ул-ишорот»** асари дигари Қушайрӣ мебошад, ки тафсири Қуръони карим бо шеваи орифона буда, ба таъбири устод Фурӯзонфар бо шеваи сахт дилангез ва шево ба қалам омадааст. Дар ҷараёни кори тафсир Қушайрӣ ашъоре ҳам ба кор бурда, ки тахмин меравад, бахше аз онон ба қаламии худи ӯ тааллуқ дошта бошанд. Ҳадафи таълифи ин китоб ба таъкиди Қушайрӣ дар муқаддима он будааст, ки баёни ишороти Қуръон ба забони аҳли маърифат, яъне суфия мебошад [18, с. 66]. Аз назари Фурӯзонфар ҳарчанд пеш аз Қушайрӣ Саҳл ибни Абдуллоҳи Тустарӣ (ваф. 896 м.) ва Абуабдурраҳмони Сулламӣ (ваф. 1020 м.) бар ин усул тафсир навишта буданд, вале на тафсири Тустарӣ ва на «Ҳақоиқ»-и Сулламӣ аз «назари борикандешӣ ва лутфи таъбиру шӯрангезӣ бар пояи тафсири Қушайрӣ намерасад...» [18, с. 66].

3. **«Тартиб-ус-сулук»**. Дар ин рисола Қушайрӣ мухтасар роҷеъ ба шароити нахустини сулук ва вуруд ба тариқат маълумот додааст. Аз ҷумлаи муҳимтарин шартҳое, ки Қушайрӣ таъкид мекунад; дурӣ аз молу сарвати дунё ва итоати пир мебошад. Солик бо ишорати пир дар аввал ба зикр машғул гардад, то он даме

ки ҳавоси дарунӣ ва берунии ӯ танҳо ба ҳамин зикр мутаваҷҷеҳ бошад. Пас аз ин Қушайрӣ ба шарҳи тараққии солик аз зикри забонӣ ба дараҷаи зикри қалбӣ ва аҳволе, ки аз ғайбату фанову бақо дар мақоми зикр ҳосил мегардад ва шигифтиҳое, ки дар ин марҳила мушоҳида мекунад, то он ки зикру зокир ҳар ду фонӣ шавад ва мазкур боқӣ бимонад, мепардозад. Дар зимни он ки солик аз худ фонӣ ва ба ҳақ боқӣ гардад, Қушайрӣ ба тариқи иҷмол ба баёни масъалаи **хатароту илҳом ва васваса** мепардозад ва тафовути онҳоро шарҳу тавзеҳ медиҳад ва рисола ба марҳилаи вусул, ки ба Ҳақ пайвастан аст, ба поён мерасад. Аҳаммияти ин рисолаи Қушайрӣ дар он аст, ки маҳз тавассути он аз шева ва шарту шароити равандагони тариқати Қушайрия огоҳӣ пайдо мекунем.

Ҳамин тавр, аз баррасию омӯзиши сарчашмаҳо ва осори таҳқиқӣ дар робита ба Қушайрӣ чунин бармеояд, ки ӯ аз зумраи уламо, муҳаддисин, воизон ва аз саромадони орифони номвари адабиёти форсӣ-тоҷикӣ мебошад. Абулқосими Қушайрӣ дар радифи маъруфтарин донишмандони замони худ, яке аз донандаҳои хуби улуми замона ва калому ҳадис будааст. Ҳамчунин, аз улуми адабӣ хуб огаҳӣ дошта, шеър низ сурудааст ва илова бар ин, котибу дабири тавоно ва воизе суханпардоз будааст.

Омӯзишу баррасии зиндагӣ ва осори Абулқосими Қушайрӣ, махсусан «Рисолаи қушайрия» дар маърифати адабиёти ирфонии форсӣ-тоҷикӣ аз сарчашмаҳои дастаи аввал ба шумор меравад. Таъсири андешаҳои Қушайрӣ бар ҷараёнҳои иҷтимоию фарҳангӣ, илмӣ ва махсусан, адабии аҳди худ ва пас аз он қобили таваҷҷуҳ аст.

### 1.3. Сохтору мундаричаи тарҷумаи «Рисолаи қушайрия»

«Рисолаи қушайрия» дар байни осори Абулқосими Қушайрӣ аз маъруфтарин таълифоти ӯ ба шумор меравад. Ин китоб аз ҷумлаи муҳимтарин осор дар миёни осори адабӣ аст, ки дар асри XI ба забони арабӣ таълиф шудааст. Муҳаққиқон бар ин назаранд, ки «Рисолаи қушайрия», агарчи қадимтарин китоби суфия нест, зеро қабл аз он Абунаср Абдуллоҳ ибни Алии Сарроҷи Тӯсӣ китоби «ал-Ламаъ фи тасаввуф» ва Абубакр Муҳаммад ибни Исҳоқи Бухороии Каллободӣ «ат-Таарруф лимазҳаби аҳли тасаввуф» ва Абутолиби Маккӣ «Қут-ул-қулуб»-ро тадвин карда буданд, лекин аз ҷомеътарин ва муътабартарин китобест, ки аз гузаштагон дар масъалаи тасаввуф то замони мо боқӣ мондааст. Аз ин ҷиҳат, Шафеии Кадканӣ қайд мекунад, ки «Рисолаи қушайрия»-и ӯ (манзур Қушайрӣ – Н.Ҷ.), агар муҳимтарин матни мавҷуд дар тасаввуф набошад, бегумон, дар радаи муҳимтарин мутуни ирфонии забони арабӣ аст ва тарҷумаи форсии он низ дар шумори муҳимтарин мутуни насри ирфонии форсӣ қарор дорад» [75, с. 117].

Дар миёни осори зиёде, ки Қушайрӣ таълиф кардааст, «Рисолаи қушайрия» аҳаммияти вижае дорад, зеро ки ҳам дар замони ҳаёти Қушайрӣ дар байни суфиён шуҳрат ёфт ва ҳам пас аз даргузашташ таъсири зиёде бар осори манзуму мансури адабиёти форсӣ-тоҷикӣ аз ҷумла, ба таълифоти Муҳаммади Ғаззолӣ, «Кашф-ул-маҳҷуб»-и Ҳуҷвирӣ, «Тазкират-ул-авлиё»-и Аттор ва ғайра таъсири амиқ гузошт.

Абулқосими Қушайрӣ китоби худро бо мақсади шарҳу тафсири ақоид, одоб, русум, шарҳи ҳол ва баёни аҳволи машоихи суфия, дар замоне ки суфиёни риёкор, бидъату ифротро дар тасаввуф ворид сохта буданд, дар 2 фаслу 54 боб таълиф намуд. Фасли аввал дар баёни ақоиди суфиён ва фасли дуюм хулоса ва натиҷаи фасли аввал аст. Қушайрӣ шарҳи ҳоли 83 тан аз машоихи суфияро дар боби аввал матраҳ намуда, дар соири бобҳо ба шарҳи истилоҳот, баёни аҳвол ва мақомот, одобу суннатҳо, каромот, хобу руъё, вафот ва васияти машоих ба муридон пардохтааст. Зикри суфиён аз Иброҳими Адҳам шуруъ гардида, то ба Абдуллоҳ Аҳмад ибни Атои Рудборӣ идома меёбад.

Қушайрӣ ҳамчунин дар охири рисолааш дар бораи якчанд суфиёни муосираш низ маълумот додааст. Аксари матолиби ин бахши рисоларо Қушайрӣ аз маводи «Табақот-ус-суфия»-и устоди худ – Абуабдурраҳмони Сулламӣ баргирифтааст. Ҳарчанд ин боби асари Қушайрӣ мухтасар аст, аммо аз диди фарогирии маводди муҳим дар боби рӯзгор ва аҳволу атвори суфиён аз аҳаммияти хос бархурдор мебошад [18, с. 69].

Аз баррасии сарчашмаҳо [18, с. 68; 19, с. 24] чунин бармеояд, ки «Рисолаи қушайрия» дар соли 437-438 ҳ. / 1058-1059 м. таълиф гардидааст. Қушайрӣ ҳангоми таълифи он 61-сола буда, дар камоли пухтагии фикрӣ қарор доштааст. Ин асар аз ҳамон замони таълиф он қадар шуҳрат ва мақбулият ба даст овард, ки вақте ба дасти ҷамоате суфия дар атрофу акнофи билоди исломӣ расид, на танҳо хондани он дар миёни онҳо роиҷ шуд, балки дар ба ҳам пайвастани сафҳои гусастаи аҳли суннат ва суфия нақши бисёр шоистае гузошт. Шогирдон ва муътақидони Қушайрӣ дар Нишопур онро аз худи вай самоъ карданд ва ҳатто бархе аз уламои Бағдод дар сафари дуюми Қушайрӣ бад-он шаҳр онро назди вай хонданд. Ин асар дар асрҳои баъд низ ҳамчунон дар назди суфия мақбулият доштааст. Чунонки Мавлоно дар тавсифи илми ладуннӣ ва ваҳёнии ҳазрати Нуҳ ва тафзили он бар дониши мадрасии башарӣ, аз ин асар ва ҳамчунин «Қут-ул-қулуб»-и Абутолиби Маккӣ ба унвони намунаҳои маъруфу баргузидаи осори таълимии ирфонӣ ёд карда, дар «Маснавии маънавӣ» чунин гуфтааст:

Нуҳ нуҳсад сол дар роҳи савӣ,
Буд ҳар рӯзеш тазкири навӣ.
Лаъли ӯ гӯё зи ёқут-ул-қулуб,
На «Рисола» хонда на «Қут-ул-қулуб» [29, с. 44].

Қушайрӣ китоби худро бо мақсади аз байн бурдани фасод дар байни тариқатҳои тасаввуф ва ба унвони насиҳат ва дастур ба суфиёну шогирдони худ навишта ирсол намудааст. Академик Носирҷон Салимӣ дар хусуси сабаби таълифи ин китоб навиштааст: «Рисола ба мабонии тасаввуф ва аркони он тахсис ёфта, муаллиф матолиби хешро дар партави аҳволи шуюх ва урафои

мутабаҳҳири замон зевар бастааст. Иллати навиштани он зуҳури фасод дар тариқату инҳирофи суфиён аз адабу сунани машоихи пешин ва пайдо гардидани муддаиёни дур аз ҳақиқату дурӯғин будааст» [102, с. 279].

Қушайрӣ дар муқаддимаи китоб ба авзои тасаввуф дар замонаи худ мепардозад. Аммо сайри як таҳқиқи таърихии комил, ки марҳила ба марҳила таҳаввулоту дигаргуниро бозгӯ кунад, дида намешавад. Пас маълум мешавад, ки мақсади Қушайрӣ таърихнависӣ ва ё баёни сираи тасаввуф ва таърихи суфия нест. Пардохтан ба гузашта, дар ҳақиқат васила ва поя аст, барои расидан ба ҳадафи дигар, ки омӯзиши усули тасаввуф ва низ пок сохтани суфиён аз бухтону интиқодот бошад. Ҳарчанд агар равиши нақлиро ба маънои ом равиши таърихӣ бидонем, аз ин ҳайс «Рисолаи қушайрия» як таҳқиқи таърихӣ ҳам ба шумор хоҳад омад. Аз тарафи дигар, дар ин китоб бо саргузашти теъдоде аз бузургони тасаввуф, касоне ки пеш аз Қушайрӣ мезистаанд, рӯ ба рӯ мешавем ва дар воқеъ, дар ин бахш на як таҳқиқи таърихӣ, балки бо таърихнигорӣ рӯ ба рӯ мешавем. Дар бахши зикри машоихи ин китоб дар оғози баҳс як тавсифи таърихии мухтасар дида мешавад, ки аз чигунагии пайдоиш ва шаклгирии тасаввуф ба ихтисор сухан мегӯяд.

Ҳадафу мақосиде, ки Қушайрӣ дар таълифи китоб доштааст, гуногун буда, ки худ ба бархе аз онҳо дар муқаддимаи китобаш ишора кардааст. Аммо аҳдофи ӯ мунҳасир ба маворидe нест, ки дар оғози асар қайд мешавад, балки ба бархе ҳадафҳо низ дар муҳтавои китоб ишора намуда ва бархеро низ метавон аз мундариҷаи китоб дарёфт кард.

Дар маҷмуъ, аз муқаддима ва матну муҳтавои китоб дар бораи аҳдоф ва мақосиди куллии Қушайрӣ мавридҳои зерин аҳаммияти бештаре дорад:

**1. Дифоъ аз аҳли тасаввуф**. Дифоъ аз аҳли тасаввуф дар баробари иттиҳомоти аҳли шариат ва исботи эътиқодоти онон мутобиқи усули ақоид аз аҳдофи ӯ будааст. Ӯ дар оғози боби аввал менависад: «Бидонед, раҳимакумуллоҳ, ки пирони ин тоифа бино карданд, қоидаи корҳои хеш бар усулҳои дуруст андар тавҳид ва нийятҳои хеш нигоҳ доштанд аз бидъат ва он чӣ салафро бар он ёфтанд, бар ин гирифтанд» [18, с. 13]. Ин фаслҳо далел аст

бар баёни ақоиди машоихи ин тоифа дар масоили тавҳид, ки мо ёд кардем бар тариқи тартиб [18, с. 22]. Абулқосими Қушайрӣ бо таълифи рисолаи худ аҳли сайру сулукро аз иттиҳомот раҳонидан хоста, ирфони ҳақиқӣ, тасаввуфи воқеӣ ва солики ростинро ба ҷомеаи замони худ ва асрҳои баъдӣ шиносонидааст.

**2. Исботи пайванд байни тариқату шариат.** Қушайрӣ пайваста бар ин нукта таъкид дорад, ки аҳкоми шариат ва ҷавҳари ақида аз шароити аввалия ва асосӣ вуруд ба асли тасаввуф аст. Ҳақиқат бидуни итоат ба шариат ва ё маърифат дар он дастёфтанӣ нест. Ба назари ӯ, кӯтоҳӣ дар ибодот ба ҳар баҳонае, масалан бо иддаои маҳву фано ва ё дӯстӣ бо занон, ҳамнишинӣ бо навҷавонон, гадойӣ кардан ва ғайра бо либоси суфиёна, инҳироф аз ҳақиқат ба ҳисоб меояд, аз ин рӯ шадидан ба он мухолифат мекард. Ин шаҳодати он аст, ки дар замони Қушайрӣ ирфон бо шариат ҳамоҳанг шудааст ва роҳи рушди бемайлони он тавассути меъёрҳои шариат ҳамвор гаштааст.

**3. Рафъи бидъатҳои мавҷуда дар тасаввуф ва муаррифии тасаввуфи аслӣ ва муроди холису ҳақиқӣ**. Қушайрӣ худ дар муқаддима мегӯяд: «Ва чашм ҳамедоштам, ки ин фитрат бигзарад ва бурида гардад ва бо салоҳ ояд ва магар Ҳақ, субҳонаҳу ва таоло, ба фазли хеш бедорӣ падид орад онро, ки аз ин тариқа баргашт андар зоеъ кардани одоби ин тоифа. Ва ҳар рӯз кор саъбтар аст. Ва бештар аҳли замона андар диёр табоҳӣ ҳаме афзоянд ва тарсидам бар дилҳо, ки эътиқод кунанд, ки ибтидои ин тариқат ҳамчунин будааст» [18, с. 22].

Дар таълифу тадвини як асар мумкин аст, сабабу омилҳои зиёде мисли омилҳои мухталифи иҷтимоӣ, сиёсӣ, психологӣ ва ақидатӣ ё чанд омил дар ба вуҷуд омадани асар нақши калидӣ ва меҳварӣ дошта бошад. Ҳамчунин, дар баррасии сабабу омилҳо бояд ба мавқеияту мақоми илмию иҷтимоӣ ва сиёсии нависанда ва шароити замонию маконии ӯ таваҷҷуҳ кард. Ба назар мерасад, ки дар таълифи «Рисолаи қушайрия» омилҳои шахсиятӣ, психологӣ ва улуми фиқҳӣ таъсири бештаре доштаанд. Чунки Қушайрӣ худ аз уламо ва муҳаддисину мутасаввифаи бузурги асри ёздаҳ буд, ки дар улуми мухталифи замони худ саромад буд. Ӯ дар фиқҳ, калом, усул, ҳадис, тафсир, тазкир, наҳв, луғат, шеър ва ғ. дасти давоно дошт. Аз ин рӯ, Қушайрӣ барои рафъи иттиҳом

нисбат ба худ ва суфиён, ки бештар ба сабаби рафтори бархе суфинамоёни шариатгурез ва аҳли риё мутаваҷҷеҳи аҳли тасаввуф шуда буданд, талош мекунад, ки асарашро бар асоси манобеи шаръӣ ва эътиқодоти динӣ таълиф созад. Биноан, пояи илмии рисолаи нависанда мустаҳкам мебошад.

Доираи васеи мавзуоти «Рисолаи қушайрия» ин китобро ҳамчун асари назарӣ ва дастурии суфиён муаррифӣ мекунад. Чунонки мутарҷими он ҳам қайд мекунад, ин китоб аз зумраи осори хонданбоб ва хеле муҳим буда, дар тарбияи муридону пайравон ва аҳли ҷомеа ба шумор меравад. Ҳар хонандаи он аз ин китоб дар тарбияи худ, тазкияи нафс ва ҷустуҷӯи роҳи ростини ҳаёт, панду дастуроти муфид гирифта метавонад. Панҷоҳу ду боби асар дар шарҳу басти истилоҳоти мухталифи тасаввуф буда, ҳар боб яке аз масоили ҷудогонаро матраҳ менамояд, аз қабили эътиқод, зикри машоих, хавф, раҷо, тавба, муҷоҳадат, тақво, зуҳд, таваккул, яқин, убудият, вараъ, тавҳид, муҳаббат, самоъ, исботи каромоти авлиё ва монанди ин.

Чунонки Қушайрӣ боби панҷоҳу сеюми «Рисолаи қушайрия»-ро дар бораи каромот навиштааст ва пас аз баҳсе дар бораи имкони каромот ва пешинаи мафҳуми он кӯшидааст, ки намунаҳои гуногуне аз каромоти авлиёи аҳди исломиро дар ин боб нақл кунад. Ин боб дар ҳаҷми андаке, ки дорад, ҳудуди ҳафтод сафҳа аз тарҷумаи форсии рисоларо фаро мегирад ва маҷмуаи гуногун аз сужаҳои каромотро тасвир мекунад. Касе наметавонад даъво кунад, ки берун аз ин сужаҳо каромоте дигар вуҷуд надорад, аммо ба осонӣ метавон муддаӣ шуд, ки сурати нави каромоти нақл шуда, дар мутуни ирфонӣ чизҳое аз ин навъ аст. Аз вижагиҳои каромот ин аст, ки бештар як нафар шоҳиди он аст ва дигарон аз он бехабаранд. Ҳамон як нафар ривоят мекунад, яъне аз нақли хабар маълум аст, ки дар эътибор ва ҳуҷҷатии он ҳамеша шакку тардид будааст ва фуқаҳо ҳам бад-он истинод намекардаанд. Эҳтимоли зиёд ин ки он як нафар, ки шоҳид ва нозир будааст, тахайюлоти худро амре берунӣ ва айнӣ пиндошта бошад, бисёр зиёд аст. Бавижа, дар мавриди он чи тааллуқ ба руҳ ва таҷрибаҳои дарунии инсон бозмегардад, аз қабили хондани афкор ва ашроф бар дил, ҳама қобили қабул ва пазируфтанӣ аст. Нақши сужаи каромот ва забони достону

печидагиҳое, ки дар гуфторҳои дохилии достон вуҷуд дорад, набояд фаромӯш шавад. Ҳамаи онҳо дар вуҷуди худ арзиши хоссеро соҳибанд.

Бисёре аз қаҳрамонони ин каромотҳо гоҳ худ ба инкори каромот бармехоста ё каромотро чизе сода ва табиӣ таъкид мекардаанд. Қушайрӣ аз устодаш Абуалии Даққоқ нақл мекунад, ки шахсе назди Саҳл ибни Абдуллоҳи Тустарӣ рафту гуфт: «Мегӯянд: – Ту бар сари об, биравӣ. Гуфт: – Аз муаззини масҷид бипурс, ки марде ростгӯй аст. Аз муаззин пурсидам. Муаззин гуфт: – Ман ин надонам, валекин андар ин рӯзҳо андар ҳавз шуд, ки таҳорат кунад, дар он ҷо афтод. Агар ман дар он ҷо набудаме, дар он ҷо бимондӣ.

Устод Абуалӣ гуфт: – Саҳлро он пойгоҳ буд, валекин Худой, азза ва ҷалларо хост, чунон бувад, ки авлиёи хешро пӯшида дорад ва Саҳл соҳиби каромот буд» [18, с. 682]. Чунонки маълум мегардад, ин ҷо лаҳзае аз каромоти Саҳл ибни Абдуллоҳ мушаххас карда шудааст. Каромот ин гуна амалҳои ғайримаъмул аст, ки хосси инсонҳои одӣ нест ва ба аҳли дил мансуб мебошад.

Боиси таъкид аст, ки чанд боби китоб дар баробари шарҳу тавзеҳи истилоҳоти суфия масоили маънавӣ, арзишҳои ахлоқи инсонӣ аз қабили ризо, сабр, ҳасад, сидқ, ҳаё, ғайбат, хулқ, фаросат, футувват, ҷуду сахо, адаб, аҳкоми сафар, суҳбат ва монанди инҳоро матраҳ намудааст.

Аз ин рӯ, метавон гуфт, ки бештари мавзуоти матраҳшуда дар «Рисолаи қушайрия» мавзуоти мутафовити ирфонӣ аст, ки яке пас аз дигаре нақлу тавсиф мешаванд. Ин ҳам ба он сабаб, ки Қушайрӣ худ намояндаи мутасаввифа аст ва дар шиносонидан ва муаррифии ақоиди ин тоифа ба мухотабон ҷаҳд намудааст. Чеҳраи Қушайрӣ дар китоб ба манзалаи як суфии соҳибназар аст ва аз ҳамон оғози китоб бар ин нукта таъкид дорад, ки баҳс аз тоифаи мутасаввифон аст, на як фарди хос.

Маҳз тавассути «Рисолаи қушайрия» машраби ирфонии Абулқосими Қушайрӣ то замони мо расидааст. Ин китоб муҳимтарин марҷае аст, ки заминаи ошноии моро бо машраби ирфонии ӯ фароҳам месозад. Маҷмуаи таолим ва андешаҳои ирфонии Қушайрӣ дар «Рисолаи қушайрия» комилан мувофиқ бо мабонии суннати аввали ирфонӣ аст. Барои шинохти суннати ирфонии ҳар як аз

орифон зарур аст, дидгоҳҳои ӯ дар бораи ин шохисаҳо ва мавзуот таъйин шавад, то аз ҷониби хонанда мавриди пазиришу қабул қарор гирад.

Ғоят ва ҳадаф дар ҳар ду суннати ирфонӣ маърифат аст, аммо бо ду тафсири мутафовит. Шинохти ҳар як аз ин тафосир маълум месозад, ки ҳар орифе пойбанди кадом суннати ирфонӣ аст. Қушайрӣ монанди ҳамаи орифон шинохту маърифати илоҳиро зарурӣ ва нахустин фарзия барои инсон медонад.

Аз аҳвол ва андешаҳои Қушайрӣ бармеояд, ки вай барои шинохти Худованд танҳо қоил ба ду рукн: яке маърифати инсон ва дигаре маърифати Худост. Ӯ дар ҳеҷ ҷой аз «Рисолаи қушайрия» ё дигар осораш ишора намекунад, ба ин ки ҳаммонанди мабонии суннати дувуми ирфонӣ маърифати ҳастӣ, аз ҷумла шароити маърифати комил аст. Ӯ танҳо ҳиммати худро масруфи он месозад ва табйин мекунад, ки маърифати Аллоҳ бо маърифатуннафс ҳосил мешавад.

Аз дидгоҳи Қушайрӣ вуҷуди инсон аз ду буъд: ҷисмонӣ ва руҳонӣ ташкил шудааст. Буъди ҷисмонӣ таҳти таъсир ва нуфузи нафс қарор дорад ва буъди руҳонӣ бар руҳ устувор аст. Аз дидгоҳи ӯ маърифати нафс, яъне он ки инсон ҳар ду буъд: ҷисмонӣ ва руҳониро бишносад ва бар наҳваи пайванд ва таъаммули онҳо бо якдигар вуқуф ёбад. Ӯ дар таърифи нафс меоварад: «Нафс андар луғат вуҷуди чизе бувад. Ва наздики [ин] қавм мурод аз итлоқи нафс, на вуҷуд аст ва на қолаб, ки ниҳодаанд. Балки мурод ба нафс он аст, ки маълул бувад аз авсофи банда ва накуҳида бувад аз афъол ва ахлоқи ӯ. Пас маълулот аз авсофи банда бар ду гуна бувад: яке касби ӯ бувад ва чун маъсият ва мухолафат, дувум хӯйҳои данӣ, ки андар нафси хеш накуҳидааст. Чун банда муолиҷат кунад ва муҷоҳадат намояд он ахлоқи данӣ ва накуҳида аз вай дур шавад дар мустамарри одат» [18, с. 132].

Назари Қушайрӣ бар он аст, ки дар таълими худ печидагиҳо ва душвориҳои шинохти нафсро табйин кунад ва нишон диҳад, ки муҷоҳидат бо нафс ниёз ба тадбиру ҳиммати воло дорад. Бад-ин сабаб, дар маҷмуаи мабоҳисе, ки Қушайрӣ дар бораи нафс оварда ҳам сифот ва вижагиҳои нафс баён шудааст. Ва ҳам роҳи мубориза бо он. Аз ҷумла, вай дар ин бора меоварад:

«Ва ҳам бад-ин устод гӯяд: Илм пешрав аст ва хавф собиқ аст ва нафс ҳарун асту саркаш ва фиребанда миёни он ҳар ду бисёрдастон дорад. Барҳазар бош, аз вай ва вайро ба сиёсати илм ташна дор. Ва чун об диҳӣ ба таҳдиди хавф деҳ, то он чӣ хоҳӣ, бор орад» [7, с. 59].

Буъди руҳонии инсон амиқтар ва печидатар аз ҷанбаи ҷисмонии ӯст. Қушайрӣ дар таърифи руҳ овардааст: «Арвоҳ мухталифанд ба наздики аҳли таҳқиқ. Аз аҳли суннат гурӯҳе гӯянд, ҳаёт асту бас. Гурӯҳе гӯянд, аъён аст ва андар ин қолабҳои латиф орият ниҳодааст Худованд, субҳонаҳу ва таоло, ба офаридани ҳаёт дар қолаб. Модом то арвоҳ дар танҳо буд, мардум зинда ба зиндагӣ аст, валекин арвоҳ муваддаъ аст дар қолаб ва онро тараққӣ бувад. Дар ҳоли хоб аз қолаб берун шавад ва ба ҳоли бедорӣ боз ояд ва мардум руҳ буванд ва ҷасад, зеро ки Эзид, субҳонаҳу ва таоло, ин ҷумла мусаххари якдигар кардааст ва ҳашру нашр ҷумларо бувад. Ва масобу маоқиби ҷумла бошанд ва руҳ офаридааст ва ҳар кас ки ба қидми ӯ гӯяд, мухтии азим бувад ва ахбори дуруст кунад, ки аъёне латиф аст» [7, с. 134].

Руҳ дар мутуни ирфонӣ дар канори истилоҳоти дигаре монанди ҷон, дил, сирр, сирри сир, замиру ботин ба кор меравад. Дар манобеи ирфонӣ то асри XIV чандон кӯшише ба амал наёмад, то марз ва тафовути ин мусталаҳот баён шавад. Танҳо ишора кардаанд, ки сирри сир мартабаи болотар аз сирр дорад ва ҷуз Худованд бар он иттилоъ надорад ва дар мартабаи буъд сирр ҷойгоҳи баланде дорад ва ҳар кас бар он ашроф надорад ва «сирр латифтар аз руҳ аст ва руҳ шарифтар аз дил» [18, с. 148].

Ҳамчунин, Қушайрӣ оварда, ки «Муҳтамал бувад, ки сирр латифаест муваддаъ дар ин қолаб чун руҳ. Ва усули қавм воҷиб кунад, ки он маҳалли мушоҳидат бувад, чунонки руҳ маҳалли муҳаббат бувад ва дил маҳалли маърифат бувад» [18, с. 146].

Нафс он бахш аз вуҷуди инсонӣ аст, ки маншаи ахлоқ ва афъоли накуҳида аст ва дар баробари руҳ қарор мегирад, ки маҳалли сифоти писандидааст: «Ва муҳтамил бувад ин нафс латифае бувад дар қолаб ниҳода ва он маҳалли ахлоқи нописандида бувад, чунонки руҳ латифае аст дар ин қолаб ва он маҳалли

ахлоқи писандида аст. Ва ҷумла мусаххари якдигаранд ва ҷумла як мардуманд» [18, с. 139].

Дар «Рисолаи қушайрия» масоиле ҳамчун каломy фиқҳ бар асоси ақоиди ашъария тафсиру баён шуда, аммо шеваи баёни ӯ ба ин равиш аст, ки масоилро аз дидгоҳ ва забони бузургони суфӣ баён мекунад, то ба ҳадафи хеш, ки истидлол ба дурустию исботи ақоиди онон дар мавзуот ва масъалаҳои усулӣ аст, ноил шавад. Илова бар ин, эътиқодоти аҳли тасаввуф ва дидгоҳҳои хоси ононро низ дар ин замина баён карда бошад, чунон ки худи ӯ мегӯяд: «Андар ин ҳикоятҳо далел аст, ки эътиқоди пирони мутасаввифа мувофиқ будааст, ба қавли аҳли ҳақ андар масоили усул» [18, с. 21].

Яке аз ҳуҷҷатҳое, ки аҳли калом аз он истифода мекунанд, нақли ақволи бузургону донишмандони ирфон аст. Ҳуҷҷатҳои нақлии аҳли калом, ки Қушайрӣ низ аз он истифода карда, дар ҳақиқат аз намунаҳои маъруфу муҳим барои исботи ақида ба шумор мераванд. Илова бар он, ақволи бузургон ва машоихи тасаввуф низ ҷузъи муҳимоти хитобӣ ба ҳисоб меравад, ки барои мухотабони хосси ӯ, ки бештар аҳли тасаввуфанд, мавриди эътимод бошад.

Қушайрӣ аз усули нақл ва ақволи бузургони суфия ба шеваҳои мухталиф истифода кардааст:

а) Зикри силсилаи аснод. б) бидуни зикри силсилаи аснод: «Расул, саллаллоҳу алайҳи ва саллам, аз Ҳақ, субҳонаҳу ва таоло, хабар дод, ки гуфт: – Чун банда ба ҷойгоҳе расад, ки ба ман бишнавад ва ба ман бибинад» [18, с. 102].

в) Бо овардани калимоте, ки бозгӯ аз нақли қавланд. Қушайрӣ калимоте монанди «ҳикоят кунанд», «дар ҳикоят ҳаме ояд», «гӯянд», «гуфтаанд», «дар хабар аст», «маъруф аст» меоварад, ки нишондиҳандаи нақли қавл аст.

г) Баёни самои мустақим. «Ва аз устод Абуалӣ шунидам, ки Ҳар кӣ қуввати ӯ маълум бувад миёни илҳом ва васвос фарқ надонад кард [18, с. 128].

ғ) Бо ровие, ки шахси номуайян аст: «Ва яке гӯяд: Вақте даре аз баст, бар ман бозгушоданд, зиллате кардам, аз он мақом бозмондам. Аз ин сабаб, гуфтанд, ба бисот бибош ва гирди инбисот магард» [18, с. 96]. Дар ин миён,

теъдоди аҳволе, ки бо таъбири «гуфтаанд» ва «гӯянд» зикр мешавад, аз онҳо ки ровии мушаххас дорад ва силсилаи ровиён нақл мешавад камтар аст.

Қушайрӣ аҳволи мухталифро дар бораи бархе мабоҳис мисли ваҷҳи тасмияи тасаввуф, меоварад ва ҳамчунин накд мекунад: «Аммо он ки гӯяд: Ин аз суф аст ва тасаввуф суф пӯшидан аст, чунонки тақаммас пироҳан пӯшидан, ин раво бувад, валекин ин қавм ба суф пӯшидан ихтисос надоранд ва агар касе гӯяд: Эшон мансубанд бо суффаи масҷиди Расул, саллаллоҳу алайҳи ва саллам, нисбат бо суффа бар вазни суфӣ наёяд. Ва агар касе гӯяд: Ин аз сафо гирифтанд, нисбат бо сафо дур афтад бар муқтазои луғат» [18, с. 468].

Дар боби сию нуҳум (дар вилоят) дар бораи ин ки раво бувад, ки валӣ донад, ки ӯ валӣ аст ё на, назари ду тан аз машоихро баён ва худро бо яке ҳамақида муаррифӣ мекунад.

Қушайрӣ дар мавридҳое ба тафсир ва гоҳ таъвил муносиб бо мазоқи аҳли тасаввуф мепардозад ва гоҳ тафсир ё таъвили дигаронро аз оёт баён мекунад.

Бо истинод ба аҳволи суфиёни давраи аввал боби таъвилро баён месозад. Ӯ аз аҳволи Яҳё ибни Муоз менависад: «Вараъ истодан бувад бар ҳадди илм бе таъвил» [18, с. 167]. Қушайрӣ сахт бар тасаввуфи шариатмадор таъкид мекунад ва дар таърифи тасаввуф аз қавли Насрободӣ менависад: «Асли тасаввуф истодан аст бар китобу суннат ва даст бидоштани ҳаво ва рухсат ноҷустан ва таъвилҳо нокардан» [18, с. 83]. Чунонки маълум мегардад, нависанда дар шарҳи истилоҳҳои тасаввуф ва вараъ аз Ибни Муоз ва Насрободӣ иқтибос оварда, ба ҳадафи тавзеҳии худ ноил гардидааст.

Таваҷҷуҳи Қушайрӣ ба нақл бештар аст. Ин бастагии ӯ ба нақл боис шудааст, ки дар мавориде таноқуз ва такрорҳое дар гуфтори ӯ дида шавад. Илова бар он, ҳикоёт, ривоёту ҳаводиси ғайримантиқӣ низ дар китоби ӯ дида мешавад, ки албатта, дар китобҳои дигари суфия низ кам нест. Ин нукта ҳам нишон аз эътимоду эътиқоди ӯ ба нақли ривоёт аст, ки ин мавзуъ низ дар миёни аҳли тасаввуф маъруф аст.

Қушайрӣ дар зикри силсилаи аснод ба шеваи аҳли ҳадис рафтор мекунад ва аҳодису ривоёт ва калимоту ҳикоёти суфиёнро бо зикри силсилаи санад баён

мекунад. «Ва ин аз Шайх Абуабдурраҳмон Сулламӣ, раҳимаҳуллоҳ, самоъ дорам, ки бад-ӯ расида буд, аз Сиқот, ки Иброҳими Башшор гуфт, ки бо Иброҳими Адҳам суҳбат кардам...» [18, с. 25].

Роҳе, ки ирифон барои маърифат ва шинохт дар назар гирифтаанд, муқобили истидлол, яъне завқу дил мебошад. Онон саъй кардаанд, он чиро ки ақл қодир ба дарёфти он нест, ба василаи қалб дарёбанд. Қушайрӣ низ агарчи пойбанди нақлу ақл аст, дар ниҳоят баён мекунад, ки қалб маҳалли маориф аст, ақл агарчи василае барои расидан ба маърифат аст, аммо қодир ба дарки ҳақоиқи пинҳонӣ нест. Тарҷеҳ додани қалб бар ақл дар даврони баъдии тасаввуф тобиши дигар мегирад ва ба ҷои қалб ишқ меояд. Ба ифодаи дигар, орифони шоир мисли Саноию Аттор ва Мавлавӣ дар замони хеш дар мақоми маърифат ишқро бартар аз ақл донистаанд. Оғози ин бартариҷӯиҳо дарвоқеъ, ба замони таълифи «Рисолаи қушайрия» рост омадааст, ки мавқеъгириҳои онҳо моҳиятан, ба ҳам наздиканд.

Аз дидгоҳи Қушайрӣ баҳси зоту сифоти Худованд баҳсе комилан назарӣ нест, балки шинохт бояд ҳамроҳ бо амал бошад ва ҳар маърифате сулуке ба ҳамроҳ дорад. Гароиши ӯ ба тасаввуф аз ҳамин эътиқод сарчашма мегирад. Дар рисола зимни баёни эътиқоди аҳли тасаввуф ба усул бар одобу сулуки амалии онон низ таъкид дорад: «Ва ёд кунам номи ҷамоате аз пирони ин тоифа аз табақоти аввал, то бад-ин вақт мутааххирон аз эшон ва ёд кунем, сиратҳои эшон ва суханони эшон (ки далел кунад) бар усули эшон ва одоби эшон, иншааллоҳу таоло» [18, с. 25].

Чунонки маълум аст, шеваи баёни Қушайрӣ дар касби маърифат дар тасаввуф ингуна аст, ки ҳам улуми мадрасию касбиро дар расидан ба маърифат лозим медонад ва ҳам такия бар завқу кашфу шуҳуд ва илҳомоти забониро. Худи ӯ дар нигориши Рисола аз улуми фиқҳу калом, ҳадис ва ғайра суд бурда, онро появу ва мояи нигориш ва расидан ба маърифат қарор додааст. Илова бар он, дар рисола ба аҳаммияти файзи Раббонӣ ва маърифати қалб низ ишора кардааст.

Бо ин ҳама, дар «Рисолаи қушайрия» андешаҳои ирфонии муаллифро камтар мебинем. Ӯ бештар аз забони машоихи тасаввуф сухан мегӯяд ва кашфу шуҳуди ононро баён мекунад, то кашфиёти худро. Ин ҳолат ба мутолиаи вофири муаллиф, эҳтиёткории вай дар баёни андеша ва муҷаррабии масоили тасаввуф далолат карда, маводди тому сареҳу қобили эътимодро пешорӯйи хонанда мегузорад.

Дар баробари ин ки Қушайрӣ дар рисола аз дониши фиқҳии хеш фаровон истифода бурдааст, ҳамчунин гоҳе дар бораи бархе масоил ҳукми фиқҳии дигаронро низ баён мекунад. «Ва бидон, ки самои ашъор ба овози хуш чун мустамеъро эътиқоди ҳароме набошад ва самоъ накунад бар чизе, ки андар шаръ накуҳида аст ва лагом ба дасти ҳавои хеш надиҳад ва бар сабили лаҳв набувад, андар ҷумла мубоҳ аст» [18, с. 592]. Усули мазкури баррасӣ ва ҳаллу фасли масоил аз донишмандӣ ва аз фазилатҳои дигари Қушайрӣ дарак медиҳад. Нуктаи қобили қайд дар робита ба равиши кори нависанда ин аст, ки вай, на танҳо ба дониши худ, балки ба донишу дастовардҳои дигарон низ эҳтиром мегузорад ва ба онҳо эътимод меварзад.

Ин аст, ки меҳвари баёни андешаҳои Қушайриро афкору гуфтори аҳли тасаввуф ташкил намудааст: «Дилҳои эшон маъдани розҳои хеш кард ва махсус гардонид эшонро ба пайдо кардани анвори хеш бар эшон. Ва эшон фарёд (рас)-и халқанд... Эшонро аз тирагиҳои башарият рӯшан гардонид ва ба дараҷаи мушоҳада расонид, бад-он чӣ таҷаллӣ кард эшонро аз ҳақиқати ягонагии хеш» [18, с. 10]. Аз ин ҷост, ки Қушайрӣ онҳоро «худовандони ҳақиқат» номида, қайд мекунад, ки дар замони ӯ аз ин тоифа намондаанд: «... пироне, ки ин тариқатро донистанд, бирафтанд ва андакеанд, барноён, ки ба сират ва тариқати эшон иқтидо кунанд. Вараъ бирафт ва басти ӯ бар навишта омад ва тамаъ андар дилҳо қавӣ шуд ва бех фурӯ бурд ва ҳурмати шариат аз дилҳо берун шуд ва нобокӣ андар дин қавитарин сабабе донанд ва даст бидоштанд тамиз кардан миёни ҳалолу ҳаром» [18, с. 11].

Ҳамин ҷиҳати муҳимми дастурӣ ва назарӣ доштани «Рисолаи қушайрия» боис гардид, ки хондани он миёни суфиён ривоҷи тамом касб намуда,

андешаҳои муаллиф дар асрҳои баъд таъсири фарвоне ба аҳли ирфон гузошт, ки дар фасли дигари рисола ин масъала баррасӣ мешавад.

Адабиёти форсӣ-тоҷикӣ аз ҷиҳати танаввуи мундариҷа ва ғановати маънавӣ дар байни адабиёти мавҷуд аз мақоми хеле баланд бархӯрдор аст. Агар ин аз ҷонибе ба вориси фарҳангу тамаддуни куҳан будани миллат алоқаманд бошад, аз ҷониби дигар ба касрати мутолиа ва баҳрабарии суханварон аз манобеи асил пайванд мегирад. Омили аввал, ки нишонаҳояш бар синаи кӯҳҳо нақш баставу дар авроқи китобу дафтарҳо бозмондааст, дар ташаккули назми форсии тоҷикӣ, махсусан, дар аҳди Сомонӣ, ба хубӣ партав афкандааст ва дар пажуҳишҳои мухталиф борҳо баррасӣ ёфтааст. Омили дувум, ки ба донишҳои мухталиф ва манобеи асосии онҳо алоқаманд аст, гурӯҳе аз муҳаққиқон, бахусус, шореҳон ва тафсиргаронро ба худ ҷазб намудааст, то ҷиҳати дарки обишхӯри фикри шоирон бикӯшанд. Дар заминаи ҷаҳонбинии исломӣ аз асилтарин сарчашмаҳо маҳсуб мегардад, ки ба василаи китобу рисолаҳои мухталиф бар андешаҳои суханварон партав афкандааст. Аз мутолаи «Рисолаи қушайрия» бармеояд, ки Абулқосими Қушайрӣ дар таълифи китоби худ аз манобеи муҳимми динию ирфонӣ ва ғайра ба шеваҳои гуногун истифода кардааст. Пайдост, ки ҳар китобе, ки таълиф мешавад, аз кутубу сарчашмаҳои пеш аз худ мутаассир мегардад.

Абулқосими Қушайрӣ барои баёни мавзуъҳои мухталифи каломӣ, фиқҳию ирфонӣ ҷиҳати мустанад гардонидани сухани худ ё аҳли тасаввуф аз манобеъ ва маохизи муҳимме ба шеваҳои гуногун баҳра бурдааст.

Қушайрӣ ҳам ба шеваи мутакаллимон аз оёти раббонӣ барои исботи ақидаи хеш ва баёни ҳақиқати масъала истифода кардааст. Ӯ дар оғози ҳар боб ба манзалаи шоҳид ояте дар бораи мавзуи ҳамон боб меоварад. Бар шахси хӯгирифта бо каломи шуаро, махсусан, ашъори шоирони ориф ба хубӣ равшан аст, ки фаҳми каломи эшон ва кашфи румузи он бидуни огоҳии комил аз ин ду сарчашмаи асил номумкин аст. Ин ду манбаъ бо он ки дар якҷоягӣ арзёбӣ мегардад, дар алоҳидагӣ хусусиятҳои ба худ хосро низ доранд. Аввалӣ асл ва дувумӣ чун фаръи он муаррифӣ мешавад. Дар маърифати таъсиргузории аввалӣ

бар андешаи суханварон ҷои тааммуле боқӣ намондааст. Зеро асноди гуногун ҳақиқати онро собит сохтааст. Аз ҷониби худи суханварон ҳофизу донандаи каломи раббонӣ будан ва баҳрабарӣ аз он ки ба сароҳат зикр ёфтааст, далели қотеи ин назар мебошад. Чунонки фармудаанд:

Муқиррам ба маргу ба ҳашру ҳисоб,
Китобат зи бар дорам андар замир [89, с. 17].

****

Ишқат расад ба фарёд ар худ ба сони Ҳофиз,
Қуръон зи бар бихонӣ дар чордаҳ ривоят [39, с. 143].

****

Ҳофизо дар кунҷи фақру хилвати шабҳои тор,
То бувад вирдат дуову дарси Қуръон ғам махӯр [39, с. 211].

****

Субҳ хезиву саломат талабӣ чун Ҳофиз,
Ҳар чи кардам, ҳама аз давлати Қуръон кардам [39, с. 264].

****

Зи ҳофизони ҷаҳон кас чу банда ҷамъ накард,
Латоифи ҳикамӣ бо нукоти қуръонӣ [39, с. 326].

Аз ҷониби дигар таҳқиқоти хоссае, ки дар заминаи таъсири сарчашмаҳои мазкур дар андешаи шуаро сурат гирифтааст, муайиди ин назар аст ва моро то ҷое аз пардохтан ба ин мавзуъ бениёз месозад.

Манбаи дувум, ки бахши чашмгаре аз ашъори форсиро дар партави худ парваридааст, аз паҳлӯҳои гуногун қобили омӯзиш мебошад. Зеро аҳодиси набавӣ сарчашмаи муҳимми фикрии шуаро буда, суханварон ба шеваҳои мухталиф аз он баҳра бурдаанд. Дар ин замина, профессор Абдулманнони Насриддин менависад: «Аҳодиси Расули акрам (с) ба манзалаи офтоби дурахшон манбаи рӯшноӣ ва гармии маънавии аҳли донишу ҳунар мебошад. Суханварони забон ва адаби форсӣ ба ин сарчашмаи ҷовидона алоқаи бисёр доштанд ва пайваста аз ин ганҷинаи ҳикмату маориф истифода мекарданд.

Истифодаи аҳли сухан аз аҳодиси набавӣ бештар дар се равиш сурат гирифтааст:

1. Баёни мазомини аҳодис дар шеър ва насри форсӣ ба шакл ва шеваҳои гуногун бо истифода аз ҷозибаҳои луғавӣ ва наҳвии забони форсӣ;

2. Талмеҳу иқтибоси аҳодис, яъне овардани асли ҳадис ба забони арабӣ андар шеър ё осори мансури форсӣ;

3. Нигориши рисолаҳои вижа зери унвонҳои «Чиҳил ҳадис» ё «Арбаин» [89, с. 126].

Кутуби осмонии дигар. «Андар Таврот аст, ки чун (Худои таоло) бандаро дӯст дорад, навҳагарӣ андар дилаш ба пой кунад» [18, с. 209]. «Ва гӯянд дар Инҷил набишта шудааст, ки бандаи ман маро ёд кун ба вақти хашм, то туро ёд кунам дар вақти хушнудӣ» [18, с. 353]. «Ва андар Забур аст, ки қонеъ тавонгартар аст, агарчи гурусна бошад» [18, с. 241]. Иқтибосоварии Қушайрӣ машраби васеи ӯро бармало мезодад ва эҳтироми ӯро ба китобҳои дигари осмонӣ нишон медиҳад, ки дар он замон ҳодисаи аҷиб ба назар мерасад.

**Кутуби пеш аз худ.** Шак нест, ки Қушайрӣ дар таълифи ин асар аз манобеи муқаддам бар худ, махсусан «Қут-ул-қулуб»-и Абутолиби Маккӣ, «ат-Таарруф»-и Каллободӣ, «ал-Ламаъ»-и Сарроҷ ба хубӣ истифода кардааст. Ин таъсир бештар дар шабоҳати ошкоре, ки ҳадди ақал дар бахше аз абъоди фикрӣ ва ҳатто баёни онҳо вуҷуд дорад, ба равшанӣ дида мешавад. Қушайрӣ аз шева ва равиши Абутолиби Маккӣ дар истифода аз фиқҳ, ҳадис ва калом барои таҳкими пайванди шариату ҳақиқат бисёр мутаассир будааст, ҳарчанд ба тасаввуфи амалӣ бештар аз Абутолиби Маккӣ таваҷҷуҳ доштааст. «Рисолаи қушайрия» ва таърифи Каллободӣ аз ҷиҳати ангезаи муштараки муаллифони онҳо дар тадвини он осор ҳаммонандии зиёде бо ҳам доранд [75, с. 49]. Қушайрӣ аз китобҳои дигаре низ истифода кардааст, аз ҷумла китобҳои «ал-Ламаъ» ва «Табақот-ус-суфия» ва чанд китоби дигар, ки худи Қушайрӣ дар матни китоб ба онҳо ишора кардааст.

**Бардошт аз маҷолиси орифон**. Мумкин аст, мавориде дар «Рисолаи қушайрия» бошад, ки манбаи он мушаххас нест ва бо калимоте монанди

«гуфтаанд», «мегӯянд» ва ғайра омада бошад, ки эҳтимолан Қушайрӣ инҳоро дар ҳамин маҷолис шунидааст. Зеро омӯзишу маърифати масоили ирфонӣ тавассути ҳамин маҷлису ҳалқаи хоссаи дарсӣ ба соликон бештар даст додааст ва эшон зиёдтар дар ҳамин махозини маърифат камол ёфта, хатти иршоду камолоти маънавӣ ёфта, ба сайру сулук рӯ овардаанд ва ном бароварда, шуҳраи офоқ гаштаанд. Аз ин хотир, таъсири маҷолис дар «Рисолаи қушайрия» табиист ва онро наметавон сарфи назар кард.

**Устодону машоих**. Воқеан, нақши устодон дар ташаккули дониш ва шаклгирии ҷаҳонбинию маслаки ирфонии ҳар солик, аз он ҷумла Абулқосими Қушайрӣ калидӣ маҳсуб меёбад. Бинобар ин, вай ҳини таълифи рисолаи худ аз устодон ва машоихе, ки дар наздашон илм омӯхта ва ё мустамеи дарсашон будааст, ба некӣ ёд карда, аз рӯзгору амалкарду афкори писандидаашон суд ҷустааст. Махсусан, дилбастагии ӯ ба устодаш – Абуалии Даққоқ зиёд будааст, ки дар матни рисола аз ӯ бештар ёд карда, нақли қавл намудааст.

**Ҳикоёту достон**. Ҳикояти мутадовиле, ки маъмулан байни мардум роиҷ будааст ва низ бар сари минбарҳо ва дар хонақоҳҳо гуфта мешудааст, дар матни «Рисолаи қушайрия» ба назар мерасад. Ин гуна ҳикоётро адиб ба унвони «машҳур аст» - гӯён ба хонанда таъкид намудааст. Ҳамчунин, ашъоре, ки дар китоб истифода мешавад, аз худи Қушайрӣ нестанд ва онҳоро нависанда баҳри зинати баён ва ё тақвияти фикр ба кор бурдааст.

Воқеан, корбурди достону ҳикоят ва ашъори мутадовил дар «Рисолаи қушайрия» ҷаззобият ва таъсирбахш шудани сухани муаллифро таъмин кардаанд. Бо таваҷҷуҳ ба ин ки таърихи таълифи матни аслии «Рисолаи қушайрия», чунонки зикр шуд, тибқи изҳори муаллиф бар асоси қадимтарин нусхаи мавҷуд (нусхаи Бағдод) соли 437-438 ҳ. / 1058-1059 м. аст, тамоми ашъори арабӣ, ки дар матни китоб вуҷуд дорад, бояд шоираш қабл аз ин таърих зиндагӣ карда бошад. Ашъори арабии тарҷумаи «Рисолаи қушайрия» 99 байт аст. Аз ин абёт се байт шеър ду бор ва як байт шеър се бор такрор шудаанд. Теъдоди абёти арабӣ дар матни тарҷумаи «Рисолаи қушайрия» вуҷуд дорад, ки ба андозаи кофӣ аз шуҳрати лозим ва кофӣ бархурдоранд ва дар манобеъ, ҳатто

ба форсӣ ҳам мешавад, онҳоро мушоҳида кард, ки дар таъликот муаррифии шоир ё муаррифии манобеи он аз назари мусаҳҳеҳон дур мондааст. Масалан, шеъри маъруфи:

Бакат айнӣ ғадот-ал-байни дамъан дамъо,

Ва ухро билбукои бахулат алайно-алайно.

Фаъоқабт-ул-латӣ бахулат бидамъин

Биан бона ғаммазтуҳо явм-ал-тақайно айно [21, с. 241].

Дар тафсири ирфонии «Кашф-ул-асрор ва уддат-ул-аброр» ҳамин шакл омада ва илова бар он, шеър ба форсӣ ҳам тарҷума шудааст:

Як чашми ман аз фироқи ёрам бигирист,

Чашми дигарам бахил гашту нигарист.

Чун рӯзи висол шуд ҷазояш кардам,

Гуфтам нагиристию набояд нигарист [25, с. 253].

Ин рубоӣ дар байни аҳли фазлу камол маъруфияти зиёд дорад ва вариантҳои ба худ хос низ дорад, ки ин баҳси дигар аст. Ҳоло чизе ки қобили таъкид аст, ин ки Абулқосими Қушайрӣ шеърҳои хуб, пурмазмун, ҷолибро интихоб намуда, савияи баланди сухандонию суханшиносии хешро бо ин бармало сохтааст.

Маҳз баррасиҳои масоили муҳимми тасаввуфу ирфон, банду баст ва сохтору муҳтавои матолиби «Рисолаи қушайрия» дар таърихи адабиёти ирфонии форсӣ-тоҷикӣ боис гардид, ки ин китоб дар байни осори мутасаввифа ва умуман, осори мансури адабиёти форсӣ-тоҷикӣ аҳаммияти зиёд касб кунад. Нахуст бояд қайд намуд, ки пас аз муддати кӯтоҳе калимаи «рисола/нома», ки исми ом дар забонҳои арабӣ ва форсӣ-тоҷикӣ ба кор мерафт, табдил ба исми илм (исми хос) барои номидани китоби Қушайрӣ мешавад, ҳамчунон ки «ал-Китоб» ва «маснавӣ» ба тартиб барои номидани осори Сибавай ва Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ табдил ба исми илм шуд.

Дигар аз далели маъруфияти «Рисолаи қушайрия» шарҳҳои зиёде аст, ки бар он навишта шудааст. Ба назар мерасад, ки аввалин шарҳи «Рисолаи

қушайрия» мутааллиқ ба Наср ибни Аҳмади Мавсилӣ (552 ҳ.қ. /1161 м.) аст, ки «Маноқиб-ул-аброр ва маҳосин-ул-ахёр» ном дорад [19, с. 22].

Дар охири асри шашум ва аввали қарни ҳафтум низ Саъдуддин Абумуҳаммад Абдулмуътӣ ал-Лахмии ал-Искандарӣ шарҳе бар «Рисолаи қушайрия» нигошт ва номашро «ал-Далола ало рисолат» гузошт, ки қисмате аз он дар Қоҳира пайдо шудааст.

Дар аввалҳои асри нуҳум Саййид Муҳаммад Гесӯдароз (825 ҳ.қ./ 1422 м.) аз машоихи силсилаи Чиштия шарҳе кӯтоҳ ба забони форсӣ-тоҷикӣ бар «Рисолаи қушайрия» навишт, ки нусхаи чопии он, ки дар Ҳайдарободи Ҳинд мунташир шудааст, то боби бистум (боби таваккал) китоби Қушайриро шомил мешавад. Роҷеъ ба тарҷума ва шарҳи Гесӯдароз дар фасли дигари диссертатсия маълумоти бештар дода мешавад.

Дар охирҳои асри нуҳум муҳимтарин шарҳи «Рисолаи қушайрия» бо номи «Аҳком ал-далола ало ат-таҳрир ар-рисола» ба забони арабӣ тавассути Шайх Закариёи Ансорӣ нигошта шудааст. Дар соли 1271 ҳ.қ./ 1854 м. низ Мустафо Муҳаммади Арусӣ ҳошияи бисёр муфассале бар шарҳи Шайх Закариёи Ансорӣ навишта ва онро «Натоиҷ-ул-афкор ал-қудсия фи баёни шарҳи ар-рисолат-ул-қушайрия» ном ниҳодааст. Ҳоҷӣ Халифа се шарҳ бар «Рисолаи қушайрия» ном мебарад, ки дуи онҳо зикр шуд ва сеюмашро таълифи фарде ба номи Мулло Алӣ Қорӣ медонад, ки зоҳиран, асаре аз он боқӣ намондааст [40, с. 882]. Илова бар ин, Маҳдии Муҳаббатӣ аз вуҷуди ду шарҳи дигар бар «Рисолаи қушайрия» хабар додааст, ки нависандагони онҳо то кунун шинохта нашудаанд. Ин шуруҳ иборатанд аз: «Иршод-ул-муридин» ва «Таҳзиб-ул-далола ало танқеҳ-ул-рисола» [19, с. 23]. Ҳамаи ин шуруҳот соҳиби арзиши хос буда, бо зарурат ва талаботи маънавии ҷомеаи мадании асру замонҳои гуногун арзи ҳастӣ кардаанд. Аз тарафи дигар, ишоратҳо ва масъалагузориҳои дар ин хусус рӯйи кор омада, роҳи бештари шинохту баррасии муфассалу ҷудогонаро боз менамояд.

Ҳамчунин, аҳаммияти асари Қушайрӣ дар он аст, ки ба муддати кӯтоҳе аз таълифи он дубора ба форсӣ-тоҷикӣ тарҷума шуд ва ҳамин гувоҳӣ дигаре аст

бар аҳаммияти зиёди «Рисолаи қушайрия» дар асри XI ва XII дар миёни хонандагони форсизабон ва арабизабон. Аз ҷониби дигар, тарҷума кардан ва шарҳ бастан ба осоре чун «Рисолаи қушайрия» бо забони форсӣ-тоҷикӣ илмдӯстӣ, худшиносӣ, забондонӣ ва робиташиносии мардуми форсу тоҷикро ба мардуми араб ва истифодабарандагони забони арабӣ бармало месозад.

Дар маҷмуъ, аз баррасии сохтору муҳтавои китоб метавон натиҷа гирифт, ки «Рисолаи қушайрия» дорои мундариҷаи мукаммал буда, аз фарохии дониш, тасаввур ва ғаври муаллиф дар масъалаҳои ирфону тасаввуф гувоҳӣ медиҳад.

Дар натиҷаи фарогирии муҳтавои куллии «Рисолаи қушайрия» ва тарҷумаҳои форсии он метавон ба ин нукта ишора намуд, ки нақш ва мақоми ин асар барои ташаккули тазкиранависии ирфонӣ ва ҳамчунин, пайдоиши фарҳангҳои истилоҳоти суфия қобили таъкид аст. Чунонки боби дуюми китоб «Дар зикри машоихи ин тариқат...» унвон дорад, ки роҷеъ ба пайдоиши тасаввуф сухан намуда, дар бораи 83 тан аз орифону суфиёни маъруф маълумот додааст, ки матолиби ин бобро метавон дар «Тазкират-ул-авлиё»-и Аттор ва «Нафаҳот-ул-унс»-и Абдураҳмони Ҷомӣ ва дигар осори ирфонӣ мушоҳида намуд. Ин боби китобро метавон ҳамчун тазкира ба шумор овард. Ҳамчунин, боби сеюми китоб, ки «Дар тафсири алфозе, ки миёни ин тоифа равад...» унвон дорад, муҳимтарин истилоҳоти ирфониро шарҳу тавзеҳ намудааст, ки ҳамчуни фарҳангномаи ирфонӣ метавон ба шумор овард ва ба таълифи фарҳангҳои истилоҳоти суфия замина гузошт.

Аз ин нигоҳ, «Рисолаи қушайрия»-ро ба унвони яке аз сарчашмаҳои муҳимми ташаккули анвои мухталифи насри ирфонӣ шинохт, ки дар доираи як асар чанд навъи осори мустақили насри ирфонӣ пайдо гардидааст.

## Боби II. Баррасии тарҷумаҳо ва шарҳи форсӣ-тоҷикии «Рисолаи қушайрия»

### 2.1. Тарҷумаҳо ва шарҳи форсӣ-тоҷикии «Рисолаи қушайрия»

Орифону суфиёни нахустини форсу тоҷик бештари осори худро ба забони арабӣ навиштаанд. Нахустин талошҳо барои тадвини андешаҳои суфиёна китобҳои «аз-Зуҳд» ҳастанд, ки то кунун беш аз чаҳордаҳ китоби «аз-Зуҳд» чоп шудааст. Воқеан, дар асри XI осори ирфонӣ бо танаввуъ ва равнақи бештаре таълиф мегардид ва аз ҳамин аср сар карда, забони форсӣ-тоҷикӣ низ барои таълифи осори ирфонӣ ба кор гирифта шуда, осори арзишманде ба монанди «Кашф-ул-маҳҷуб», осори Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ таълиф гардиданд. Дар баробари ин, дар ин аср бархе аз мутуни ирфонӣ, ки пеш аз он ба арабӣ таълиф шуда буданд, ба монанди «ат-Таарруф» ба форсӣ-тоҷикӣ шарҳу тарҷума шуданд. «Рисолаи қушайрия» низ дар ин даврон ба форсӣ-тоҷикӣ тарҷума карда шуд.

Дар асрҳои гузашта осоре ба арабӣ таълиф ёфта, ки ба сабаби аҳаммияташон аз замони таълиф дере нагузашта, ба забони форсӣ-тоҷикӣ тарҷума гардида, акнун тарҷумаи куҳани он осор то замони мо боқӣ мондааст. Ба шарофати ин, тарҷумаҳо осори ирфоние, ки гузаштагони мо ба забони арабӣ таълиф намуда буданд, дар тули асрҳо мавриди истифодаи ҳамаи форсизабонон қарор гирифта, то замони мо боқӣ монд. Тарҷумаи «Рисолаи қушайрия» яке аз ин гуна осор аст.

Маълум аст, ки Абулқосими Қушайрӣ «Рисолаи қушайрия»-ро бо забони арабӣ дар асри XI таълиф намуд. Хушбахтона, китоби Қушайрӣ дар замони зиндагии ӯ ба форсӣ-тоҷикӣ тарҷума карда шуд ва огоҳии форсизабонон бо андешаҳои Қушайрӣ аз замони зиндагияш то имрӯз тавассути ҳамин тарҷума аст. Ба таъкиди муҳаққиқон, «Рисолаи қушайрия» дар охирҳои умри Қушайрӣ ё каме пас аз вафоти ӯ ба дасти яке аз шогирдонаш бо номи Абуалии Усмонӣ ба забони форсӣ-тоҷикӣ тарҷума карда шудааст.

Ончунон ки дар фавқ қайд шуд, бар матни «Рисолаи қушайрия» шуруҳот баста шудааст, ки аксари онҳо ба забони арабӣ мебошанд. Дар ин баробар, ба

ин рисола тарҷумаҳо ва шарҳбандие ба забони форсӣ-тоҷикӣ низ сурат гирифтааст, ки онҳо, пеш аз ҳама қобили мулоҳизаю баррасиянд. Ҳоло ду тарҷума ва як шарҳ аз «Рисолаи қушайрия» ба забони форсӣ-тоҷикӣ дар даст аст.

Аз дебочае, ки ба тарҷумаи дуюм навишта шудааст, чунин маълум мешавад, ки тарҷумаи аввал аз тарафи Абуалии Усмонӣ аз шогирдони Қушайрӣ сурат гирифтааст. Баъдан, тарҷумаи Абуалии Усмонӣ дар Кирмон тавассути Абулфутуҳи Нишопурӣ ислоҳ ва дар бархе аз қисматҳо ба тарҷумаи дубора анҷом ёфтааст.

Ҳамаи муҳаққиқон нахустин мутарҷими «Рисолаи қушайрия»-ро Абуалӣ Ҳасан ибни Аҳмади Усмонӣ донистаанд. Баҳоуддини Хуррамшоҳӣ аз ӯ бо номи Абулқосими Усмонӣ ёд кардааст. Устод Фурӯзонфар дар бораи Абуалӣ Ҳасан ибни Аҳмади Усмонӣ мегӯяд: «Мутобиқи он чи дар муқаддимаи китоби ҳозир (дебочаи тарҷумаи «Рисолаи қушайрия») навиштаанд, нахуст Абуалӣ (Ҳасан) ибни Аҳмади Усмонӣ, ки аз ҷумлаи шогирдон ва муридони устод имом Абулқосим буд ва ба анвои фазл ороста, ин рисола ба порсӣ нақл кард. Аз ин тарҷума ду нусха мавҷуд аст..., вале дар ҳеҷ як аз онҳо номи мутарҷим ёд нашуда ва санади мо дар исноди тарҷумаи «Рисолаи қушайрия» ба Абуалӣ Усмонӣ ҳамон аст, ки аз муқаддимаи китоби ҳозир нақл кардем ва бешак, он дуруст аст. Зеро дар ҳеҷ як аз маохиз зикре аз мутарҷими «Рисолаи қушайрия» надидаам ва онро ба каси дигар нисбат надодаанд ва бинобар ин далеле вуҷуд надорад, ки дар интисоби он ба Абуалӣ Усмонӣ шак дошта бошем» [18, с. 73]. Бадеуззамон Фурӯзонфар меафзояд, ки «Дар бораи ин Абуалӣ Ҳасан ибни Аҳмади Усмонӣ дар мароҷеи мухталиф матлабе наёфтам» [18, с. 73]. Он чи Бадеуззамон Фурӯзонфар роҷеъ ба Абуалӣ Ҳасан ибни Аҳмади Усмонӣ аз сарчашмаҳо пайдо намуда, ин ки дудмони ӯ ба Маҳмӣ аз зумраи хонадонҳои бузурги Нишопур мепайвастааст, ки Самъонӣ тарҷумаи чанд тан аз афроди онро дар «Ансоб» зикр кардааст. Аз тарафи модар, ба Усмон ибни Аффон нисбат доштааст ва аз ин сабаб онҳоро Усмонӣ ҳам мегуфтаанд. Дар идома

Фурӯзонфар чанд тан аз шахсиятҳои маъруфи ин хонаводаро муаррифӣ кардааст.

Шафеии Кадканӣ дар бораи мутарҷими аввали «Рисолаи қушайрия» мегӯяд: «Абуалӣ Ҳасан ибни Аҳмади Усмонӣ аз касонест, ки аз Шайхулислом Собунӣ самои ҳадис дошта ва дар чаҳорсаду ҳафтоду анде даргузаштааст. Эҳтимол ин ки ҳамон мутарҷими «Рисолаи қушайрия» ба форсӣ бошад, яъне Абуалӣ Ҳасан ибни Аҳмади Усмонӣ низ ҳаст. Чаро ки вай шогирди Имом Қушайрӣ буда ва муосири Бусаид ва устод Фурӯзонфар бад-ин таваҷҷуҳ накардааст» [27, с. 667]. Ҳамчунин, Ризоятӣ Кешихола бидуни изҳори назари қатъӣ ин эҳтимолро додааст, ки Абуалӣ Ҳасан ибни Абдуллоҳи Усмонӣ ҳамон шахсе аст, ки Бохарзӣ васфашро дар «Дамият-ул-қаср» оварда ва афзудааст, ки бо падари вай дӯстӣ доштааст ва мутарҷими баъзе шеърҳо аз форсӣ ба арабӣ будааст» [78, с. 296].

Дар бораи мутарҷими дувуми «Рисолаи қушайрия» иттифоқи назар вуҷуд надорад, вале ба дурустӣ мушаххас нест, ки он чи тарҷумаи дувум хонда мешавад, тарҷумаи нав ва мустақил аз «Рисолаи қушайрия» ё таҳрире ислоҳшуда аз тарҷумаи нахуст аст. Аз сӯйи дигар, дар боби мутарҷими он низ ихтилофи назар вуҷуд дорад. Бадеуззамони Фурӯзонфар навиштааст: «Тарҷумаи дувум ё ислоҳи тарҷумаи нахустин зоҳиран дар Кирмон сурат гирифта, вале мутарҷим шинохта нест. Ин қадар маълум аст, ки Шайхулшуюх Аҳмад ибни Муҳаммади Порсо мехостааст, ки аз тарҷумаи рисола нусхае дошта бошад ва нусхае, ки ба Кирмон оварда буданд, сақим будааст ва Абулфутуҳ Абдураҳмон ибни Муҳаммад дар он ҳангом аз Хуросон ба Кирмон омада буд, нусхаеро назди вай фиристоданд то ислоҳ кунад. Ӯ тарҷумаро ноқис ёфта, вале аҷал муҳлат надодааст, ки аз нав боз порсӣ кунад» [18, с. 76].

Маҷдуддини Кайвонӣ низ муътақид бар ин аст, ки мутарҷими дувум ё вероишгари тарҷумаи аввал ношинохтааст, вале эҳтимол додааст, ки асари вай дар авосит ё авохири асри шашум (дувоздаҳум) ба сомон расида бошад.

Забеҳулло Сафо қайд мекунад, ки тарҷумаи дувум ба дасти Абулфутуҳ Абдураҳмон ибни Муҳаммад анҷом ёфтааст: «Ин китоб дар замоне қариб ба

вафоти устод Имом ду тарҷумаи форсӣ шуд. Нахуст, яке аз шогирдони устод ба номи Хоҷа Абуалӣ ибни Аҳмади Усмонӣ тарҷумаи сақим аз рисола ба порсӣ кард... Агар тарҷумаи Усмониро бо асли рисола муқоиса кунем, бо иштибоҳоти вофири мутарҷим ва ҳазфҳои бемаврид боз мехурем. Ҳамин амр сабаб шуд, ки дар қарни шашум ба ислоҳи он ҳоҷат афтад ва ин кор ба дасти Абулфутуҳ Абдураҳмон ибни Муҳаммади Нишопурӣ дар Кирмон баъд аз соли 550 ҳ.қ анҷом гирифт» [104, с. 890]. Аммо Фурӯзонфар роҷеъ ба шахсияти Муҳаммади Порсо, Абулфутуҳи Нишопурӣ ва таърихи тарҷумаи дувум ё ислоҳ таъкид мекунад, ки «Бо фаҳси бисёр на Аҳмад ибни Муҳаммади Порсоро шинохтам ва на Абулфутуҳ Абдурраҳмони Нишопуриро ва аз ин рӯ, замони тарҷума низ, ки зоҳиран, бояд пас аз мусофирати Абулфутуҳ Абдурраҳмон сурат гирифта бошад, дақиқан ба даст наёмад, вале аз зикри Муҳаммад ибни Яҳё ва наҳваи иртиботи падараш бо Қушайрӣ... маълум мегардад, ки тарҷумаи дуюм дар авосит ё авохири қарни шашум поён пазируфтааст» [18, с. 76].

Дар дебочаи мавҷуди «Рисолаи қушайрия» дар ин бора чунин омадааст: «Дар он аҳд, ки Хоҷа имоми аҷалл, зоҳид Абулфутуҳ Абдураҳмон ибни Муҳаммади Нишопурӣ, раҳматуллоҳи алайҳ, дар Кирмон буд. Шайхулшуюх Аҳмад ибни Иброҳим маъруф ба Порсо рағбат кард, ки ӯро нусхате бошад. Ва он нусха, ки оварда буданд сақим буд ва онро ҳоҷат ба тасҳеҳ. Аз Хоҷа имом Абулфутуҳ, раҳматуллоҳ, дархостанд то дар он назар кунад ва ҳар он чи ба ислоҳ ҳоҷат аст, бад-он қиём намояд. Ин нусхат ҳам пеши хеш хост ва дар он назаре шофӣ кард ва бар лафзи ӯ рафт, ки ин китоби рисола, китобе азиз аст ва ғавре дорад, ки аз ҳама навъ илм дар ин китоб аст. Ва агарчи ин кас, ки нақл боз порсӣ кардааст, шахсе азиз буд ва ба анвои фазл мутаҳаллӣ, аммо ҳам касе боястӣ, ки дар дараҷаи устод Имом будӣ, то дар ин шуруъ тавонистӣ кард ва мехост, ки худ боз порсӣ кунад ва дар он боб яди байзо намояд, лекин аҷал муҳлат надод ва аз дори фано ба ҷавори Ҳақ азза исмуҳу интиқол кард. Борӣ Таъоло ӯро ғариқи раҳмат кунод ва масои ӯ дар ин машкур гардонод» [18, с. 2].

Бо таваҷҷуҳ ба дебочаи «Рисолаи қушайрия», ки дар боло зикр шуд, ба назар мерасад, ки назари Фурӯзонфар ба ҳақиқат наздиктар мебошад, зеро ба

сароҳати дебоча мусаллам аст, ки Абулфутуҳи Нишопурӣ муваффақ ба тарҷумаи мустақил ва комил аз ин асар нашудааст ва аз ин дебоча низ чизе дар бораи ислоҳ ва такмили тарҷумаи сақими аввал тавассути вай истинбот намешавад. Аммо дар айни ҳол, ин эҳтимол низ вуҷуд дорад, ки Абулфутуҳи Нишопурӣ костиҳо ва нуқсҳои тарҷумаи аввалро бартараф карда, ин ислоҳу такмил ба унвони тарҷумаи дувум баъдҳо ба номи ӯ мансуб шуда бошад.

**Шарҳи форсӣ-тоҷикии «Рисолаи қушайрия».** Ба ҷуз аз тарҷумаҳои ёдшуда, чунонки зикр шуд, ба забони форсӣ-тоҷикӣ аз «Рисолаи қушайрия» як шарҳ ҳамроҳ бо тарҷумаю тафсир дар ихтиёр дорем. Он аз тарафи Сайид Муҳаммади Гесӯдароз (825 ҳ.қ. 1447 м.) таълиф шудааст, ки аз нахустин ва ягона шарҳи «Рисолаи қушайрия» ба забони форсӣ-тоҷикӣ аст.

Сайид Садруддин Абулфатҳ Муҳаммад ибни Юсуф аз орифони тариқати Чиштияи Ҳинд аст. Дар миёни машоихи Чиштия Гесӯдароз бо донишу фазилатҳои худ ҷойгоҳи волое доштааст. Дар баёни асрори ҳақиқат Гесӯдароз тариқе хос доштааст. Вай ба хоҷаи «Банданавоз» ва «Гесӯдароз» машҳур буд. Дар асоси гуфтаҳои нависандаи муқаддимаи «Шарҳи рисола» ҳадафи Гесӯдароз аз нигориши ин шарҳ муқобала бо суфиёни худнамое аст, ки дар либоси аҳли тариқат орифонро бадном мекунанд. Гӯё ин гурӯҳ, бо асос қарор додани баъзе суханони шатҳомези орифон динро ба табоҳӣ ва куфр кашонида буданд. Аз ин рӯ, Гесӯдароз «фарзе лозим ва амре воҷиб дид, ки ба ҳуҷҷату дироят ва ба нақлу ривоят гарди илҳодро аз доманашон бар боди ҳаво бипарронад ва «**ҳабаа мансуро**» гардонад ва он ғубор бар рӯйи чун бумми эшон нишонад ва он гардро ба рӯзгори нобакори эшон афшонад... Аксари алфози мусталаҳро маънӣ гуфт ва басе дурри саминро миёни он сулук суфт. Аз он тоифаи мухозайл безорӣ ҷуст ва он зумра муҷоҳилро ба ҷамоати мардудон бозбаст» [7, с. 6].

Гесӯдароз матни арабии «Рисолаи қушайрия»-ро нахуст тарҷума, пасон шарҳу нақд кардааст. Номи китоб бар асоси чопи сангии Ҳайдарободи Дакан «Шарҳи рисола» унвон дорад, аммо баррасии матн нишон медиҳад, ки нависанда ва шореҳ дар баробари тарҷума ва шарҳи матн ба нақди он низ

пардохтааст ва ҳатто, гоҳе аҳаммияти нақди аҳволи Қушайрӣ ва дигар суфиён назди ӯ аҳаммияти бештаре доштааст.

Тибқи маълумоти муқаддимаи китоб мақсади Гесӯдароз дар баробари шарҳи матн барои муридон ва соликони фирқаи Чиштия дар Ҳинд, нақду баррасии аҳволи орифон ва ҳикоёту каромоти нақлшуда дар бораи онҳо будааст. Нигоҳи ӯ дар доираи нақд гоҳе ғалабаи истидлол ва ақлониятро бар қувваи шуҳуд аз дидгоҳи ин ориф нишон медиҳад.

Муқаддимаи «Шарҳи рисола» бо ситоиши Худованд оғоз мешавад ва ба мадҳи Гесӯдароз идома меёбад, пас аз он шарҳи Гесӯдароз ба тартиби фаслҳо ва бобҳои рисола шуруъ мешавад. Бояд қайд намуд, ки Гесӯдароз фақат то поёни боби нуздаҳум (боби таваккал)-ро шарҳ кардааст. Сабаби нотамомии ин шарҳ маълум нест ва нависанда ба идомаи шарҳ дар ҷилди дигар низ ишора накардааст. Равиши кори Гесӯдароз ба ин тартиб аст, ки ибтидо қисмате аз сухани Қушайриро бо лафзи «қавлуҳу» баён мекунад ва сипас, онро ба форсӣ-тоҷикӣ тарҷума мекунад. Агар душворӣ аз назари лафз ё маънӣ дар матн вуҷуд дошта бошад ва бо тарҷума аз миён наравад, бо шарҳу тавзеҳи бештар дар тавзеҳи он кӯшидааст. Гесӯдароз дар баробари тарҷумаи матни рисола дар бархе маврид сухани машоих ва ҳикоёти баёншударо нақд ҳам мекунад. Бинобар ин, Гесӯдароз ҳамаи ибороти «Рисолаи қушайрия»-ро то поёни боби нуздаҳум тарҷума, шарҳ ва гоҳо нақд кардааст. Албатта, гоҳе ба сабаби такрор будани матолиби Қушайрӣ тарҷума ва шарҳе баён намекунад ва ин мавзуъро барои хонанда бо ибороте монанди **«ин ҳама тарҷума боло гуфтаам, боз чӣ мукаррар кунам?!**» баён доштааст.

Ҳангоми баррасии шарҳи Гесӯдароз ду чеҳра – шореҳ ва мунаққид мушоҳида мешавад. Гесӯдароз дар мақоми як шореҳ аз такрори матолиб ва тулонӣ кардани сухан дурӣ ҷустааст, зеро маъмулан сухани Қушайрӣ ба хубӣ тарҷума шуда ва худ дар дарки мақсуд кофӣ аст. Вай борҳо иллати мухтасарнависии худро чунин навиштааст: «Агар бинависам, китоби дароз шавад», «Бисёр сухан гуфтан расми мо нест» [7, с. 349]. Аз ин рӯ, яке аз интиқодҳои Гесӯдароз ба Қушайрӣ нисбат ба бисёргӯӣ ва такрорҳои матолиби

ӯст. Чунончи, дар робита ба ин масъала гуфтааст: «Аййуҳал Шайх, раҳимакуллоҳ, ин сухан чандбор мукаррар кардаед. Мукаррарро чанд наҳв тарҷума кунам ва узри мукаррар чанд хоҳам [7, с. 349]. Ин ҷо як навъ эҳтирому таваҷҷуҳоти фоиқаи Гесӯдароз нисбат ба Қушайрӣ намудор мегардад. Агар чунин намебуд, илова ба он чи гуфта омад, дар шарҳу тарҷумаи худ Гесӯдароз иқдом намекард ва муваффақ намешуд.

Дигар аз вижагиҳои адабии шарҳи Гесӯдароз дар нақдҳои ӯ мушаххас мешавад. Пас аз тарҷумаи матн ба нақди суханони Қушайрӣ ва дигар машоих мепардозад. Гесӯдароз дар «Шарҳи рисола» муриде бидуни изҳори назар дар баробари пир нест, балки ӯ шеваи муҳаққиқона ва мунаққидонаро дар пеш гирифтааст. Ӯ дар ин қисматҳо мухтасаргӯӣ ва ихтисорро канор ниҳода, кӯшиш мекунад, ки сухани худро дар баробари сухани Қушайрӣ ва дигарон дақиқтару санҷидатар баён кунад. Нақдҳои ӯ бештар мунсифона аст. Чунин ба назар мерасад, ки Гесӯдароз худро ба ҷойи мухотаб қарор медиҳад, сипас бо пешбинии суолоти хонандагони рисола онҳоро посух медиҳад. Нақдҳои Гесӯдароз натиҷаи хониши дақиқи «Рисолаи қушайрия» аст. Ӯ аз дидгоҳи як солик ба ин матни таълимии ирфонӣ наменигарад, зеро дар ин сурат бояд шарҳи вай сарорсар таъйид, тафсир ва ҳатто, тавҷеҳи суханони Қушайрӣ бошад. Гесӯдароз дур аз ҳаргуна вобастагии фикрӣ ё каромотпардозиҳои маъмул миёни суфиён дар рафъи душвориҳои лафзӣ ва маънавии «Рисолаи қушайрия» кӯшидааст. Аз ин сабаб, костиҳо ва гоҳо саҳву хатоҳои муаллифро баррасӣ мекунад ва бо посухҳои дақиқу ақлонӣ худу хонандаро қонеъ мекунад. Барои мисол Қушайрӣ монанди бисёре аз орифон аз мақоми илмӣ ва ирфонии Ҷунайди Бағдодӣ бисёр таъсир пазируфтааст. Ба тавре ки дар рисола сухани Ҷунайд муҳри таъйиди сухани Қушайрӣ ва дигар машоих аст ва ҷумлаҳои ӯ фасл-ул-хитоби мабоҳиси мухталиф ба шумор меравад. Гесӯдароз низ ба мақоми волои Ҷунайд дар тасаввуф бовар дорад ва чунин менависад: «Алҳақ, валҳақ сухан он буд, ки Ҷунайд гуфт ва ҷумла калимот ҳама марбут ба сухани Ҷунайд аст. Ту фикре бикун, бубин ман бигӯям, аммо сухан дароз хоҳад шуд ва уҷб аз ин бузургон, ки ихтилофи лафзӣ карданд ва эшон пеши Ҷунайд дар

мартабаи талмиз буданд [7, с. 457]. Албатта, Ҷунайд низ аз доираи интиқоди Гесӯдароз хориҷ намешавад. Вай чанд бор суханону назарҳои Ҷунайдро мисли суханони дигарон нақд кардааст. Масалан, дар ҷое ба Қушайрӣ хурда мегирад, ки чаро барои ҷавози тавоҷид ва самоъ фақат бар назари Ҷунайд таъкид кардааст. Он ҳам дар маҷлисе, ки машоихи бузурги дигаре низ ҳузур доштанд: «Ин ҷо ҳоҷат набуд, ки Шайх фармояд: Ва лам юнкир алайҳил Ҷунайд; зеро чӣ қавлу феъли Ибни Масруқ ҳам ҳуҷҷат асту қавлу феъли Ҷарирӣ» [7, с. 281].

Муқоисаи ҳазрати Мӯсо (а) ва ҳазрати Муҳаммад (с) аз мисолҳои мавҷуд дар мабоҳис ва мавзуоти мухталифи ирфонӣ аст. Яке аз ин мисолҳо аҳли талвин будани Мӯсо (а)  ва аҳли тамкин будани Муҳаммад (с) аст, ки бартарии Паёмбар бар Мӯсо ва дар натиҷа бартарии тамкин бар талвинро ошкор мекунад. Диққати назари Гесӯдароз дар бораи ин мисол ҷолиби таваҷҷуҳ аст: «Некӯ суханест, ки Абуалӣ фармуд: «Мусо соҳиби талвин буд ва Пайғамбари мо соҳиби тамкин, аммо ин ҷо сухане ҳаст, шайх аз аҳволи қавм ва суфиён мегӯяд. Касе миёни эшон соҳиби талвин ва касе соҳиби тамкин ва соҳиби тамкин аз соҳиби талвин ба бисёре болотар ва баландтар...» [7, с. 346].

Дар маҷмуъ, нақдҳои Гесӯдарозро метавон ба чаҳор даста тақсим намуд:

1. Нақди суханони Қушайрӣ;

2. Нақди сухани машоихи дигар;

3. Нақди ҳикоёт;

4. Таъйид ва таҳсини сухани машоих.

Нақдҳои Гесӯдароз аз суханони Қушайрӣ дар чаҳор меҳвари зерин хулоса мешавад: 1. Такрор будани каломи Қушайрӣ. «Агар дар баёни ин мекӯшам, сухан дароз мешавад» [7, с. 9]. «Ҳамон сухани боло боз овардааст, тарҷума чӣ кунам?» [7, с. 143]. «Ин ҷо ишколе меояд. Ин сухан, ҳамон сухан аст, ки боло гуфтааст» [7, с. 255]. Гуногунии ифода дар баёни таъкидоти мазкур аз маҳорати ноқидӣ ва суханшиносии шореҳ гувоҳӣ медиҳад.

Нақди сухани Қушайрӣ аз ҷанбаи муҳтавоӣ: «Агар касеро зиллате афтад, аз тавба бознаистад, боз тавба кунад, ӯро сулук муяссар ояд. Аммо мо гӯем, агар эҳтиломи ҳаром афтад ё истеъмоли маҳраме дар хоб бинад, чунин гӯем, ки

табаи ӯ мустақим нест, нафси ӯ ҳанӯз дар тахайюл ва тавахҳуми он аст, вагарна чунончи дар бедорӣ эҳтироз буд, дар хоб ҳам будӣ» [7, с. 395]. Ин ҷо шореҳ дар баробари андешаи Қушайрӣ фикри мустақил дорад ва пешниҳоди худро арз доштааст.

Нақди суханони Қушайрӣ аз ҷанбаи лафзӣ: «Муҳозира ҳозир шудани дил ва ин ки дил бо Худо ҳозир шавад ба тавотури бурҳон. Ин ҷоҳо «якун» боистӣ «қад якун» чӣ бошад?» [7, с. 333]. Бо ин шореҳ савияи забондонӣ, мантиқшиносӣ ва адофаҳмии хешро нишон додааст.

Нақди суханони машоих. Дар қисматҳои зиёде аз «Рисолаи қушайрия» аҳвол ва орои машоихи мутақаддам аст. Кори Қушайрӣ тадвину танзими ин аҳвол ва назарҳо дар қолаби як китоби таълимӣ будааст. Гесӯдароз ногузир дар «Шарҳи рисола» на танҳо суханони Қушайриро, балки суханони орифони дигарро низ шарҳу нақд кардааст.

Нақдҳои Гесӯдароз ба сухани машоих бештар дар муҳтавои калом ва гоҳ дар лафз аст. Масалан, Абуалии Рӯдборӣ фармудааст: «Ҳар ваҳмбаранда ва гумонбаранда ба сабаби ҷаҳле, ки бо ӯст, гумон барад, Ӯ – таоло бар ин ваҳм ва бар ин тасаввур аст. Худои таоло хилофи он аст, яъне ғайри он аст. Ва ақл ҳукм кунад, ки ғайри он аст. Ин ҷо мушкилест. Бисёр илоҳиёт бошад, ки ақлро он ҷо ҳукме нест, пас ал-ақлу ядуллу ъало хилофиҳӣ чигуна дуруст аст? Муташобиҳот ҳам аз ин муташобиҳ аст, ки дар ақлу ваҳм дарнамеояд ва ҳар кӣ кашфу таҷаллӣ дорад, ӯ донад, ки ин ҷо чӣ сиррест» [7, с. 384].

Дар байни суханони машоих ҷумлаҳое дида мешавад, ки Гесӯдароз онҳоро муносиби аҳволи соликон надонистааст. Вай ин гуна суханонро сатҳӣ ва омиёна баршумурдааст. Барои мисол дар нақди суханони Абубакри Дақӣ чунин мегӯяд: «Некӯ суханест, ки бузург фармуд, аммо музаккирона ва омиёна аст, сухани муршидона нест» [7, с. 227]. Дар фазли соликон дар сулуки ин гуфтор чӣ маънӣ дошт? Ин гуфтор лоиқи музаккирон аст» [7, с. 234]. Шореҳ ин ҷо миёни сухани омиёна ва орифона ба таври худ меъёр гузоштааст. Дар ҳоле ки насри тасаввуфӣ бо садагию равинии хеш баъзан, оҳанги омиёна ҳам дорад. Зеро он ағлаб ба шогирдон ва ҷомеаи дарсӣ пешниҳод мешавад ва бояд забони

нисбатан сода дошта бошад. Ҳамин равиш дар матни «Рисолаи қушайрия» ба мушоҳида расида, мавриди нақди шореҳ қарор гирифтааст.

Гесӯдароз ин суханонро ба сабаби ғайриақлонӣ ва мухолиф будан бо илми рӯзгор омиёна медонад. Ӯ, ҳатто ҳусни таълили Шиблиро барои зардии ранги офтоб ҳангоми ғуруб, ҳикояте омиёна ва музаккирона хондааст: «Аз Шиблӣ пурсиданд, ки Офтоб наздики ғуруб зард шавад? Шиблӣ гуфт: Зеро чӣ мақоме, камоле ва шарафе, ки ӯ дошт, аз он ҷо маъзул шуд ва фурӯ афтод, пас зард мешавад, аз хавфи мақом, ки маро бозгардонанд, бад-он мақом то чӣ кунанд ва боз чун барояд? Ва ҳамчунин, муъмин чун охири вақти ӯ шавад, зард шавад, хавфи он ки мақоме, ки меравад, то бо ӯ чӣ кунанд ва чун барангезанд, рӯшан ва мунаввар бошад? Некӯ ҳикоятест ин, аммо бо китоби сулук ва ҳикоёти муҳаққиқон нисбате надорад. Ҳикояти омиёна ва музаккирона аст. Музаккире бар минбар барояд ва ин бигӯяд ва омиён чанд бошанд ва бишнаванду оҳе зананд. Сухан дар ин аст, боре Шиблӣ ин ҳикоят гуфтааст ва нисбат ба ин додааст, зеро чи муҳаққақ ва маълум аст, ки офтоб аз назари мо дур шуд, ӯ дар дарё меравад, ба дарё қариб шуд, акси он дарё аз назари мо зард намудан гирифт ва аз ин ҷо ки ту ӯро зард мебинӣ. Бар қавме ҳамон замон тулуъ кардааст. Чунонки ин ҷо вақди шуруқ мебинӣ, эшон он ҷо ҳамчунон мебинанд» [7, с. 524-525].

**Нақли ҳикоёт.** Яке аз вижагиҳои «Рисолаи қушайрия» нақли ҳикоёт ва каромоти бузургони тасаввуф аст. Ин ҳикоёт ба монанди дарсҳои амалӣ барои соликони тариқат будааст ва ба ҳамин сабаб, он аз пояҳои мутуни таълимии ирфонӣ ба шумор меравад. Навъи нигориш ва баёни ин ҳикоёт дар мутуни ирфонӣ таъйид ва таъзими онро назди орифон нишон медиҳад. Орифон ин ҳикоёт ва каромотро пазируфтаанд ва ҳеҷ суол ё шубҳае дар бораи он баён накардаанд. Гесӯдароз бино бар шеваи худ дар «Шарҳи рисола» дар ҷойи лозим бо диққат ва нуктасанҷӣ ва гоҳ бо васвос ҳикоятҳои нақлшударо баррасӣ ва нақд мекунад. Бисёре аз ҳикоёт дар бораи орифон дар зоҳир хубу сутуданӣ аст, аммо агар аз диди дақиқ ва аз рӯйи ақл касе мисли Гесӯдароз ба он нигариста шавад, костиҳо ва хатоҳои орифон дар қавлу амал ошкор мешавад. Чунончи:

«Абуабдуллоҳи Рудборӣ чун ба таоме даъват шудӣ... фуқароро аз ин даъват хабар накардӣ ва таоми худ эшонро хуронидӣ. Сипас он ки эшон таом ба қадри ҳоҷати худ хурда мебуданд, эшонро хабар кардӣ, ки шуморо фалон ҷо талабидаанд, равон шаванд. Ғараз ин дошт, чун эшон таоми вақти хеш фориғ гарданд, эшон даст бад-он таом ба шаҳвату рағбат наяндозанд ва агар як луқма бигиранд, ба тааззур гиранд, то мардумонро дар ҳаққи эшон гумони бад наравад... Ин ҷо чанд сухане ҳаст. Чӣ бошад, яке таом барои ту пухту ту таоми ӯ нахурӣ? На он ки пухтаи он бечора зоеъ шавад? Ва дигар матлуби ӯ ин аст, ки гурусна таом бихурад, мазиде ӯро шавад, савобе зиёд шавад. Ва дигар мардумоне таом хурда ва дасти тахсири он бар таом дароз намекунанд ва мардумон донанд, ки инчунин андак хуронанд. Аз баъзе суфиён чунин шунидаам ва дидаам. Агар ҷое рафтанд, дар хона таом намехӯрданд. Гуфтанд, он бечора барои мо таом пӯхтааст. Агар таоми ӯ нахурем, ӯ бедил шавад ва агар он ҷо ба ҳасби муътод нахӯрем, касе то чӣ гумон барад» [7, с. 245].

Ҳамчунин, Гесӯдароз дар баъзе маврид асл ва муҳтавои баъзе ҳикоёти «Рисолаи қушайрия»-ро нақд намекунад, балки ҷойгоҳи баёни он ҳикоётро муносиб намедонад ва ба эътиқоди шореҳ бо мавзуи баҳс таносубе надорад. Барои мисол Қушайрӣ қиссаи «Юсуф ва занони Миср»-ро дар табйини фано ва бақо овардааст, ки ба эътиқоди Гесӯдароз ин ҳикоят бо баҳси ҳузуру ғайбат таносуб дорад.

Дар маҷмуъ, метавон гуфт, ки огоҳии форсизабонон ба «Рисолаи қушайрия» дар тули таърих аз тариқи ду тарҷума ва шарҳи Гесӯдароз мебошад. Тарҷумаҳои куҳани «Рисолаи қушайрия» бо сабаби имтиёзоташон ба ду усул – мустақим ва ғайримустақим таъсири манфӣ ҳам дар мавриди қушайрипажуҳӣ дар забони форсӣ-тоҷикӣ доштаанд. Нахуст, ба далели заъф ва нотавонии мутарҷимон дар фаҳми интиқоли ибороти Абулқосими Қушайрӣ ва дигар, ба далели он ки вуҷуди чунин тарҷумаҳое боис шуда, ки муҳаққиқону хонандагон камтар худро муҳтоҷ ба мурочиа ба асли арабии рисола ё иқдом ба тарҷумаи дубораи он бубинанд. Онон бо эътимод ба мутарҷиме, ки ба замони муаллиф наздик буда ва аз шогирдони Қушайрӣ ба ҳисоб меомада дар фазои фарҳангию

фикрии муаллиф мезистааст, худро аз муроҷиа ба матни аслии китоб бениёз медидаанд. Дар ҳоле ки аз ин масъалаи муҳим ғафлат кардаанд, ки аҳаммияти диққат ва амонати тарҷума назди мутарҷимон дар гузашта ба андозаи давраи муосир набудааст. Дар гузашта бештар мутарҷимон кӯшиш мекарданд, ки тарҷумаи озод аз андешаҳои муаллиф ба мухотабони забони мақсад ироа диҳанд, бе он ки худро мулзим ба риояти амонате, ки имрӯз дар доираи тарҷума матраҳ аст, бубинанд ё худро муқайяд кунанд, ки тавзеҳу тафсири худро аз гуфтаҳои муаллиф мутамоиз намояд ё аз асли иборoти нависанда дур нараванд. Ҳамаи инҳо бо ин сабаб аст, ки мутарҷимон тасаллути кофӣ ба забони мабдаъ ва мақсад ва ҳамчунин тавоноӣ ва маҳорат барои дарки мақсуди нависандаро дошта бошанд.

Ҳарчанд тарҷумаҳои форсии «Рисолаи қушайрия»-ро холӣ аз нуқсу камбудӣ наметавон ёфт, вале бояд ҳангоми доварӣ ҳунари тарҷумонии мутарҷимонро дар ёфтани муодилҳои форсӣ-тоҷикӣ барои ибороти арабӣ ва истилоҳоти суфия сутуд ва хусусан, талоши дурахшони онҳоро барои баргардони ибороти арабӣ дар қолаби ҷумлаҳои зебо ва муҷмали форсӣ-тоҷикӣ қадршиносӣ намуд. Ба назар мерасад, ки маҳорату диққати мутарҷимон бештар дар забони мақсуд буда, то дар забони мабдаъ, зеро эшон беш аз он ки худро ба матни аслӣ мутааҳид бубинанд, ба мухотабони форсизабон таваҷҷуҳ доштаанд. Бо татбиқи тарҷумаи форсӣ бо матни арабии «Рисолаи қушайрия» рӯшан мешавад, ки мутарҷимон дар бисёр маврид натавонистаанд, мутарҷимони амин барои суханони Қушайрӣ бошанд. Вале дар ҳар сурат, онҳо бо анҷоми ин кори хайр, хизмати мондагореро дар рушди тасаввуф, нишосонидани чеҳраи ирфонии Абулқосими Қушайрӣ, тарғиби ғояҳои рисолаи ӯ, баровардани ниёзҳои маънавии соликони форсизабон ва умуман, ҷомеаи тамаддунпарвари наҷоди ориёӣ анҷом додаанд ва бо ин номи худро дар сафҳаҳои таърих ва адабиёти ирфонии мо ба некӣ сабт намудаанд.

**Таснифи тарҷумаҳои «Рисолаи қушайрия».** Аз маълумоти мусаҳҳеҳони тарҷумаи форсии «Рисолаи қушария» чунин бармеояд, ки аз тарҷумаи форсӣ-тоҷикии китоби Абулқосими Қушайрӣ нусхаҳои хаттии начандон зиёде то

замони мо боқӣ мондааст [18; 19]. Вале аз асли арабии он нусхаҳои зиёде боқӣ монда, ки гувоҳи таваҷҷуҳи зиёди суфиён ба ин китоб аст. Нигоҳе ба муқаддимаи арабии он (нашри Дорулминҳоҷ дар асоси нусхаи Бағдод ва нусхаи ҳавзаи илмияи Урдукони Язд) маълум месозад, ки теъдоди нусхаҳои маъруфи арабии «Рисолаи қушайрия» беш аз понздаҳ нусхаи муътабар будааст [120, с. 100].

Аз тарҷумаи аввал, яъне тарҷумаи Абуалӣ Ҳасан ибни Аҳмади Усмонӣ ба таъкиди Фурӯзонфар ду нусхаи хаттӣ мавҷуд аст:

1. Нусхаи музеи Британия ба шумораи 4118 Оқ дар 270 варақ ба хатти насхи бисёр рӯшан ва ҳар сафҳа 15 сатр дорад. Ин нусхаро Муҳаммад ибни Умари Қазвинӣ дар панҷуми Зулҳиҷҷаи соли 601 дар Бағдод китобат кардааст. Аз қадимтарин нусхаи хаттии тарҷумаи форсии «Рисолаи қушайрия» мебошад. Ба таъкиди Фурӯзонфар тартиби бобҳои ин нусха ба матни арабӣ тафовут доштааст ва зоҳиран, авроқи он ҳангоми саҳҳофӣ ҷо ба ҷо шудааст. Тартиби зикри маохиз низ бар хилофи матни арабӣ аст ва ҳамчунин, тарҷумаи ҳоли баъзе афтодааст. Имлои баъзе аз калимаҳо ҳам дар нусхаи мазкур хилофи маъмул аст. Чунонки «توا» ба ҷойи «تو», «نیکوا»ба ҷойи «نیکو»,«باذگشادن» ба ҷойи «بازگشاد» омадааст. Унвони бобҳо ҳам ба забони арабӣ омадааст. Фурӯзонфар аз ин нусха ҳангоми тасҳеҳ дар муқобала бо нусхаи асл истифода кардааст [22].

2. Нусхаи китобхонаи Аё-София дар Истанбул ба шумораи 2077 ба хатти настаълиқ дар 109 варақ ва ҳар сафҳа 24 сатр дорад. Нусхаи мазкур дар соли 859 китобат шудааст. Тартиби бобҳо дар ин нусха мутобиқи матни арабӣ аст. Унвони бобҳо ба забони форсӣ ба истиснои баъзе аз онҳо, ки шабеҳи нусхаи музеи Британия аст. Дар ин нусха ҳам баъзе аз авроқ ҷо ба ҷо шудааст ва мувофиқати он дар тартиби бобҳо бо матни арабӣ далели он аст, ки тасарруф ва тағйири мавозеъ ва ҳазфи баъзе абвоб дар нусхаи музеи Британия аз худи мутарҷим набудааст [23].

Нусхаи китобхонаи Аё-София ба дасти Фурӯзонфар дар миёни кори ӯ расидааст ва аз он ҷиҳат ки ба таъкиди ӯ бо нусхаи музеи Британия тафовуте надошт ва он нусха қадимтар буд, Фурӯзонфар аз ин нусха дар баъзе маврид

истифода намуд. Вале мусаҳҳеҳони нави тарҷумаи форсии «Рисолаи қушайрия» Сайида Марям Равзотиён ва Сайидалӣ Асғари Мирбоқирӣ бар он назаранд, ки нусхаи китобхонаи Аёсуфия аз нусхаҳои дигар беҳтар аст ва аз рӯйи ин нусха тасҳеҳи ҷадиди тарҷумаи «Рисолаи қушайрия»-ро анҷом додаанд.

Аз тарҷумаи дуюм ё ислоҳи тарҷумаи аввал нусхае дар китобхонаи Лоло Исмоил ба шумораи 120 дар 196 варақ ба хатти насхи рӯшан маҳфуз мондааст. Ҳар сафҳа 21 сатр дорад ва таърихи китобаташ маълум нест [24]. Фурӯзонфар таърихи китобати ин нусхаро аз рӯйи қароини хат ва имло дар нимаи дувуми қарни шашум ё нимаи аввали қарни ҳафтум донистааст. Нусхаи мазкур танҳо аз нусхаҳои муаррифишуда аз тарҷумаи дуюми «Рисолаи қушайрия» ба шумор меравад. Ин нусха дорои як дебоча мебошад.

Дебочае, ки ба нусхаи дуюм навишта шудааст, аҳаммияти зиёд дорад, зеро қадимтарин санаде аст, ки аз Абуалии Усмонӣ шогирди Қушайрӣ ба унвони мутарҷими «Рисолаи қушайрия» ном мебарад. Дар баробари ин, дебочаи мазкур ягона санаде аст, ки аз мутарҷими дуюм, яъне Абулфутуҳи Нишопурӣ ва аз Аҳмад ибни Иброҳим маъруф ба Порсо ном бурдааст. Ҳамчунин, дар ин дебоча аз падари Муҳаммад ибни Яҳё ном бурда шудааст ва аз иртиботи ӯ бо Қушайрӣ маълум мешавад, ки тарҷумаи дуюм дар авосит ё охирҳои қарни шашум поён пазируфтааст [18, с. 86].

Мусаҳҳеҳи ҷадиди «Рисолаи қушайрия» Сайида Марям Равзотиён нусхаи китобхонаи Лоло Исмоилро, ки мутаассифона таърихи китобат надорад, шабеҳи нусхаҳои баъд аз асри нуҳум ба ҳисоб овардааст [20, с. 48]. Вай барои исботи гуфтаҳои худ ва радди иддаои Фурӯзонфар ҳеҷ далеле наёвардааст, дар ҳоле ки зарур аст, барои хонанда рӯшан шавад, чаро назари Фурӯзонфар дар бораи таърихи тақрибии китобхонаи Лоло Исмоил мардуд аст.

Аз баррасиҳои нусхаҳо ҳам маълум мешавад, ки нусхаи китобхонаи Лоло Исмоил ва нусхаи Аё-София тафовуташон бисёр фаротар аз тафовути нусхабадалҳо аст. Ин тафовутҳо ҳам дар муфрадот ва сохтҳои таркибӣ ва ҳам дар ҷумлабандӣ маълум аст.

То кунун дар китобхонаҳои дунё ба истисנои нусхаҳои таснифшуда, дигар ҳеҷ як нусхаи тоза аз тарҷумаи форсии «Рисолаи қушайрия» ба назар намерасад. Лекин бо вуҷуди ин, имрӯз аз дастрасӣ бо фанноварихои технологияи муосир метавон ҷустуҷӯро дар марокиз ва китобхонаҳои ҷаҳон идома дода, нусхаҳои хаттии муаррифинашудаи тарҷумаи форсии «Рисолаи қушайрия»-ро ба даст овард ва ва дар муқоиса бо нусхаҳои мусаҳҳеҳони фавқуззикр тасҳеҳи ҷадиди китобро анҷом дод.

Хулоса, таҳқиқот нишон медиҳад, ки «Рисолаи қушайрия» ҳамагӣ се маротиба мавриди тарҷума қарор гирифтааст ва ин тарҷумаҳою шарҳ мунҳасир ба забони форсӣ-тоҷикӣ мебошанд. Тарҷумаи аввал, аз ҷониби шогирди Абулқосми Қушайрӣ, Аҳмади Усмонӣ дар замони зиндагии муаллиф сурат гирифтааст. Тарҷумаи дуюм, дар миёнаҳои асри XII аз тарафи Абулфутуҳи Нишопурӣ дар шаҳри Кирмон анҷом дода шудааст. Тарҷумаи сеюм, бо шарҳаш дар асри XV дар Ҳиндустон бо кӯшиши Сайид Муҳаммади Гесӯдароз сурат гирифтааст.

Имтиёзи тарҷумаи сеюм аз он иборат аст, ки Сайид Муҳаммади Гесӯдароз дар баробари тарҷума «Рисолаи қушайрия»-ро шарҳ дода, баъзе нукоти онро нақду баррасӣ намудааст. Забонаш фасеҳ ва фаҳмо буда, ба гӯйиши мовароуннаҳрӣ хеле наздик аст. Ба назар мерасад, ки ҳамаи тарҷумаҳо ва шарҳи ба «Рисолаи қушайрия» басташуда, ба танвири афкори ҷомеа равона шудаанд ва барои баровардани ниёзҳои аҳли фазл хизмат кардаанд.

## 2.2. Баррасии тасҳеҳ ва нашрҳои тарҷумаи форсӣ-тоҷикии асар

Тасҳеҳ ва эҳёи мероси мактуб аз муҳимтарин ва душвортарин шохаҳои пажуҳиши адабиётшиносӣ аст, ки муҳаққиқ ба кӯмаки абзорҳои мухталиф ва бо истионат аз донишҳои лозим мекӯшад, матни мунаққаҳ ва то ҳадди имкон, он чунонки аз қалами муаллиф баромадаро дар ихтиёри хонанда қарор диҳад.

Тарҷумаи форсии «Рисолаи қушайрия» то имрӯз дар Эрон се бор тасҳеҳ шудааст. Таҳияи тасвири нусхаҳои хаттии тарҷумаи «Рисолаи қушайрия» муқобала ва тасҳеҳи он кори мушкиле буд, ки нахустин бор Бадеуззамони Фурӯзонфар бар он ҳиммат намуд. Тасҳеҳи Б. Фурӯзонфар аз «Рисолаи қушайрия»-ро дар соли 1345ҳ. / 1967 м. бунгоҳи тарҷума ва нашри китоб мунташир кард. Чунонки Фурӯзонфар дар муқаддимаи китоб қайд намуда, тасҳеҳи тарҷумаи «Рисолаи қушайрия»-ро дар асоси се нусха анҷом додааст. Ду нусха аз тарҷумаи аввал (нусхаи музеи Британия ва нусхаи китобхонаи Аёсуфия) ва як нусха аз тарҷумаи дувум (нусхаи китобхонаи Лоло Исмоил).

Ба унвони нусхаи асос Бадеуззамони Фурӯзонфар нусхаи китобхонаи Лоло Исмоилро, ки ягона нусхаи хаттӣ аз тарҷумаи дуюм мебошад, дар тасҳеҳи матн қарор додааст. Ихтилофи нусхаи музеи Британияро бо он дар ҳошия нишон додааст. Ҳар ҷо ки нусхаи музеи Британия ба назар саҳеҳтар расида, дар дохили қавс ба матн ворид намудааст. Нусхаи китобхонаи Аё-София чун аз миёнаҳои кор ба дасти мусаҳҳеҳ расида буд, фақат дар мавориде, ки калимае дар нусхаи музеи Британия қобили ташхис набуд, мавриди истифода қарор гирифтааст. Масалан, дар бораи боби нахуст навиштааст: «Назар ба он ки боби аввал дар ин ду тарҷума ба куллӣ бо ҳам мутафовит аст ва мутарҷими нахустин, бахусус дар боби аввал аксар ҷумлаҳои арабиро андохта ё ғалат тарҷума карда ва тарҷумаи дувум дар ҳадди худ дурусттар ва тамомтар аст, танҳо тарҷумаи дувумро зикр кардем» [18, с. 70].

Дар ҳар ду нусха ибораҳое ҳаст, ки дуруст тарҷума нашуда ва дар ин маворид Фурӯзонфар айни ибороти арабиро дар ҳошия оварда ва дубора тарҷума кардааст. Матни арабии мавриди истифодаи Фурӯзонфар дар тасҳеҳи

худ нусхаи чопи Миср, шарҳи Закариё ва шарҳи Гесӯдароз буда, аз нусхаи музеи Бағдод низ аз саҳифаи 273 истифода шудааст [18, с. 78].

Аз равиши кори Фурӯзонфар маълум мегардад, ки ин донишманд дар кори худ тасҳеҳи қиёсиро ба кор бурдааст. Яъне, матни тарҷумаи дувум ба қиёс бо яке аз нусхаҳои тарҷумаи аввал ва низ матни арабӣ тасҳеҳ шудааст. Ин усул, дар айни ҳол моҳияти кори мусаҳҳеҳ ба шумор меояд, зеро вай кӯшидааст, матнро ба равише тасҳеҳ кунад, ки бо асли арабӣ бештарин мутобиқатро дошта бошад. Аз ин рӯ, бо вуҷуди асл қарор додани нусхаи Лоло Исмоил ҳар ҷо нусхаи Британия ба матни арабӣ наздиктар буда ё саҳеҳтар ба назар расида, онро вориди матн намояд ва албатта, барои тафовути он аз матни асос дар даруни қавс овардааст. Фурӯзонфар барои мутобиқати комили матн бо асли арабӣ бархе аз ибораҳои арабиро дар ҳошия тарҷума кардааст. Бинобар ин, матни тасҳеҳнамудаи Фурӯзонфар ва ҳавошии он муҷиби дарки беҳтари матлаби «Рисолаи қушайрия» гардидааст.

Чи тавре ки қайд гардид, Фурӯзонфар пас аз муаррифии нусхаҳои дар дастдошта ва шинохташудаи тарҷумаи форсии «Рисолаи қушайрия» нусхаи китобхонаи Лоло Исмоилро ба шумораи 120 нусхаи асос қарор дода ва онро бо нусхаи музеи Британия ба шумораи 4118 оқ, ки онро Умари Қазвинӣ дар панҷуми Зулҳиҷҷаи соли 601ҳ. қ. / 1205 м. дар Бағдод китобат карда, муқобала ва тасҳеҳ кардааст. Барои ин ки матни тарҷумаи «Рисолаи қушайрия» ба матни арабии он наздиктар бошад, аз матни арабии «Рисолаи қушайрия» чопи Миср ва шарҳи Закариё, шарҳи Гесӯдароз кӯмак гирифтааст. Нусхаи нафиси китобхонаи музеи Бағдод ҳам дар миёнаи кор ба дасташ расида ва аз сафҳаи 273 ба баъд аз он баҳра гирифтааст [18, с. 78]. Далели асос қарор гирифтани нусхаи китобхонаи Лоло Исмоил дар назари Фурӯзонфар қадимӣ будани он аст. Дар назари вай нусхаи китобхонаи Лоло Исмоил бар асоси қароин ва имлоӣ китобати он дар нимаи дуюми қарни шашум ва ё нимаи аввали қарни ҳафтум аст [18, с. 76]. Вай барои исботи муддаои худ фақат ишора карда, дар нусхаи мазкур ҳама ҷо б ва п , ч ва ҷ, з (ز) в с (ژ) бо як нуқта навишта шудааст.

Бо вуҷуди арзиш ва аҳаммияте, ки тасҳеҳи Фурӯзонфар дорад, холӣ аз камбудӣ нест. Муҳаққиқони эронӣ Сайида Марям Равзотиён ва Сайидалӣ Асғари Мирбоқирифард нуқсу камбудиҳои тасҳеҳи Фурӯзонфарро дар мақолае мавриди баррасӣ қарор додаанд. Ба таъкиди онҳо, шеваи кори Фурӯзонфар дар тасҳеҳи тарҷумаи «Рисолаи қушайрия» бо вуҷуди наздиктар кардани матн ба асли арабӣ асолат ва истиқлоли ҳар ду тарҷумаро аз байн бурдааст. Зеро тарҷумаи «Рисолаи қушайрия», на ба унвони як асари мустақили ирфонӣ, ки хонандаи форсизабонро аз мабоҳиси омӯзишӣ дар ҳавзаи тасаввуфи исломӣ баҳраманд месозад, балки ба сурати матне ноқис ва ҳамвора вобаста ба асли арабии он ироа мешавад [96].

Ҳамчунин, ба таъкиди онҳо вуҷуди ирҷооти зиёди мухталиф, ки матнро ба зернависи сафаҳот марбут мекунад ва тавзеҳоти муфассал барои бисёре аз ирҷоот риштаи баҳсро аз дасти хонанда ба дар мебарад ва ҷараёни мантиқии зеҳни ӯро барҳам мезанад.

Дар робита ба равиши кори Фурӯзонфар ҳам чунин гуфтаанд: «Миёни он чи Фурӯзонфар дар муқаддимаи матни тасҳеҳнамудаи худ ба унвони шеваи кор баён кардааст, бо амалкарди ӯ дар матни китоб таноқуз ва ибҳомоте дорад. Масалан, дар бораи тасҳеҳи боби аввал чунин навиштааст: «Назар ба он ки боби аввал дар ин ду тарҷума ба куллӣ бо ҳам мутафовит аст..., танҳо тарҷумаи дуюмро зикр кардем». Ин дар ҳолест, ки дар боби аввал низ дар ҳошия иборатҳое аз тарҷумаи аввал дида мешавад. Ҳамчунин, бархе аз калимоти нусхаи асос ба зернавис мунтақил шуда ва ё калимоте дар дохили қавс дар матн оварда шудааст, ки нишон медиҳад, аз тарҷумаи аввал дар боби аввал истифода шудааст» [96, с. 88].

Ба назари онҳо, Фурӯзонфар аз нусхаи дигари тарҷумаи аввал, яъне нусхаи Аё-София ба пурраги истифода накардааст. Таъкид мекунанд, ки нусхаи Аё-София бо нусхаи музеи Британия тафовутҳои бисёр дорад ва бо вуҷуди ин, ки нусхаи Аё-София мутаахир аст, дар порае маворид саҳеҳтар ва ба матни арабӣ наздиктар аст. Ҳамчунин, муҳаққиқони мазкур ба унвони китоб, ки Фурӯзонфар навиштааст: «Рисолаи қушайрия» тарҷумаи Абуалӣ Ҳасан ибни

Аҳмади Усмонӣ» эрод гирифта, ба ин назаранд, ки бо вуҷуди тавзеҳоти дода шуда ва асос қарор додани нусхаи Лоло Исмоил комилан рӯшан аст, ки матни тасҳеҳи Фурӯзонфар тарҷумаи дувуми «Рисолаи қушайрия» аст, на тарҷумаи Абуалӣ Ҳасан ибни Аҳмади Усмонӣ. Ҳатто агар қабул кунем, ки тарҷумаи дувум ислоҳ ё markazнависии тарҷумаи Усмонӣ аст, боз ҳам вуҷуди ихтилофот бисёр нишон медиҳад, ки нусхаи Лоло Исмоилро бояд таҳрири дувум аз «Рисолаи қушайрия» марбут бидонем ва Фурӯзонфар бо ин ки худ низ ба ин нукта муътақид буда, аммо тарҷумаро бо интисоб ба Абуалӣ Усмонӣ ба чоп расонид.

Равзотиён ва Мирбоқирифард ба равиши тасҳеҳи Фурӯзонфар эрод гирифтаанд. Онҳо дар ин зимн, таъкид мекунанд, ки Фурӯзонфар нусхаи китобхонаи Лоло Исмоилро нусхаи асос қарор дода ва онро бо нусхаи китобхонаи музеи Британия муқобала кардааст. Дар назари муҳаққиқони мазкур нусхаи китобхонаи музеи Британия як тарҷума аз «Рисолаи қушайрия» ҳаст ва нусхаи китобхонаи Лоло Исмоил тарҷумаи дигари китоб. Бинобар ин, дар назари онон Фурӯзонфар ду тарҷумаи мутафовит аз ду мутарҷими ҷудогонаро бо ҳам санҷидааст. Яъне, тарҷумаи «Рисолаи қушайрия», ки Фурӯзонфар тасҳеҳ карда, тарҷумаи Абуалӣ Усмонӣ нест ва аз мутарҷими дигаре аст. Ин тарҷумаи дувум ё ислоҳи тарҷумаи нахустин, ки зоҳиран, дар Кирмон ба амал омадааст, натиҷаи дархости Аҳмад ибни Муҳаммади Порсо аст, ки мехост, тарҷумае аз «Рисолаи қушайрия» дошта бошад. Барои ин матлуб аз Абулфутуҳ Абдурраҳмон ибни Муҳаммад, ки аз Хуросон ба Кирмон омада буд хостанд то он нусхаи сақимро ислоҳ кунад. Фурӯзонфар бар асоси муқаддимаи нусхаи Лоло Исмоил қайд мекунад, ки аҷал ба Абулфутуҳ Абдурраҳмон муҳлат надод, то он нусхаи сақимро ислоҳ кунад. Ин ду нафар, яъне Аҳмад ибни Муҳаммади Порсо ва Абулфутуҳ Абдурраҳмони Нишопурӣ сабабгорони ислоҳи тарҷумаи Абуалӣ Усмонӣ ё ба қавле мутарҷимони тарҷумаи дувум шинохта нашуданд.

Бадеуззамон Фурӯзонфар дар тасҳеҳи худ боби аввали «Рисолаи қушайрия»-ро ба хотири ағлот ё ҳазфҳое, ки дошта, тамоман аз нусхаи дувум

нақл кардааст ва аз боби савум то панҷоҳу чаҳор, як боб монда ба охири китоб, нусхаи китобхонаи Лоло Исмоилро асос қарор дода ва аз нусхаи музеи Британия ба унвони нусхабадал ҷуз дар мавориде, ки нусхаи дувум нохоно менамуда, истифода кардааст.

Фурӯзонфар дар идомаи шеваи тасҳеҳи худ, ба далели ин ки бархе иборатҳои арабии нусхаи асос тарҷума нашуда буд ва қасди ин ки матни тасҳеҳшуда ҳаддалимкон ба матни арабии «Рисолаи қушайрия» наздиктар бошад, ҳар иборотеро, ки дар нусхаи мутарҷими мазкур тарҷума нашуда буд, дар аломати [ ] қарор дод. Ҳамчунин, вай иброз медорад, ки нусхаи арабие, ки дар дасти мутарҷимон буд ҳам, беғалат набуда ё мутарҷимон ғалат хонда ва ба табъи нодуруст тарҷума кардаанд. Фурӯзонфар дар баъзе маврид дар ҳошия айни иборатҳои арабии «Рисолаи қушайрия»-ро оварда, дигарбор матни арабиро худ тарҷума кардааст.

Дар маҷмуъ, бояд гуфт, ки тасҳеҳи тарҷумаи форсии «Рисолаи қушайрия» ба кӯшиши донишманди фарҳехта Бадеуззамон Фурӯзонфар то имрӯз борҳо дар Эрон ба нашр расидааст. Бо вуҷуди он ки пас аз Фурӯзонфар тарҷумаи форсии «Рисолаи қушайрия» тасҳеҳу нашр гардидааст, вале ҳамоно мусаҳҳеҳони баъдӣ ягон нусхаи тозаро аз китоб муаррифӣ накардаанд. Онҳо аз ҳамон нусхаҳое, ки Фурӯзонфар муаррифӣ карда буд, танҳо бо шеваи дигар тасҳеҳи худро анҷом додаанд.

Тасҳеҳи дигар аз тарҷумаи форсии «Рисолаи қушайрия» бо кӯшиши Маҳдии Муҳаббатӣ дар Теҳрон соли 1390 ҳ. / 2012 м. ба амал омадааст.

Пас аз гузашти солҳо ва нашрҳои мутааддиди тасҳеҳи Фурӯзонфар тарҷумаи форсии «Рисолаи қушайрия»-ро Маҳдии Муҳаббатӣ тасҳеҳ намуд. Дар муқаддимаи ин тасҳеҳ мусаҳҳеҳ ёдовар мешавад, ки «аз ангезаҳои вай барои тасҳеҳи нави «Рисолаи қушайрия» яке рафъи навоқиси тасҳеҳи Фурӯзонфар дар адами татбиқи комили тарҷумаи форсии Рисола бо чопҳои арабии он ва дигаре такмили кори эшон дар тарҷума ва тавзеҳи иборот будааст» [19, с. 35]. Ҳамчунин, Муҳаббатӣ дар муқаддимаи матни тасҳеҳнамудаи худ зимни қадршиносӣ аз кори Фурӯзонфар ёдовар шудааст, ки «Аз рӯзе, ки устод

Фурӯзонфар тасҳеҳи тарҷумаи «Рисолаи қушайрия»-ро оғоз кард, беш аз ним қарн мегузарад, вале чопу нашри рисола бар ҳамон минвол идома ёфтааст ва алорағми зарурат нигоҳ ва вероиши навин ва муҷаддади он тақрибан, ҳеҷ тағйири умда ва қобили зикре дар муҳтаво ва шакли китоб сурат нагирифтааст ва ин дар ҳоле аст, ки вуҷуди далоил ва авомили устувору тоза солҳост, ки чопи ҷадид ва муҷаддаде аз тарҷумаи «Рисолаи қушайрия»-ро амре ногузир ва зарурӣ менамояд» [19, с. 27]. Муҳаббатӣ пас аз зикри ин нукта матолибе таҳти унвони «Муқобала бо ақдам ва асаҳи нусах» баён кардааст. Аз хондани чунин унвон гумон меравад, ки мусаҳҳеҳ дастнавиштаи тозае аз тарҷумаи «Рисолаи қушайрия» ёфтааст. Лекин матолиби зайли унвон нишон медиҳад, ки мақсуди Муҳаббатӣ аз ақдам ва асаҳи нусах, нусхаи Бағдод аст, ки матни арабии рисола аст, на тарҷумаи Абуалӣ Усмонӣ. Муҳаббатӣ худ бар он таъкид кардааст: «Ин ҷумлаҳо ва нуктаҳо аз ҳар кас буда бошад, имрӯза аз он забони форсӣ аст, чаро ки сухтадиле ҷон афрӯхта бо равғани вожаҳои худ онҳоро ба ҷону забони форсӣ рехта ва чашму чароғи ин забон сохтааст» [19, с. 27]. Дар баробари ин, Муҳаббатӣ дар шеваи тасҳеҳи худ ба гунаи дигаре амал кардааст: «Бинобар ин, барои тасҳеҳ ва татбиқи дақиқи матни форсӣ ногузир бояд матне ҷадид ва пероста, ки аз ҳама ҷиҳот бо нусхаи музеи Бағдод, ки ба эътирофи бисёре саҳеҳтарин ва қадимтарин нусхаи «Рисолаи қушайрия» аст, ҳамхонӣ дошта бошад, фароҳам меомад ва ишколоту мушкилоти матни мавҷуди форсиро бартараф месохт, чун ҳар ду тарҷумаи форсӣ дорои нақоиси фаровон ҳастанд» [19, с. 29].

Маҳдии Муҳаббатӣ дар ҷойи дигар аз муқаддима низ бар ин шеваи тасҳеҳ дар муқоиса бо шеваи Фурӯзонфар таъкид кардааст: «Нуктаи бисёр муҳим он аст, ки дар чопи устод Фурӯзонфар матни форсӣ ҳосили таркиб ва талфиқи ду нусхаи форсӣ аст (яъне, аввал нусхаи музеи Британия ба шумораи оқ 4118 ба китобати Муҳаммад ибни Умари Қазвинӣ дар панҷуми зулҳиҷҷаи соли 601 дар Бағдод ва мавҷуд дар китобхонаи Аё-София ба шумораи 2077 китобат шуда, ба соли 859 ва дувум нусхаи Лоло Исмоил ба шумораи 120 китобат шуда дар нимаи асри шашум ва ё авоили қарни ҳафтум, ки котиби он шинохта

нашудааст), ки нусхаи нахустинро эшон «мб» ном ниҳода ва дувуминро асл гирифтаанд. Матни падидомадаи форсии Фурӯзонфар омезиши ҳушмандона ва олимона ва дар айни ҳол, дар ҳам рехтани ин ду нусха аст. Мабнои мо дар ин вероиш мутобиқати қатъӣ ва ҳатто лафзии матни форсӣ бо нусхаи арабии музеи Бағдод ба унвони ақдам ва асаҳи нусах аст. Ба ҳамин хотир, аз таркиби ду матни форсӣ иборотро аз куруша хориҷ кардаем ва дар сурати нав рехтаем, то сирфан мутобиқи матни аслии арабӣ бошад» [19, с. 36-37].

Маҳдии Муҳаббатӣ дар муаррифии шеваи тасҳеҳи Фурӯзонфар диққати лозимро надоштааст, зеро аввалан Фурӯзонфар аз нусхаи Аё-София, ба далели он ки дар байни кори худ ба даст овардааст, чандон истифода накардаст. Аз сӯйи дигар, асоси кори худро тарҷумаи дувум, яъне нусхаи китобхонаи Лоло Исмоил қарор дода ва ҳар ҷо нусхаи Британияро саҳеҳтар ёфта, дохили қавс вориди матн кардааст. Албатта, бояд таваҷҷуҳ дошт, ки ин шева дар тамоми матн риоя нашудааст.

Усули тасҳеҳи Маҳдии Муҳаббатӣ бар асоси матни арабии он, яъне нусхаи Бағдод сурат гирифтааст. Ба назар мерасад, ки мусаҳҳеҳ дар ҳеҷ як аз нусхаҳои хаттии мавҷуд аз тарҷумаҳои «Рисолаи қушайрия» тааммуқ накарда, танҳо бар вероиши матни мусаҳҳаҳи Фурӯзонфар ва татбиқи он бо матни арабии рисола кор анҷом додааст. Ба ҳамин далел, бар хилофи тасҳеҳи пешин, ки бахши умдае аз понавишти ҳар сафҳа ба ихтилофи нусхаҳо ихтисос ёфта буд, дар матни мусаҳҳаҳи Муҳаббатӣ ба ихтилофи нусхаҳо пардохта нашуда ва фақат дар бархе понавиштҳо калимаи «матн» ворид шуда, ки нишон медиҳад, мусаҳҳеҳ бар асоси нусхаи арабӣ тарҷумаро тағйир додааст.

Муҳаббатӣ дар бахши дигаре аз муқаддима зери унвони «Афтодагиҳо ва маҳзуфот» ба мавориде ишора карда, ки аз матни арабӣ ба тарҷумаи форсӣ мунтақил нашудааст. Аз ҷумла, ҳазфи комили як то чанд байт, ҳазфи бархе таркиботи дуоӣ ва муътариза, ҳазфи силсилаи аснодҳо ва ғайра. Сипас, таъкид кардааст: «Дар лобалои матни мусаҳҳаҳи ҷадид анвои ин ҳазф ва афтодагиҳоро овардаем» [19, с. 30]. Маълум аст, ки ҳар ду мутарҷими «Рисолаи қушайрия» гоҳ дар тарҷума ё нақли матлабе аз матни аслӣ дучори хато шудаанд. Аммо

бояд дар назар дошт, ки ҷойи овардани ин матолиб дар таъликоти матн аст ва ворид кардани ҳар гуна ибороте аз матни арабӣ, мисли ҷумлаҳои муътариза ё силсилаи аснод ва ё иборахо, абёти ҳазфшудаи арабӣ асолати тарҷумаи форсиро аз байн мебарад. Илова бар ин, тааммул бар мутуни ирфонии форсӣ хоҳ тарҷума ё шарҳи мустақими матне арабӣ бошад ва ё таълифе, ки ғайримустақим аз осори арабӣ таъсир пазируфта, нишон медиҳад, ки ҷумлаҳои муътаризаи дуоӣ, ки зиёд дар осори арабӣ дида мешавад ва ҳамчунин, силсилаи асноди тулонӣ бо завқи хонандагони форсизабон таносубе надорад. Ба ҳамин далел, бештари мутуни ирфонии форсӣ аз ин гуна иборатҳо тоза шудааст. Ба ин тартиб, ворид кардани аснод ё ҷумлаҳои дуоӣ дар беҳбуди тасҳеҳи матн таъсире надорад, ба хусус ки дар нусхаҳои хаттии тарҷумаи форсии «Рисолаи қушайрия» ва ҳатто матни арабии он низ дар зикри ин иборатҳо ихтилоф вуҷуд дорад. Дар як матн «разияллоҳу анҳу» омада ва дар матни дигар «раҳматуллоҳи алайҳ» ва дар матне дигар ҳеҷ ибороти дуоӣ зикр нашудааст ва ҳамин нукта нишон медиҳад, ки ба кор бурдани ин гуна иборатҳо бештар марбут ба завқу салиқаи котибон будааст, на хости муаллиф ё мутарҷими асари мавриди назар.

Маҳдии Муҳаббатӣ дар бахше дигар аз муқаддима зери унвони «Ишколот ва мушкилоти нигоришӣ ва вероишӣ» ба матни мусаҳҳаҳи Фурӯзонфар пардохта, маворидеро ҳамчун «тафовути нигориши як калима дар як сафҳа, сарҳам навиштан ва ё забти нодурусти бархе калимот, ҷудо навиштани ҳуруфе, ки ҷузъи феъл ҳастанд, як даст набудани ҷумлаҳои дуоӣ, шеваи забти вожаҳо ба сурати куҳна, масалан ҳарфи изофа, ки дар бархе ҷойҳо ба сурати кай омада ва ғайра» [19, с. 33-35] баррасӣ кардааст. Бояд таваҷҷуҳ дошт, ки бисёре аз ин маворид ба далели таъйиди Фурӯзонфар бар ҳифзи расмулхати нусхаҳои хаттӣ будааст.

Мусаҳҳеҳ дар муқаддима таҳти унвони «Мустанадсозӣ, тарҷумаи оёт, ривоёт, абёт ва ибороти арабӣ» баён мекунад, ки «Фаҳми бисёре аз ҷумлаҳо ва абёти арабии мавҷуд дар тарҷума барои бисёре аз хонандагон, ҳатто дар давраҳои коршиносии аршад ва дуктурӣ бароҳатӣ қобили фаҳм набуд ва бар ҳеҷ маъохиз ва мустанаде ҷуз оёти Қуръони карим такия надошт». Ҳамчунин,

қайд мекунад, ки ин маворид дар вероиши ҷадиди тарҷума ва ба яке аз китобҳои муҳимми ривойӣ ё девонҳои шеърӣ ва ғайра мустанад гаштааст [19, с. 35]. Бо таваҷҷуҳ ба ин ки бори аввал Маҳдавии Домғонӣ дар бораи маохизи абёти арабии «Рисолаи қушайрия» таҳқиқ кардааст ва чопҳои ахири матни Фурӯзонфар ба ҳамроҳи таҳқиқоти Маҳдавии Домғонӣ мунташир шудааст ва ҳамчунин интишори асаре ба унвони таҳқиқ дар «Рисолаи қушайрия» ба кӯшиши муҳаққиқ Ризояти Кешихола, анҷоми дубораи чунин коре чандон қобили таваҷҷуҳ ба назар намерасад.

Дар матни тасҳеҳнамудаи Муҳаббатӣ бахше аз ҳар сафҳа ба баёни тавзеҳоти марбут бо матн ба шакли поварақ ихтисос дода шудааст. Маънои калимаҳои арабию форсӣ, тарҷумаи ибораҳову абёти арабӣ ва гоҳ шарҳи бархе ибораҳои форсӣ аз ин ҷумла аст. Ба таъкиди мусаҳҳеҳ кӯшиш кардааст, ки матни тасҳеҳнамудааш дорои камтарин ибҳом бошад ва тамомии ҷумлаҳову вожаҳои мушкили матнро шарҳу тафсир намудааст [19, с. 36].

Ҳарчанд мусаҳҳеҳ Маҳдии Муҳаббатӣ кӯшиш намудааст, ки матни тасҳеҳнамудааш холӣ аз ғалат ва наздик ба асли он бошад, аммо шеваи коре, ки ӯ дар тасҳеҳи матн ба роҳ монда, боис бар он шуда, ки масоили тасҳеҳу такмили тарҷумаи «Рисолаи қушайрия» ҳамоно нотамом мондааст. Зеро ӯ аз ҳамаи нусхаҳои хаттии мавҷуд аз тарҷумаи «Рисолаи қушайрия», хусусан нусхаи Аё-София истифода накардааст. Дигар ин ки Маҳдии Муҳаббатӣ барои ибораву таъбирҳои арабӣ тавзеҳоти нокофӣ ва гоҳ номутаносиб овардааст. Ҳамчунин, бар ғалат номи Абуалӣ Усмониро ба унвони мутарҷими матни мусаҳҳаҳ зикр намудааст, ки аз ҷумлаи норасоиҳои роҳ ёфта, дар тасҳеҳи матни мусаҳҳеҳи мазкур ба шумор меравад.

Ниҳоят, тасҳеҳи тозае аз тарҷумаи форсии «Рисолаи қушайрия» бо кӯшиши Сайида Марям Равзотиён ва Сайидалӣ Асғари Мирбоқирифард дар асоси нусхаи китобхонаи Аё-София дар Теҳрон соли 1396 ҳ. / 2018 м. ба анҷом расид.

Дар воқеъ, матни тасҳеҳшуда вақте ки дигарбора тасҳеҳ мешавад, бояд далели тасҳеҳи нав баён шавад ва усулан нисбат ба тасҳеҳҳои пешин аз

имтиёзи хоссе, монанди нусхаи ҷадид, таълиқоти бештар, муқаддимаи муфассалтар ва ғ. бархурдор бошад. Чунонки қайд шуд, тарҷумаи «Рисолаи қушайрия»-ро бори аввал Бадеуззамон Фурӯзонфар тасҳеҳ ва нашр намуда буд ва савияи дониши Фурӯзонфар бар ҳеҷ кас пӯшида нест. Тасҳеҳи Фурӯзонфар аз тарҷумаи «Рисолаи қушайрия» костиҳое доштааст, ки муҳаққиқони дигарро барангехта то матне мунаққаҳтар аз тасҳеҳи тарҷумаи «Рисолаи қушайрия» ироа диҳанд. Ҳамчунон ки зикр шуд, пас аз Фурӯзонфар тасҳеҳи дигаре аз ҷониби Маҳдии Муҳаббатӣ сурат гирифта буд. Ба назар мерасад, ки муҳимтарин далеле, ки мусаҳҳеҳони нави тарҷумаи «Рисолаи қушайрия»-ро водошт, то аз китоби мазкур тасҳеҳе дигар анҷом диҳанд, эроди равишшиносӣ аст, ки дар тасҳеҳи Фурӯзонфар рух додааст. Вагарна, нусхае тоза аз тарҷумаи «Рисолаи қушайрия» ба даст наёмадааст ва нусхаҳое, ки мусаҳҳеҳони тарҷумаи «Рисолаи қушайрия» дар муқаддимаи асар муаррифӣ кардаанд, ҳамон нусхаҳое аст, ки пештар шинохта ва муаррифӣ шуда буд.

Дар муқаддима зери унвони «Тарҷумаи «Рисолаи қушайрия», пас аз ин ки дар даст будани ду нусха аз тарҷумаи Абуалӣ Усмонӣ сухан ба миён меояд, ба ин матлаб таваҷҷуҳ дода мешавад, вале ба хотири риоят накардани фаслбандӣ ин мавзуи муҳим чандон хуб баррасӣ нашудааст. Мурод аз ду нусха аз тарҷумаи Абуалӣ Усмонӣ яке нусхаи музеи Британия аст (ҳамон нусхаи сақим, ки ба Кирмон расида буд), чунонки мусаҳҳеҳон Фурӯзонфар ва Равзотиён изҳор доштаанд, дорои ағлот ва афтодагиҳои бисёр аст ва нусхаи дувум ҳамон нусхаи китобхонаи Аё-София аст. Таваҷҷуҳ ба ин матлаб, ки ду нусхаи мазкур як тарҷумаи ҳастанд ё на, агар бо шавоҳид ва намунаҳое бештар дар муқаддима матраҳ мешуд, барои тасдиқи хатои Фурӯзонфар муфидтар буд то ба рӯшанӣ мушаххас шавад, ки нусхаи китобхонаи Лоло Исмоил тарҷумаи ғайр аз тарҷумаи Абуалӣ Усмонӣ аст. Далелҳое ҳам дар нусхаи китобхонаи Лоло Исмоил ҳаст, ки собит мекунад, ин нусха ба қадимтарин нусхаи арабии «Рисолаи қушайрия» нисбат ба нусхаи Аё-София наздиктар аст, ки Б. Фурӯзонфар бар онҳо ишора намудааст.

Дебочае, ки Б. Фурӯзонфар дар тасҳеҳи худ онро аз сафҳаи як то сафҳаи чаҳор қабл аз феҳристи матолиби китоб овардааст, дар тасҳеҳи мазкур ба назар намерасад. Мусаҳҳеҳон чун нусхаи Лоло Исмоилро мутааххиртар аз нусхаи Аё-София ба ҳисоб овардаанд, аз овардани ин дебоча дар тасҳеҳи тоза худдорӣ кардаанд. Бар асоси муқаддимаи нусхаи китобхонаи Лоло Исмоил «Рисолаи қушайрия» панҷоҳу панҷ боб ва дар тасҳеҳи Равзотиён ва Мирбоқирифард китоб панҷоҳу чаҳор боб аст. Ин тафовут аз қисмати аввали китоб аён гардидааст. Дар тасҳеҳи Фурӯзонфар пас аз муқаддимаи мусанниф боби аввал «Дар баёни эътиқоди ин тоифа дар масоили усул» ва фасли дар сафҳаи бисту ду, ки идомаи он боб аст, бобе мустақил зикр шудааст. Дар ҳоле ки дар тасҳеҳи Равзотиён ва Мирбоқирифард ин бахши ду фасл бидуни шумора зикр шуда, абвоби китоб аз сафҳаи бисту як бо унвони «Дар зикри машоих бар ин тариқат» мебошад. Боби аввал дар тасҳеҳи Бадеуззамон Фурӯзонфар боби дувум аст, дар натиҷа абвоби китоби тарҷумаи «Рисолаи қушайрия» дар тасҳеҳи Равзотиён ва Мирбоқирифард панҷоҳу чаҳор боб шудааст.

Тасҳеҳи нав панҷоҳу шаш саҳифа муқаддима дорад. Матн ва таълиқоту феҳрастҳо ва манобеу маохизи китоб 893 сафҳа аст. Мусаҳҳеҳон аз саҳифаи аввал ва охири ду нусхаи хаттӣ, ки тасҳеҳи мазкур бар он устувор аст, тасвире овардаанд. Дар сафҳаи чиҳилу ҳаштуми муқаддима тафовути забти бархе вожаҳои ду нусха аз нусхаҳои тарҷумаи «Рисолаи қушайрия», яъне нусхаи музеи Британия ва нусхаи китобхонаи Аё-София дар ҷадвал нишон дода шудааст.

Барои осон шудан ва дастрасии матолиби китоб дар нусхаи хаттӣ, дар ин чоп шумораи барги нусхаи хаттии асос дохили қавс омада ва оёти қуръонӣ ҳам мушаххас нишон дода шуда, шумораи оёт ва номи сура даруни қавс дар матн омадааст. Ин шева ҳарчанд дар бархе аз нашрҳо ба назар мерасад, вале барои хонандаи одӣ беҳтар аст, ки номи сура ва шумораи оёт дар поварақ биёяд.

Аз сафҳаи 621 то 694 таълиқоти китоб аст, ки асосан, ба муаррифии аълом мепардозад. Ин муаррифиҳо бисёр кӯтоҳ ва муҷмал аст ва камтар ҷанбаи интиқодӣ дорад, вале дар айни ҳол, барои ҳар як аз аълом манобеи муҳим ва

бештар арабӣ муаррифӣ шуда, манобеи форсӣ чандон мавриди таваҷҷуҳ қарор нагирифтааст. Ба назар мерасад, ки мусаҳҳеҳон дар муаррифии аълом аз манобеи электронӣ ва нармафзоҳои гуногун истифода бурдаанд, ки дар феҳристи манобеъ ва маохизи муқаддимаи китоб ва ё ҷойи дигар ба ин нукта ишора нашудааст. Ба ҷуз аз муаррифии аълом, бахши дигаре аз таълиқот ҳам ба муаррифии манобеи ашъори арабии тарҷумаи «Рисолаи қушайрия» ихтисос ёфтааст. Дар муаррифии манобеи ашъори арабӣ ҳаммонанди муаррифии аълом барои як байт шеъри арабӣ манобеи зиёди гуногун ва нишонаҳои мутанаввеъ дода шуда, ки ҷанбаи интиқодӣ надорад, яъне барои як байт чандин манобеъ ва маохиз муаррифӣ шуда, вале баррасӣ намешавад, ки забти шеъри мавриди назар дар тамоми манобе, ки муаррифӣ шудаанд, мутобиқ бо забти матни тарҷумаи «Рисолаи қушайрия», яъне матни мусаҳҳаҳ ҳастанд ё на. Ин кор бисёр арзишманд аст, чун метавонад, уфуқҳои дигаре пеши рӯйи мусаҳҳеҳ ё хонанда боз кунад. Масалан, баъзе аз манобеи кумакӣ мумкин аст, забти асилтареро дошта бошанд, назар ба нусхаи асл, ё баракс ба хотири қидмат ва асолати нусхаи асос абёте аз девони шоиронро дубора бознигарӣ ва тасҳеҳу забти беҳтареро дарёфт намуд. Ҳамчунин, метавон бо кумаки чунин сарчашмаҳо ба қидмат ва асолати нусхаҳои китоб аз назари замон ва ғайра даст ёфт, ки нависанда ва котибу мутарҷими «Рисолаи қушайрия» дар ихтиёр дошта ва аз он дар тадвини китоб истифода мебурда ё бо шеваи истифода аз он манобеъ, ки ба он муроҷиат мекардаанд, пай бурд.

Дар ирҷои таълиқот ба шумораи сафҳаи китоб шумораи сафҳа дар таълиқот то сафҳаи 270 дуруст аст, вале аз он пас то охири таълиқот шумораи сафҳа дар таълиқот баробар бо матн нест. Мусаҳҳеҳон аз феҳрист кардани мисраъҳои арабии мустақили мавҷуд дар матни китоб чашмпӯшӣ карда ва ё дар мавзун будан ё мавзун набудани он тардид кардаанд. Ҳамчунин, бархурди мусаҳҳеҳон дар бораи мисраъҳо дар тамоми матн яксон нест, яъне гоҳе мисраи шеър дар ин тасҳеҳ мустақил ба ҳисоб омада ва аз назари шакл ҳам ҷудо нишон дода шудааст.

Феҳристи намояҳои китоб бисёр муфассал ва арзишманд аст ва аз имтиёзоти ин тасҳеҳ ба шумор меравад. Феҳристи шумораи се «дуоҳо, таркибот ва ибороти арабӣ аст. Аксари ин феҳрист ҷумлаҳои муътаризаи пас аз асомӣ ва аълом аст. Монанди таоло, разияллоҳу, субҳонаҳу ва таоло, алайҳиссалом ва ғайра, лекин дар ин феҳрист баъзе ибороти арабӣ оварда шудааст, ки аслан, ибороти дуоӣ нест.

Дар муқаддима мусаҳҳеҳон аз хонум Меҳрнуши Баёт барои фароҳам овардани таълиқот ташаккур кардаанд, вале мизони саҳми номбурда дар татвини таълиқот мушаххас нест, ки чи бахше аз таълиқот фароҳамовардаи ӯ ҳаст. Чунонки қайд шуд, ба назар мерасад, ки бахши қобили таваҷҷуҳе аз таълиқот кори техникӣ аст ва ҷанбаи интиқодӣ ва навоварии он камтар аст.

Дар феҳристи муфассали намояҳои китоб ҳикоятҳои мавҷуд дар тарҷумаи «Рисолаи қушайрия» дақиқ феҳрист шудааст, ки маҷмуан 474 ҳикоят аст. Ба кумаки ин феҳрист, чунончи муҳаққиқе бихоҳад, ба ҳикоятҳои мавҷуд дар китоб даст ёбад, ба осонӣ метавонад, дар камтарин муддат мумкин ҳикоётии мавриди назарро ёбад. Ин феҳрист ва феҳристҳои дигари китоб дар мавқеъҳои мухталиф бисёр роҳкушо ҳастанд.

Аз дигар феҳристҳои тасҳеҳи ҷадид феҳристи истилоҳот аст. Дар ин феҳристи муҳим, ки феҳристи муфассале аст, бисёре аз вожаҳо дар феҳристи мазкур истилоҳ нестанд. Масалан, «офати банда», «адаби гуруснагӣ» ва ғайра дар таркиби ахир адаб ҷузъи истилоҳоти суфия аст. Илова бар намояи истилоҳот, намояи луғоту таркиботро ҳам ҷудогона овардааст. Дар ин бахш ба маънои вожаҳо ва гоҳе сохтори таркиб таваҷҷуҳ шудааст.

Номи китобҳо, маконҳо, ҳайвонот, меваҳо, маъдуду адад, ададу маъдуд ва илова бар ҳамаи инҳо, ки барои пажуҳишгар муҳим аст, чандон зарурӣ наменамояд, чун боиси афзудани ҳаҷми китоб шудааст. Дар маҷмуъ, китоби тарҷумаи «Рисолаи қушайрия» нашри нав шонздаҳ намоя ё феҳрист дорад.

Фурӯзонфар дар тасҳеҳи худ истинод ба матни арабии «Рисолаи қушайрия» аз чопи Миср ва шарҳи Закариё, шарҳи Гесӯдароз истифода намуд, ки ҳеҷ яке аз онҳо орӣ аз ғалат нест [18, с. 77-78]. Фурӯзонфар барои рӯшантар

шудани бахши дувуми иборатҳои форсии матн, дар зайли сафҳа асли иборатҳои арабиро нақл кардааст.

Мусаҳҳеҳон Сайида Марям ва Мирбоқирифард дар муқаддима қайд мекунанд, ки аз матни арабии «Рисолаи қушайрия» барои рафъи костиҳои ду нусха, ки аз онҳо дар тасҳеҳ истифода намуда, баҳра гирифтаанд. Лекин дар тамоми сафаҳоти тасҳеҳи мазкур ҳеҷ намунаи ҷумла, таркиб ё ибороте, ки бар асоси матни арабии «Рисолаи қушайрия» тасҳеҳ шуда бошад, намебинем. Дар ҳоле ки мусаҳҳеҳон қайд мекунанд, ки «Дар тасҳеҳи матне, ки тарҷумаи мустақим аз арабӣ аст муроҷиат ба матни аслӣ зарурӣ ба назар мерасад» [20, с. 89]. Вале Фурӯзонфар мукаррар ба матни арабии «Рисолаи қушайрия» истинод мекунад ва гоҳе ибораҳои арабиро ҳам худ ба форсӣ тарҷума мекунад. Ҳамчунин, қайд кардаанд, ки аз нусхаи китобхонаи Лоло Исмоил аз «Рисолаи қушайрия» ба унвони нусхабадал истифода кардаанд, вале дар тамоми матн нишоне аз онро наметавон ёфт.

Дар маҷмуъ, тасҳеҳи нави тарҷумаи форсии «Рисолаи қушайрия» бо кӯшиши Сайида Марям ва Мирбоқирифард, агарчи ягон нусхаи тоза истифода нагардидааст, вале бо тарзу усули нави тасҳеҳи матн анҷом дода шуда, ки дар боло бурду бохти мусаҳҳеҳон баён гардид. Қайд кардан зарур аст, ки феҳристи намояҳои китоб бисёр муфассал ва арзишманд буда, аз имтиёзоти ин тасҳеҳ ба шумор меравад.

Боиси таъкид аст, ки матни арабии китоби Абулқосими Қушайри бо номи «ар-Рисолат-ул-қушайрия» чанд бор дар кишварҳои арабӣ, аз ҷумла дар Лубнону Миср тасҳеҳу чоп шудааст. Маъруфтарин тасҳеҳи интиқодӣ аз «ар-Рисолат-ул-қушайрия»-ро Абдулҳалим Маҳмуд ва Маҳмуд ибни Шариф анҷом додаанд, ки борҳо дар Миср тавассути интишороти Дорулмаориф ва Дорушаъб таҷдиди чоп шудааст [78, с. 300].

Боиси фараҳмандист, ки дар замони Истиқлол таваҷҷуҳ ба тасҳеҳу нашр ва омӯзиши мероси гузаштагон бештар гардида, то кунун корҳои назаррасе анҷом дода шуд ва ин иқдоми наҷиб идома ёфта истодааст. Дар радифи чунин корҳои шоиста ва муаррифии мероси гаронбаҳои классикон баргардон ва таҳияи

«Рисолаи қушайрия» бо кӯшиши адабиётшинос Муътабар Оқилова соли 2014 дар шаҳри Хуҷанд мебошад [21]. Аз муқаддимаи таҳиягари матн чунин бармеояд, ки «Рисолаи қушайрия»-ро дар асоси тасҳеҳи Бадеуззамон Фурӯзонфар зери назари академик Носирҷон Салимӣ ба хатти сирилик баргардон намудааст. Нашри мазкур дорои як муқаддимаи мухтасар роҷеъ ба Қушайрӣ ва рисолаи ӯ мебошад. Дар муқаддима мухтасар аз зиндагиномаи Қушайрӣ, арзишу аҳаммияти «Рисолаи қушайрия» ва тасҳеҳу нашрҳои он сухан рафтааст. Ҳамчунин, дар охир феҳрасти ном, макон ва луғат оварда шудааст, ки кори хонандаро то ҷое осон намудааст.

Матни китоб аз форсӣ бисёр босаводона баргардон шудааст, ки аз муҳимтарин шартҳои таҳия ва баргардони матн ба шумор меравад. Дигар заҳмате, ки аз ҷониби таҳиягар анҷом шуда ва арзиши кори ӯро афзудааст, ин ки тамоми матнҳо ва ашъори арабии китобро тарҷума намудааст. Дар воқеъ, баргардон ва нашри «Рисолаи қушайрия» ба хатти сирилик дар адабиётшиносии тоҷик иқдоми наҷиб ва заминае барои шинохту таҳқиқ ва пажуҳиши «Рисолаи қушайрия» мебошад.

Дар маҷмуъ, таҳияи муосири матни «Рисолаи қушайрия» дар маърифати осори ирфонӣ ва шинохти шахсияти муаллифи роҳи густурдаеро боз кардааст ва хизмати мусаҳҳеҳони рисола қобили арҷгузорӣ ва эҳтироми хос аст. Бо вуҷуди таҳияи нав ба нави матни «Рисолаи қушайрия» аз ҷониби донишмандон ҷойи матни илмӣ-интиқодии ин рисола холист. Аз тарафи дигар, матни таҳиянамудаи устод Бадеуззамони Фурӯзонфар то анҷоми муҷаддади ин кори муҳим метавонад бо бартариҳои худ ин холиҷоҳро дар адабиётшиносӣ пур намояд. Зеро ҳамаи таҳқиқот ва шинохту арзёбиҳо ва таҳияи муҷаддади матни ин рисола дар заминаи дастовард ва заҳамоти ин донишманди фарҳехта сурат гирифтаанд.

## Боби III. Вижагиҳои сабкӣ ва бадеии тарҷумаи «Рисолаи қушайрия»

### 3.1. Забон ва сабки баёни тарҷумаи «Рисолаи қушайрия»

«Рисолаи қушайрия» дар охирҳои асри XI ва нимаи аввали асри XII ба форсӣ-тоҷикӣ аз асли арабии «ар-Рисолату-л-қушайрия» тавассути шогирди Абулқосим Қушайрӣ – Абуалии Усмонӣ тарҷума гардидааст. Аз ин лиҳоз, ин китобро метавон дар радифи нахустин осори мансури ирфонӣ ба забони форсӣ-тоҷикӣ дар радифи «Кашф-ул-маҳҷуб»-и Ҳуҷвирӣ қарор дод. Пеш аз ин таълифоти суфия ба забони арабӣ сурат мегирифт. Ба таъкиди муҳаққиқони сабкшинос дар давраи мазкур дар канори фарогирии мавзуъҳои мухталиф насри форсӣ-тоҷикӣ аз ҳолати содаву маъмули хеш берун шуда, таҳти таъсири забони арабӣ ва шеваи баёну ҷумлабандиҳои арабӣ қарор гирифта буд. Бо ин назардошт, асри XI ва аввали асри XII-ро метавон оғози табдили насри мурсал ба насри фанниву мавзун ва мусаҷҷаъ донист. Аммо ин табаддулоти наср ҳаргиз маънои онро надошт, ки содагиву равонии насри асри X асолати хешро аз даст дода бошад. Тавре Маликушшуаро Баҳор таъкид мекунад, бо вуҷуди аз байн рафтани хонадони Сомонӣ ва адами баъзе аз суннатҳои вижаи нигоришӣ дар наср осоре, чун «Таърихи Байҳақӣ»-ву «Таърихи Гардезӣ», «Таърихи Систон»-у «Қобуснома»-ву «ат-Тафҳим» ва «Кашф-ул-маҳҷуб» падид омада, муҷиби идомаи насри форсӣ дар даврони минбаъда гардиданд [60, с.169]. Ҳамчунин, боиси қайд аст, ки яке аз ҳомилон ва идомадиҳандагони насри замони Сомониён муаллифони осори ирфонӣ мебошанд, ки ҳатто то асри XIII дар осорашон шеваи гуфтор ва сабки баёни зебову пухтаи асри X-ро истифода намуданд. Бештари осори мансури ирфонӣ, чунонки Маликушшуаро Баҳор низ қайд намуда, дар пайравии сабки насри аҳди Сомонӣ, яъне мурсал таълиф ёфтаанд [60, с. 314].

Дар мавриди таснифоти осори суфия аз рӯйи сабку мундариҷа ва муҳтаво аҳли таҳқиқ мулоҳизоте мухталиф иброз доштаанд [116, с. 15-16; 102, с. 247], ки бо такя бар таснифоти онон ва бо назардошти равишҳои сабки таълиф ва муҳтавиёти осори ирфонӣ, метавон ба чор даста табақабандӣ намуд:

1. Китобҳое, ки ба масоили тариқат ва одоби он дар тасаввуф пардохтаанд, амсоли «Рисолаи қушайрия», «Кашф-ул-маҳҷуб», «Шарҳи таарруф» ва монанди инҳо.

2. Тазкираҳо ва кутуби маноқиб, ба монанди «Тазкират-ул-авлиё», «Рисолаи Сипаҳсолор дар маноқиби худовандгор», «Маноқиб-ул-орифин»-и Афлокӣ.

3. Мактубот аз навъи дигари кутуби суфия аст, ки номаҳои бархе аз орифон имрӯз дар даст аст. Чунонки маҷмуаи «Макотиб»-и Ҳаким Саноӣ, «Номаҳо»-и Айнулкузоти Ҳамадонӣ, «Мактубот»-и Мавлоно то мо расидаанд.

4. Навъи чаҳорум аз китобҳои суфия ин «Маҷолис» аст, ки бо номҳои «Мақолот», «Маориф» ва «Малфузот» низ маъруф аст, ки бар ин даста метавон «Маориф»-и Баҳоуддин Валад, «Маориф»-и Муҳаққиқи Тирмизӣ, «Мақолот»-и Шамси Табрезӣ, «Маҷолиси сабъа» ва «Фиҳи мо фиҳи»-и Мавлоно Балхӣ ва ғайраро шомил намуд.

Абулқосими Қушайрӣ парвардаи муҳитест, ки насри форсӣ марҳалаи густаришу такомулро ба сар бурда, замони таълифи осори мухталифе дар бораи ҳикмату калом, адабу улуми зиёди ақлӣ фаро расида буд. Тасаввуфи исломӣ як бахши умдае баробари илми ахлоқ буд, ки мавзуи муҳимми баррасии насри ин аҳд маҳсуб мешуд.

Сабки насри тарҷумаи «Рисолаи қушайрия»-ро метавон ба сабки марҳалаи аввали инкишофи насри форсӣ, яъне мурсал нисбат дод. Зеро дар тарҷумаи рисола каломи мутарҷим равону сода ва дар айни замон, дар камоли назокати завқу фаросат баён шудааст. Истифодаи калима ва истилоҳоти арабӣ дар робита бо мазомини ирфонӣ низ кам аст. Ҷумлаҳо бештар кӯтоҳ ва пай дар пай омада, суҳулати дарёфти маъниро фароҳам овардаанд. Нуфузи панду суханони ҳакимона, зарбулмасалу тамсилот арзиши адабии тарҷумаи «Рисолаи қушайрия»-ро афзун намудаанд. Аз ин рӯ, тарҷумаи «Рисолаи қушайрия» аз ҳайси сабк болотару асилтар ва ба давраи аввал наздиктар аст, ки метавон онро яке аз кутуби тирози аввал шумурд. Ҳарчанд дар охирҳои асри XI ва ё дар ибтидои асри XII тарҷумаву таълиф шудааст ва беш аз кутуби қадим дорои

вожаву таъбироти арабӣ аст, аммо боз намунаи сабки қадимро аз даст надода, дорои вижагиҳои сабки насри мурсал аст.

Тарҷумаи «Рисолаи қушайрия» ба сабки хуросонӣ таълиф шудааст ва бинобар ин, вижагиҳои ин сабкро бештар мушоҳида мекунем. Аз қабили ҷумлаҳои кӯтоҳ, истифодаи бештари калимаҳои форсӣ дар қиёс бо арабӣ, холӣ будан аз такаллуфоту корбурди зиёди санъатҳои адабӣ, корбурди феълҳо, истифода аз оёту аҳодис ва ақволи машоих, истифодаи ашъор ба шумор мераванд. Дар замони таълифи «Рисолаи қушайрия» вижагиҳои сабки хуросонӣ дар осори ирфонӣ бештар ривоҷ дошт. Сабки хуросонӣ дорои вижагиҳои забонии зиёде аст, ки онро аз насри давраҳои баъдӣ мутамоиз мекунад. Ҳанӯз забони арабӣ нуфузи зиёде дар наср накарда ва содагии забони давраҳои пешин аз байн нарафта буд.

Чанде аз мухтассоти забонии тарҷумаи «Рисолаи қушайрия», ки бештар хосси сабки хуросонӣ аст, дар зер бо мисолҳо оварда мешавад:

1. Андар ба ҷойи дар. Боиси қайд аст, ки дар «Рисолаи қушайрия» пешоянди «дар» ва «андар» ҳар ду сурат ба кор рафтааст, вале «андар» бештар истифода шудааст. Ин корбурд низ нишонаи он аст, ки дар забони «Рисолаи қушайрия» ин таҳаввул дар ҳоли шаклгирӣ аст ва аз ин назар, метавон чунин осореро дорои вижагии байнобайн донист. Чунончи: «Андар баъзе китобҳост, ки ҳосид душмани неъмати ман аст» [18, с. 231]. «Рост гӯяд, курсӣ биниҳед, то бар ман ҳамд гӯяд андар осмон пеши фариштагони ман, чунонки андар замин тамҷиди ман гуфт пеши бандагони ман» [18, с. 49]. Аз намунаҳо аён мегардад, ки пешоянди аслии «дар» ин ҷо бо шакли классикии худ омада, вазифаҳои грамматикиашро ба вачҳи аҳсан иҷро карда, муносибатҳои мухталифи маъноиро дар ин замина дар матн таъмин намудааст.

2. Дар «Рисолаи қушайрия» ба вожаву таркиботи куҳане бармехурем, ки дар давраҳои баъд аз онҳо камтар истифода шудааст ва ҳамчунин, калимаҳо ва таркиботе ҳастанд, ки дар давраҳои баъдӣ таҳаввули маъноӣ пайдо карда, маънои тозае ба худ гирифтаанд. Як қисми онҳо то имрӯз дар забони тоҷикӣ истифода мешаванд: Ҷудо боз кардан (фосила афтодан): «Нигар то чизе накунӣ,

ки миёни ману ту ҷудо боз кунанд». Дур бикарда (ба ҷойи дур аз). «Маърифат исботи ҳақ бувад, дур бикарда аз ҳар чи ваҳм ба вай расад» [18, с. 69]. Боз кардан (аз нав сохтан): «Савмаи ту аз зар боз кунем» [18, с. 637]. Боз кардан (нақл кардан): «Аз вай чун ҳикоят боз кардӣ, бисёр бигристӣ» [18, с. 536]. Баромадан (мубтало шудан): «Вайро обила баромад» [18, с. 359]. Бор надодан (розӣ нашудан): «Дилам бор надиҳад ба куштани вай» [18, с. 442]. Ранҷ баргирифтан (қабули заҳмат): «Ранҷ баргиред ва ба наздики мо оед» [18, с. 410]. Таркибу иборот ва ифодаҳое, ки ин ҷо манзур шудаанд, фасоҳати забони адабии тоҷикиро дар даврони куҳан нишон медиҳад. Аз тарафи дигар, онҳо инро бармало мекунанд, ки забони мо аз он замон то кунун камтар ба тағйироти луғавӣ ва дастурӣ дучор омадааст. Аз ин ҷиҳат, «Рисолаи қушайрия» манбаи хуби омӯзиши марҳилаҳои таърихии инкишофи забони тоҷикӣ низ ба ҳисоб меравад.

3. Истеъмоли ҳарду ҷамъи тоҷикии «-ҳо» ва «-он». а) Ҷамъбастани калимоти арабӣ бо пасванди исмии «-он»: тоибон [18, с. 43, 141], сиддиқон [18, с. 158, 213]; б) Ҷамъбастани исми ҷамъ бо «-он»: мардумон [18, с. 216], халқон [18, с. 220]; в) Ҷамъбастани ҷамъи шикаста бо: «-ҳо» фароизҳо [18, с. 74], хавотирҳо [18, с. 735]. Ин маънои онро дорад, ки меъёрҳои дастурии забони тоҷикӣ дар он замон хеле қавӣ будаанд ва калимоти иқтибосиро тибқи талабот ба табиати забон қабул мекардаанд. Тарҷумонҳо ва соҳибзабонони мо, чунонки дар тарҷумаи «Рисолаи қушайрия» воқеъ шудааст, бо камоли диққат ва тамомияти ҳавсала дар корбурди унсурҳои дастури забон устуворӣ нишон додаанд. Вагарна ба ҷамъбандӣ ҷамъбандии тоҷикӣ илова намудан аз имкон берун менамояд ва аз ҷиҳати дигар, забони мо дар ин дарозои таърих ба дигаргунии чашмгир дучор меомад, ки ин ба манфиати соҳибзабонон набуд.

4. Корбурди хоси шумораҳо. Истифода аз дигар ва се дигар ба ҷойи дувуму сеюм. Ин вижагӣ аз мухтассоти сабкии давраи хуросонӣ аст ва дар «Кашф-ул-маҳҷуб»-и Ҳуҷвирӣ низ бештар бад-ин гуна ба кор рафтааст. «Ва он дигар гуфт: – Ман дӯш ба фалон ҷой будам ва ман низ шунидам. Се дигар ҳамчунин гуфт, чаҳорум низ ҳамчунин гуфт» [18, с. 59]. Ин тавр ба кор бурдани шумора дар

гуфтор ва навиштори имрӯзиён низ вомехуранд ва шаҳодати он аст, ки чунин баршумории ашё ва ҳар чизи мавриди назар куҳна нашудааст.

Ҳамчунин, дар «Рисолаи қушайрия» ададҳои марбут ба таърихи таваллуд ё вафоти афрод ба сурати арабӣ зикр шудааст: «Ва аз эшон бувад Абусаид Аҳмад ибни Исо ал-Харроз. Аз Бағдод буд ва суҳбати Зуннуни Мисрӣ ва Нибоҷӣ ва Абуубайди Бусрӣ ва Сарӣ ва Бишр ва пирони дигар карда буд. Ва вафоти ӯ андар санаи сабъин ва сабъина ва миатайни (соли 277) буд [18, с. 62]. Аммо ба забони арабӣ ҳисоб кардани соли таваллуду нишон додани таърихҳои дигар ҳоло бинобар номафҳум буданашон мавриди истеъмоли умум нест. Маълум мегардад, ки он замон савияи забондонии мардум, хосса савияи арабидонии онон болотар будааст.

5. Такрори феъл дар ҷумла.

Аз андешаҳои Маликушшуаро Баҳор чунин бармеояд, ки такрори феъл дар ҷумла, собиқаи куҳан дорад ва дар насри қадими форсӣ аз аҳди Авасто то аҳди Сосониён ва насри адабиёти паҳлавӣ ба мушоҳида мерасад [122, с. 26]. Такрори феълҳо аз нишонаҳои майли насри тарҷумаи «Рисолаи қушайрия» ба сабки насри мурсал аст: «Ва аз ин тоифа буд Абуабдуллоҳ Муҳаммад ибни Исмоили ал-Мағрибӣ. Устоди Иброҳими Шайбон буд ва шогирди Алии Разин, саду бист сол умри вай буд ва вафоти вай андар санаи тисъа ва тисъин ва миатайни буд. Ва кори вай аҷаб буд ва ҳеч чиз, ки дасти одамӣ фаро он расида будӣ, нахӯрдӣ ба чандин сол ва буни гиёҳ хӯрдӣ ва чизҳое, ки одат карда буд» [18, с. 63]. Ин ҷо такрори бештари феълро феъли ёридиҳанди «буд» ба вуҷуд овардааст, ки ба таҳкияи андешаи муаллиф роҳ кушода, замони гузаштаи дури мутлақро дар баёни фикр таъмин кардааст. Такрори мазкур, бо мавқеияти дурусти истифодаи худ ба ҳеҷ ваҷҳ фасоҳати  баёнро вайрон накардааст.

Ҳамин ҳолатро дар намунаи зерин низ мушоҳида мекунем, ки феъл дар ҳоли дигар такрор мешавад. Чунончи: «Абулҳасани Шаъронӣ гӯяд: – Мансури Амморро ба хоб дидам, гуфтам: – Худой бо ту чӣ кард? Гуфт: – Маро гуфт: – Туӣ Мансури Аммор? Гуфтам: – Оре, ё Раб. Гуфт: – Туӣ, ки мардумонро андар дунё зоҳид гардонидӣ ва худ рағбат кардӣ андар вай. Гуфтам: – Чунин аст,

валекин ҳеч маҷлис накардам, илло ки ибтидо ба санои ту кардам, пас аз он ба салавот додан бар пайғамбари ту, саллаллоҳу алайҳи ва саллам ва се дигар насиҳат кардам бандагони туро. Гуфт: – Рост гӯяд, курсӣ биниҳед, то бар ман ҳамд гӯяд, андар осмон пеши фариштагони ман, чунонки андар замин тамҷиди ман гуфт пеши бандагони ман [18, с. 49]. Ин ҷо феъли «гуфтан» ва «кардан» ба такрор омада, ба фасоҳату равшании фикр мусоидат кардаанд. Феъли аввал чун амали асосӣ воқеъ гаштааст ва феъли дуюм, чун ёридиҳанда хабари мубтадоро пурра сохтааст.

6. Такрори пасоянди «-ро». Масалан, дар фикри аввал он се маротиба такрор шуда, муносибати гуногуни амалро дар ҷумла таъмин кардааст:

«Ҳотифе гуфт: – Саховат ҳамекунӣ бар мо, туро ва модару падари туро ва ҳар кӣ шаҳодати Ҳақ биёварад, ҷумларо биёмурзидам» [18, с. 205]. Дар намунаи дигар пасоянди «-ро» муносибати маъноии предметро ба амал ба вуҷуд овардааст ва дақиқияти ифодаҳоро нишон дода, фасоҳати гуфторро боло бурдааст:

«Ин занро гуфтам: – Ин мурда туро кӣ бувад? Гуфт: – Писарам бувад. Гуфтам: – Шуморо ҳеч ҳамсоя набувад? Гуфт: – Бувад, валекин ӯро ҳақир доштанд. Гуфтам: – Ин фарзанди ту чӣ кор кардӣ? Гуфт: – Муханнас буд. Гуфт: – Маро бар вай раҳмат омад. Ӯро боз хонаи хеш бурдам ва дираме чанд ва пораи гандум ба вай додам ва ҷомае.

Он чӣ ба дасти ту буд бикардӣ, пиндорӣ ки он чи ба фармони ман аст, накунам, турову ғуломро ва Мансури Амморро ва эшон, ки он ҷо ҳозир буданд, ҳамаро биёмурзидам [18, с. 205]. Яке аз вазифаҳои пасоянди мазкур ҳамин аст, ки пуркунандаҳои ҷумларо равшан нишон диҳад. Бинобар ин, дар матни тарҷумаи «Рисолаи қушайрия» ин пасоянд васеъ ба кор рафтааст.

7. Дар тарҷумаи «Рисолаи қушайрия» ба калимаву таркибот ва истилоҳоти арабии роиҷ, онгуна ки буда, камтар ба кор рафтааст ва ба ҷойи онҳо мутарҷим аз вожаҳову истилоҳоти муодили форсӣ-тоҷикӣ истифода кардааст. Ин нишони гароиши забони матн ба забони содаи сабки мурсал аст. Масалан: Савганд хурдан – қасам ёд кардан, дастурӣ – иҷоза хостан, дурӯғзан – каззоб, намози

пешин – намози зуҳр, намози шом – намози мағриб, фармон ёфтан – фавтидан, гармгоҳ – зуҳр, бонги намоз – азон, рӯза гушодан – ифтор кардан, тарскор – ботақво, намудкор – нишона ва ғайра. Маълум мегардад, ки мутарҷими «Рисолаи қушайрия» ба ин амали худ ба тоза кардани таркиби луғавии забони тоҷикӣ дар замони худ ҳиссаи муносиб гузоштааст.

8. Ба кор бурдани ҷонишини ифодакунандаи шахсият, аз ҷумла «эшон» ба ҷойи «онҳо ва онон». «Нолаи эшон мешунидам... Ва ёд кунам номи ҷамоате аз пирони ин тоифа аз табақоти аввал то бад-ин вақт мутааххирон аз эшон ва ёд кунем, сиратҳои эшон ва суханони эшон (ки далел кунад) бар усули эшон ва одоби эшон...» [18, с. 26]. Маъмулан, ҷоивазкунии ин ҷонишинҳои шахсӣ бо таомули замон ва талаби матн сурат гирифтааст ва назокати бадеӣ ва забонии баёнро коста накардааст. Ҷонишинҳои шахсии «эшон, онҳо ва онон» дар забони адабии ҳозираи тоҷик истеъмоли муштарак доранд, вале дар ин миён ҷонишини шахсии «онҳо» серистеъмолтар мебошад. Вале замони тарҷумаи рисолаи мавриди назар ҷониши шахсии «эшон» сермаҳсул будааст.

Ҳамчунин, ба кор бурдани ҷонишини шахсии «ӯ» ба ҷойи ҷонишини ишоратӣ. «Ӯ», ки ҷонишини шахсӣ аст, барои ғайришахс ҳам ба кор рафтааст ва аз мухтассоти забони ин давра аст. «Андар роҳ коғазе ёфт, бар ӯ (он) набишта...», «Он чӣ рӯзии ин даст буд, кай берун карда буд, ба вай (он) додем» [18, с. 342]. Аён мегардад, ки дар гузашта, гоҳе ҷонишинҳои шахсиро бо ҷонишинҳои ишоратӣ ҳамсон истифода мекардаанд. Дар назм ҳам ҳолат чунин мебошад. Чунонки Сайидо матлаи як ғазали маъруфаш мегӯяд:

Нафси саркашро мусаххар ақли пуртадбир кард,
Саг чу шуд девона, ӯро метавон занҷир кард!

Аммо дар забони адабии имрӯз ин ҳинҷоршиканӣ камтар ба назар мерасад, ки аз устуворшавии меъёрҳои забони тоҷикӣ гувоҳӣ медиҳад.

9. Дар баъзе маврид корбурди вижаи феълҳо ба назар мерасад. Чунончи дар ҷумлаи зерин феъли «шуд» ба ҷойи «рафт» ба кор рафтааст. «Иброҳими Адҳам ба саҳро шуд. Марде сипоҳӣ пеши вай боз омад» [18, с. 397]. Ин ҷо феъли мазкур на чун ёридиҳанда, балки чун феъли асосӣ воқеъ гаштааст ва маънои феъли «рафтан»-ро сареҳ ифода намудааст.

10. Истифода аз мухтассоти забони қадим ва ҷадид бо ҳам. Гоҳо феълро бо «ё» ва гоҳе бидуни он барчидаанд:

«Гӯянд, Нурӣ ҳар рӯзе аз сарой берун омадӣ ва нон баргирифтӣ ва дар роҳ ба садақа додӣ ва андар масҷид шудӣ ва намоз ҳамекардӣ, то вақти намози пешин биёмадӣ ва дари дукон бигушодӣ ва ба рӯза будӣ ва бозориён пиндоштандӣ, ки андар сарой нон хӯрдаст ва андар сарой гуфтандӣ, дар бозор чизе хӯрдаст [18, с. 55]. Ин ҷо мавқее, ки пайвандаки пайвасткунандаи ифодакунандаи муносибати ҷудоии «ё» ба кор нарафтааст ва вазифаи онро пайвандаки «ва» адо кардааст.

Яке аз вижагиҳои сабки осори мансури ирфонӣ, хосса тарҷумаи «Рисолаи қушайрия» иқтибос аз оёту аҳодис аст. Иқтибос муҳимтарин вижагии осори ирфонӣ аст, ки аз оғоз дар байни орифон ривоҷ дошт ва «нахустин асари ин фан дар насри арабӣ дар баъзе аз макотиби Паёмбар (с) дида мешавад, ки дар он оёте аз Қуръони карим ба тариқи иқтибос ва нақл ба ҷойи рукни аслии мактуб ба кор рафта ва сипас, дар хутба ва баъзе аз номаҳои хулафо низ ин равиш муроот мешудааст» [121, с. 197].

Иқтибос овардан аз оёту аҳодис дар нимаи дувуми асри XI, бахусус дар насри орифонаи таълимӣ, мисли тарҷумаи «Рисолаи қушайрия» ва «Кашф-ул-маҳҷуб» ба унвони яке аз аркони аслии ин гуна наср зоҳир мешавад, ба тавре ки дар асрҳои баъд ба камтар асаре бармехурем, ки дар он аз оёту аҳодис истифода накарда бошанд. Иқтибос ба тариқи мухталифе сурат мегирифта, ки роиҷтарини он аз ҷиҳати иртиботи лафзии оёт ва аҳодис бо риштаи наср ба шеваи нақли қавл аст. Дар ин шева ибтидо нависанда сухани худро баён карда ва сипас, оят ё ҳадисро ба сурати нақли қавл баррасӣ мекунад.

Қушайрӣ аз ақволи машоих зиёд истифода кардааст ва ибороти арабӣ ё форсии ононро дар миёни гуфтаҳои худ овардааст. Аз ҷумла, ин маворид дар боби сабр омадааст, ки «Андар хабар ҳамеояд, ки пайғамбар, саллаллоҳу алайҳи васалламро, пурсиданд аз имон. Гуфт: – Сабр аст ва хушхӯйӣ» [19, с. 285].

Дар «Кашф-ул-маҳҷуб»-и Ҳуҷвирӣ низ ба ҳамин усул оёт, ақвол ва аҳодис истифода шудааст. Дар бораи хоб менависад: «Бидон, ки машоихро, разияллоҳу анҳум, андар ин маънӣ ихтилофи бисёр аст, ба наздики гурӯҳе мусаллам нест муридро, ки бихусбад ҷуз андар ҳоли ғалаба. Он гоҳ, ки хобро аз худ боз натвонад дошт, ки Расул гуфт, саллаллоҳу алайҳи васаллам «аннавму ахулмавт» хоб бародари марг аст» [41, с. 516].

Дигар аз вижагиҳои сабки тарҷумаи «Рисолаи қушайрия» шеваи нақли ақволи машоих аст. Усули истифода аз ақволи машоих бештар ба тариқи суолу ҷавоб ё муколама сурат гирифтааст. Гоҳ аз шайх чизе мепурсанд ва посух медиҳад ва гоҳ шайх худаш чизе мегӯяд ва муридон дар борааш суол мекунанд. Гоҳе ҳам шайх бо худ гуфтугӯ дорад ва дар ҳар ҳол ин тарзи баён дар «Рисолаи қушайрия» зиёд дида мешавад:

«Ҷунайд гӯяд: – Сарӣ гуфт: – Мехоҳам бимирам ва ба Бағдод набошам. Гуфтанд: – Чаро? Гуфт: – Тарсам, ки гӯрам напазирад ва фазиҳат шавам» [19, с. 31]. Дар нақли ақвол дар «Рисолаи қушайрия» аз феъли «гуфт» бештар истифода шудааст. Масалан, дар «Кашф-ул-маҳҷуб» дар нақли қавли машоих нисбат ба «Рисолаи қушайрия» камтар истифода шудааст:

«Ҷунайд гуфт, раҳматуллоҳи алайҳи, ки агар Худованд маро гӯяд, ки маро бубин. Гӯям набинам, ки чашм андар дӯстии ғайр бувад ва бегона ва ғайрати маро аз дидор боз медорад, ки андар дунё бевосита чашм медидамаш» [41, с. 487].

Тафовути ин гуфтори ду муаллиф дар ин шеваи баён дар теъдоди ақвол аст. Қушайрӣ аз ақволи бештаре истифода карда ва дар ҳар сафҳа чанд бор феъли «гуфт» такрор мешавад, аммо дар «Кашф-ул-маҳҷуб» чунин нест, ки дар ин мавридд дар фасли баъдӣ ва дахлдори диссертатсия муфассалтар баҳс хоҳем кард. Ин ҷо ба таҳқиқи вижагиҳои дигари «Рисолаи қушайрия» мепардозем.

Дар «Рисолаи қушайрия» муаллиф барои таъсири андешаҳои худ ва шевотару таъсирнок гардидани суханаш аз рӯзгори машоиху дарвешон ҳикоёт овардааст. Сабки баёни ҳикоёт дар китоб бо вижагиҳои баёни муаллиф хос аст. Ин ҳикоёт бештар марбут бо мавзуи мавриди баҳс ҳастанд ва барои таъкид бар

матлаб оварда мешаванд. Вижагиҳои усули корбурди ҳикоёт дар фасли алоҳидаи рисола мавриди баррасӣ қарор гирифтааст.

Дигар аз вижагиҳои сабки гуфтори Қушайрӣ ишора ба шахсиятҳои маҷҳул аст. Ӯ дар баёну гузоришҳои хеш ба гуфтори шахсиятҳои норавшан низ такя мекунад. Аз ин ҷост, ки мо дар тарҷумаи «Рисолаи қушайрия» ба таркибу ҷумлаҳои «пире гуфтааст, ки...», «пиреро дидам...», «аз шайхе шунидам…», «дар наздики пире шудам…», «он пир гуфт…» ва амсоли ин дучор меоем ва ному насаби онҳо бароямон номаълум боқӣ мемонад. «Устод Абуалӣ гӯяд: – Дар Марв аз пире шунидам, ки...» [18, с. 69]. «Яке аз ин муридон андар наздики пире шуд...», «Касе андар наздики пире шуд, таоме пеш овард...» [18, с. 213-214]. Тарзи мазкури баёни матлаб дар насри классикӣ маъмулу роиҷ будааст. Ин амалкард муаллифро аз забти бемавриду ноадолатонаи муаллифони пешин мераҳонад, амонатдории ӯро бармало месозад ва дар айни замон, пайдо кардани марҷаи мушаххаси фикри нақлшударо ба дӯши хонанда ҳавола менамояд.

Корбурди порчаҳои шеърӣ аз вижагиҳои дигари сабки баён дар «Рисолаи қушайрия» ба ҳисоб меравад, ки он барои тақвият ва ҷаззобияти сухан мусоидат кардааст. Ба кор бурдани ашъор аз қарни XI дар адабиёти ирфонӣ бештар роиҷ гардид. Аммо истифода аз шеър ва амсол монанди иқтибос аз оёту аҳодис дар насри форсӣ-тоҷикӣ ба тақлид аз насри арабӣ аз авоили асри XII ба ғояти такаллуф расид. Боиси қайд аст, ки дар ибтидо дар осори мансури ирфонӣ аз ашъори арабӣ истифода мекарданд. Аз ин рӯ, дар тарҷумаи «Рисолаи қушайрия» тамоми абёти арабии матни аслӣ айнан, оварда шудааст.

Як нуктаро дар ин хусус бояд таъкид кард, ки аҳаммияти қарни XI аз дидгоҳи адабиёти ирфонӣ он аст, ки ин қарн асри тиллоии шеъру адаб ва бахусус, нуфузи андешаҳои ирфонӣ дар шеър ва шоирӣ аст. Пеш аз ин орифон барои табйини афкору андешаҳои худ аз наср баҳра мегирифтанд ва камтар нишоне аз ороҳои адабӣ дар онҳо ёфт мешуд.

Гарчанде бештари суфиён шоир набуданд, вале пайванди руҳӣ бо шеър доштанд ва хостаҳою ормони хешро тавассути шеър баён медоштанд. Дар оғоз суфиёне, ки дар минбар ваъз мегуфтанд, барои баёни ҳарчи фасеҳтар аз шеър

мадад меҷустанд. Минбаъд ин равиш, ривоҷу равнақи бештар ёфт ва то ба дараҷае расид, ки бархе аз аҳли ирфон, аз қабили Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ бар муридонаш васият намуд, ки дар пеши ҷанозааш ба ҷойи ояти Қуръон шеър бихонанд [88, с. 103]. Дар мутуни насри суфиёна аз қабили «Кашф-ул-маҳҷуб», «Асрор-ут-тавҳид», «Кашф-ул-асрор», «Мирсод-ул-ибод», «Савонеҳ»-и Аҳмади Ғаззолӣ, «Мақолот»-и Шамс… истишҳод ба абёти форсию арабӣ дида мешавад.

Адабиётшинос Насриддинов Фахриддин мавридҳои рӯй овардани аҳли ирфон ба шеърро чунин дастабандӣ кардааст:

1. Дар муноҷот ва розу ниёз бо Худованд;
2. Посух гуфтани суоли соликон ва кулли алоқамандон;
3. Зикри васият, ки охирин суханашон дар бистари марг шеър бошад;
4. Хоҳиши он ки пешопеши ҷанозаашон шеър хонанд;
5. Дархост ва таманно, ки дар лавҳи қабрашон шеър нависанд;
6. Эҳтимом барои мазмуни оёти раббониро бо шеър баён кардан;
7. Барои шифои бемор шеър дар чизе навиштан [88, с. 102].

Аз андешаҳои боло боз ҳам пайванди қавӣ ва руҳу равони пайваста доштани аҳли ирфон ба шеър равшантар зоҳир мегардад. Аз рӯйи нақли Абдураҳмони Ҷомӣ дар «Нафаҳот-ул-унс», Ҳаким Саноӣ шоири ориф ва аз саромадони шеъри ирфонӣ дар вақти сакароти мавт байти зерро суруда будааст:

Бозгаштам з-он чи гуфтам з-он ки нест,
Дар сухан маънию дар маънӣ сухан [43, с. 731].

Дар «Рисолаи қушайрия» муаллиф бо тарзу шеваҳои гуногун аз шеър истифода намудааст. Бештари маврид Қушайрӣ барои тақвияти андешаҳои худ таъкид мекунад, ки «дар ин маънӣ шоир мегӯяд». Чунончи: «Ва андар замонаи мо аз он тоифа намонад, магар асари эшон. Ва андар ин маънӣ шоир мегӯяд. Шеър:

Амм-ал-хийому фаиннаҳа кахийомиҳим
Ва аро нисо-ал-ҳаййӣ ғайра нисоиҳа
(Аммо хаймаҳо мисли хаймоҳои эшон аст,
Вале занҳои маҳалро на занони он мебинам) [21, с. 16].

Тақвияти фикр бо каломи манзум минбаъд дар осори адибони баъдӣ, аз ҷумла осори Саъдӣ ва Ҷомӣ барин адибони барҷаста ба авҷи камолоти худ расидааст. Матни тарҷумаи «Рисолаи қушайрия» оғози ин марҳила мебошад.

Санъати тазоду муқобала аз саноеи мутадовили осори ирфонӣ аст, ки ҳам ба шакли сода ва ҳам ба тариқи фаннӣ ба кор рафта ва гоҳ бо тавозун низ ҳамроҳ аст. Дар «Рисолаи қушайрия» тазоду муқобала зиёд ба кор рафтааст: «Зуннун гӯяд: – Сабр дур будан аст аз мухолафот ва оромидан бо хӯрдани талхиҳо ва пайдо кардани тавонгарӣ ба вақти дарвешӣ» [18, с. 280]. Ин ҷо ҳамаи андешаҳо ва ҳолатҳо муносибати тазодӣ касб кардаанд.

Муҳимтарин хусусиятҳои сабки таълифи тарҷумаи «Рисолаи қушайрия»-ро метавон дар мавридҳои зерин муайян намуд:

1. Дар ҳолатҳое, ки нависанда аз саргузашти худ, рӯзгори Пайғамбар (с), машоиху акобири дину мазҳаб ҳикоёте нақл мекунад, забонаш фасеҳу равон аст. Ҳамин аломат бе ягон далел, услуби нигориши тарҷумаи «Рисолаи қушайрия»-ро бо равиши таълифи осори мансури асри X ва оғози асри XI ҳамоҳанг месозад. Ба иборai дигар, чунин усули нигориш дар тарҷумаи «Рисолаи қушайрия» намунаи зебои насри мурсалро ҷилва медиҳад.

2. Вақте муаллиф моҳияти ҷараёнҳои тасаввуф, фарқу имтиёзи фикрии онҳо, инчунин маънии мафоҳими ирфониро ташреҳ медиҳад, печидагиҳо дар гуфтораш ба вуҷуд омада, дар ин ҳолат нишонаҳои насри мавзуну мусаҷҷаъ бартарӣ пайдо мекунад.

3. Дар ҳолоте ки Қушайрӣ ҳар як истилоҳро мутобиқи ҷаҳонбинии фалсафию мантиқӣ, диниву маърифатӣ тавзеҳ медиҳад, каломаш оҳанги гуфтори илмиро ба худ мегирад. Дар ин маврид сухани ӯ орӣ аз ҳар гуна такаллуфу бадеият аст. Маҳз ҳамин масъалаи бозгӯии фикриву маърифатӣ нависандаро маҷзуби корбасти калимаву таркиб ва ҷумалоти арабӣ гардонида, бо ин амал Қушайрӣ суннати китобати замони худро риоят мекунад ва аз он меъёри нигориши забони тоҷикӣ барои имрӯзиён маълум мегардад. Ба иборai дигар, дар ин ҳолат сабки насри илмӣ дар асар имтиёз пайдо кардааст.

Абулқосим Қушайрӣ зимни баёни матолиби китоби худ бештар аз равиши таърихӣ ва нақлӣ истифода кардааст. Аммо бояд қайд намуд, ки зимни таҳлил ва арзёбии матолиб аз шеваҳои тавсифӣ ва истидлолӣ низ истифода мекунад. Шеваи баёни тавсифӣ фарогири ҷамъоварии иттилоот ва баёни он бо асноду ҳуҷҷати ба мавзуи мавриди таҳлил вобаста мебошад. Қушайрӣ агарчи дар бархе мавörид ба тафсир ва ё нақди орову афкор мепардозад, аммо ҳадафи аслии ӯ муаррифии тасаввуф ва омӯзаҳои он аст ва бо истифода аз тавсиф ба дифои ҷонибдорона аз ақоид ва эътиқодоти тасаввуф мепардозад. Аз ин ҷиҳат, вай зимнан равиши истидлолиро пеш гирифтааст. Дар ҳақиқат, истифодаи муаллифони осори адабӣ аз равиши тавсифӣ ба манзури ироаи шавоҳид дар таъйиди фарзия ва назароти худ мебошад. Ҳамчунин, “Рисолаи қушайрия” як тавсифи таърихӣ ҳам ба шумор меравад ва муштамил бар иттилооте таърихӣ аст. Ҳарчанд ин китобро наметавон сирф як таҳқиқи таърихӣ ба шумор овард, аммо аз тарафе дигар, дар он саргузашти теъдоде аз бузургони тасаввуф ва касоне ки пеш аз Қушайрӣ мезистаанд, рӯ ба рӯ мешавем. Дар ҳақиқат, дар ин бахш як таҳқиқи таърихӣ, балки бо таърихнигорӣ рӯ ба рӯ мешавем ва албатта, дар ин қисмат низ Қушайрӣ маҳдуд ба ҳудуде аст, ки ӯро аз асли таърих дур мекунад.

Дар бахши зикри машоихи ин китоб дар оғози баҳс як тавсифи таърихӣ маҳдуд ва мухтасар дида мешавад, ки аз чигунагии пайдоиш ва шаклгирии тасаввуф ба ихтисор сухан мегӯяд, дар сурате ки дар як таҳқиқи таърихии тавсифӣ илова бар чигунагии таҳаввури таърихӣ пас аз пайдоиш ва ҷустуҷӯ аз вазъияти феълӣ ва ё саранҷоми ҳодиса баҳс мешавад. Қушайрӣ дар муқаддимаи китоб ба авзои тасаввуф дар замонаи худ мепардозад, аммо сайри як таҳқиқи таърихии комил, ки марҳила ба марҳила таҳаввулот ва татаввуротро пайгирӣ кунад, дида намешавад. Қасди Қушайрӣ таърихнависӣ ва баёни сайри тасаввуф ва таърихи мутасаввифа нест ва пардохтан ба гузашта дар ҳақиқат василаест, барои расидан ба ҳадафе дигар, ки омӯзиши асли тасаввуф ва низ дифоъ аз суфиён ва иттиҳомоту интиқод мебошад. Ҳарчанд агар равиши нақлиро ба

маънои фарогиртар равиши таърихӣ бидонем, аз ин ҳайс китоби Қушайрӣ як таҳқиқи таърихӣ ҳам ба шумор хоҳад омад.

Дар «Рисолаи қушайрия» мавзуоти мутафовити тасаввуф яке пас аз дигаре нақлу тавсиф мешаванд, бидуни ин ки қасди тарҳи масъалаи нав ва ҳалли он мавриди назар бошад. Дар ин миён, ҳадафи Қушайрӣ омӯзишу ҷамъоварии иттилооти тасаввуф ва қонеъ сохтани мухотабони хосу ом мебошад. Дар ҳақиқат, Қушайрӣ намояндаи мутасаввифа дар шиносонидан ва муаррифии он ба мухотабон аст. Ӯ аз масоили тасаввуф ва аз қавлу эътиқоди суфиён сухан мегӯяд, албатта суфии муътақид ба шариат ва пойбанд ба мазҳаби ашъарист, ки аз ин ҳайс Қушайрӣ дар китоби хеш ба унвони як суфии соҳибназар дар ин замина, камранг ҷилва мекунад, балки аз ҳамон оғози китоб ба ин нукта тасреҳ дорад, ки баҳс аз тоифаи мутасаввифон аст, на як фарди хос. Бешак, Қушайрӣ намояндаи ин гурӯҳ ва идеологияи онон аст, аз ин рӯ дар нигориши китоби хеш ба ақоид ва одоби суфиён барои мухотабони хосу ом назар дорад ва баёнгари ақоиди шахсии худ нест.

Шеваҳои баён ва тарҳи масъалаҳо дар «Рисолаи қушайрия» ба тариқи гуногун сурат гирифтааст. Қушайрӣ як мутакаллими ашъарӣ аст ва орои каломии ӯ дар осораш таъсир гузоштааст. Баъд аз пайвастани Қушайрӣ ба ҳалқаи тасаввуф ин пайванд ва тааллуқ, на танҳо гусаста нашуд, балки мустаҳкам гашт, зеро ӯ худро муваззаф медонист, дар муқобили хатароте, ки мумкин буд, маслаки суфия ва пирони ҳақиқии онро таҳдид кунад, бавижа усул ва бунёни тасаввуфро ба хатар андозад, ба дифоъ бархезад.  Қушайрӣ дар рисола масоили каломиро бар асоси эътиқоди ашъоира тафсиру баён мекунад, аммо шеваи ӯ ба ин сурат аст, ки масоилро аз дидгоҳ ва забони бузургони тасаввуф баён мекунад, то ба ҳадафи хеш, ки истидлол бар дурустӣ ва исботи эътиқоди онон дар мавзуот ва масоили усулӣ аст, ноил шавад ва илова бар он эътиқодоти аҳли тасаввуф ва дидгоҳҳои хосси ононро низ дар ин замина, баён карда бошад, чунонки худи ӯ мегӯяд: «Андар ин ҳикоятҳо далел аст, ки эътиқоди пирони мутасаввифа мувофиқ будааст бо қавли аҳли ҳақ андар масоили усул» [18, с. 21].

Яке аз маъмултарин ҳуҷҷатҳое, ки аҳли калом аз он истифода мекунанд, ҳуҷҷатҳои нақлӣ аст. Ҳуҷҷатҳои нақлии аҳли калом, ки Қушайрӣ аз он истифода намудааст, оёти Қуръон ва аҳодиси набавӣ аст, ки дар ҳақиқат, аз намунаҳои рӯйкардии муаллиф мебошад. Илова бар он, ақволи бузургон ва машоихи тасаввуф аст, ки метавон онҳоро ҷузви муҳимми фанни хитоба ба шумор овард, ки барои мухотабони хос ӯ, ки ғолибан, аҳли тасаввуф ҳастанд, мавриди эътимод аст.

Дигар аз шеваи Қушайри зимни баёни масъалаҳои каломӣ равиши ақлӣ мебошад. Қушайрӣ дар шинохти Худованд, исботи сонеъ ва монанди ин масъалаҳо муътақид ба истидлол ва бароҳин аст. Аз назари ӯ, дар тавҳид, ки муҳимтарин асли имон аст, тақлид ҷой надорад ва бузургони тариқат низ бино карданд: «Қоидаи корҳои хеш бар аслҳои дуруст андар тавҳид ва ниятҳои хеш нигаҳ доштанд. Аз бидъат ва он чи салафро бар он ёфтанд... ва он чи аҳли суннат бар он буданд, бар он биистоданд, андар тавҳиде, ки андар вай ташбеҳ ва таътил на... ва муҳкам карданд, асли ниятҳои хеш ба далелҳои ошкоро ва қавӣ. Чунонки гуфт Абумуҳаммади Ҷарирӣ, ки ҳар ки ба илми тавҳид нарасад, ба гувоҳӣ аз гувоёни ӯ қадами вай бихезад ва андар ҳалок афтад ва мурод бадин он аст, ки ҳар кӣ имон ба тақлид дорад ва ҳақиқат талаб накунад ва далоили тавҳид наҷӯяд, аз роҳи наҷот бияфтад» [18, с.13].

Қушайрӣ аз равиши ҷадалӣ низ зимни баёни масъалаҳои каломӣ ба кор бурдааст. Ҷадал ва мунозира аз обзори аҳли калом дар дифоъ аз ақоиди хеш мебошад. Қушайрӣ аз фанни мунозара ва ҷадал низ дар исботи ақоиди худ суд бурдааст. Дар баҳс аз исботи каромот аз се шева; нақлӣ, ақлӣ ва ҷадалӣ истифода бурдааст. Чунончи мегӯяд: «Агар гӯяд, чигуна раво бувад, зоҳир шудани каромоте, ки зиёдат бувад, дар маънӣ бар муъҷизоти пайғамбар, саллаллоҳу алайҳи васаллам, гӯем ин каромотҳо бо муъҷизаи пайғамбари мо, саллаллоҳу алайҳи васаллам, шавад, зеро ки ҳар кӣ андар ислом содиқ набуд, каромот бар вай зоҳир нагардад ва ҳар пайғомбар, ки дар уммати вай якеро каромоте буд, он каромот аз ҷумлаи муъҷизоти он пайғомбар бувад. Зеро ки

агар ин расули содиқ набудӣ, каромот зоҳир нашудӣ, барон ки мутобиати ӯ накард» [18, с. 629].

Боиси таъкид аст, ки Қушайрӣ дар бештари мавриди дар боби мавзуӣ, аҳволи мутааддидро бидуни нақду баррасӣ ба шеваи илтиқотӣ зикр мекунад. Шеваи илтиқотӣ чунон аст, ки дар боби масъалае чанд ақоиди мухталифро баён мекунад. Чунончи: «Ва бидон, ки ихтилоф аст, миёни мардумон, ки дуо фозилтар аст ё хомӯшию ризо. Гурӯҳе гӯянд, дуо ба сари хеш ибодат аст... гурӯҳе гуфтаанд, хомӯшию мурдагӣ дар зери ҳукму ризо додан ба он чи аз пеш рафтааст...» [18, с.439-438].

Ҳамчунин, дар рисола Қушайрӣ зимни баёни масъалаҳои ирфонӣ ба шеваи шарҳу тафсир матолиберо ҷиҳати рафъи шубҳа аз аҳволу орои орифон баён доштааст. Дар баъзе мавриди матолибро бо нақду таҳлил баён месозад. Масалан, дар бобати ваҷҳи тасмияи тасаввуф матолибро ироа ва ҳамзамон, нақд намудааст: «Аммо он ки гӯяд, ин суф аст ва тасаввуф суф пӯшидан аст, чунонки тақаммус пироҳан пӯшидан, ин рӯй буд, валекин ин қавм ба суф пӯшидан ихтисос надоранд ва агар касе гӯяд, эшон мансуб ба суффаи масҷиди Расул, саллаллоҳу алаҳи васаллам, нисбат бо сафа ба вазни суфӣ наёяд. Ва агар касе гӯяд, ин аз сафо гирифтаанд, нисбат бо сафо дур афтад бар муқтазии луғат...» [18, с.467]. Дар баробари ин, Қушайрӣ андешаҳои мухталиферо дар бобати баъзе масоили тасаввуф бо баёни назари худ иброз медорад: «Ва хилоф аст миёни ироқиён ва хуросониён андар ризо, ки ризо аз аҳвол аст ё аз мақомот. Хуросониён гӯянд, ризо аз ҷумлаи мақомот бувад ва ин ниҳояти таваккул аст... ва ироқиён гӯянд, ризо аз ҷумлаи аҳвол аст ва бандаро андарин касб набувад... ва сухани бисёр гуфтаанд, андар ризо ва ҳар кас аз ҳоли хеш ва шурби хеш хабар додаанд ва чунонки дар иборот махталифанд дар шурбу насиб мутафовитанд. Аммо шарти илм, ки аз он чора нест розӣ ба Худой он бувад, ки бар тақдири Худой эътироз накунанд [18, с.296].

Баёни дидгоҳҳои мухталиф дар боби бархе масоили тасаввуф ва баргузидани назари мувофиқ аз дигар шеваҳои баёни Қушайрӣ аст. Шеваи таъвил ва тафсирро низ Қушайрӣ дар мавориде муносиб бо мазоқи аҳли

тасаввуф мепардозад ва гоҳ тафсир ё таъвили дигаронро зикр мекунад. Агарчи ба назар мерасад, дар мутуни ирфонӣ бештар бо шеваи тафсирӣ (ҳеменевтикӣ) нисбат ба оёт мепардозанд, аммо дар «Рисолаи қушария» бештар руйкарди маъношинохтӣ (семантикӣ) дида мешавад. Қушайрӣ бо истинод ба ақволи суфиёни давраи аввал боби таъвилро ба кор мебандад. Ӯ аз қавли Яҳё ибни Муози Розӣ менависад: «Вараъ истодан бувад бар ҳадди илм бе таъвил» Қушайрӣ сахт бар тасаввуфи шариатмадор таъкид мекунад ва дар таърифи тасаввуф аз қавли Насрободӣ менависад: «Асли тасаввуф истодан аст бар китобу суннат ва даст бидоштани ҳаво ва рухсат ноҷустан ва таъвилҳо нокардан» [18, с. 44-46]. Мизони таъвил дар рисола бисёр андак аст. Қушайрӣ дар тафсири оёт бештар аз ривоёт баҳра мегирад.

Қушайрӣ байни тариқат ва шариат ҷамъ кардааст ва аз шеваи калом барои баёни мақсад суд ҷустааст. Ба назар мерасад, ки Қушайрӣ бештар аз илми калом барои дифоъ аз ақоиди суфия истифода кардааст. Қушайрӣ саъй дар дифоъ аз ақоиди аҳли тасаввуф ва татбиқи он бо ақоиди усул ва дифо аз мухолифони тасаввуф намудааст. Шеваи каломиро Қушайрӣ дар китоб ба ҳамин сабаб интихоб намудааст. Дар маҷмуъ, метавон гуфт, ки Қушайрӣ дар шинохти хеш бештар аз ин ки аз истидлол кумак бигирад, аз шеваҳои мубтанӣ бар ҳуҷҷат суд ҷустааст.

Қайд шуд, ки Қушайрӣ мавзуот ва масоили каломи ашъариро бо завқу равиши суфиёна таъвил мекунад. Аз дидгоҳи Қушайрӣ, баҳси зоту сифоти Худованд баҳсе комилан назарӣ нест, балки шинохт бояд ҳамроҳ бо амал бошад ва ҳар маърифате сулуке ба ҳамроҳ дорад. Гароиши ӯ ба тасаввуф аз ҳамин эътиқод сарчашма мегирад. Дар рисола зимни баёни эътиқоди аҳли тасаввуф ба усул, ба одобу сулуки амалии онон низ таъкид дорад: «Ва ёд кунем, номи ҷамоате аз пирони ин тоифа аз табақоти аввал то бадин вақт мутааххирон аз эшон ва ёд кунем, сиратҳои эшон ва суханони эшон, ки далел кунад бар усули эшон ва одоби эшон...» [18, с.25].

Дар натиҷаи баррасиҳое, ки дар мавриди сабки баёну хусусиятҳои забонӣ ва шеваи нигориши тарҷумаи «Рисолаи қушайрия» сурат гирифт, метавон ба натиҷаҳои зерин расид.

Дар тарҷумаи «Рисолаи қушайрия» андешаҳои ирфонӣ бо забони сода ва дархури фаҳм баён гардида, ки бозгӯи қудрату маҳорати мутарҷим дар истифода аз забонро нишон медиҳад. Чунонки бо мисолҳо нишон дода шуд, дар китоб хусусиятҳои сабки мурсал бештар ба назар мерасад.

Луғоту таъбироти арабӣ дар тарҷумаи «Рисолаи қушайрия» камтар истифода шудааст. Бештар вожаҳои динию истилоҳоти ирфонии арабиро ба кор бурдааст, ки муодилашон дар забони форсӣ-тоҷикӣ мавҷуд нест.

Оёти қуръонӣ ва ахбору аҳодис дар китоб танҳо ба ҳамон миқдор истифода гардида, ки риштаи сухан ба иқтизои маънӣ ба он мепайваст, на ба сурати такаллуфу тасаннуъ, чунонки дар бархе осори мансури баъд маъмул гардид.

Муҳимтар аз ҳама тарҷумони он ҳангоми тарҷума ба забони форсӣ-тоҷикӣ аносири сарфию наҳвии забони адабии аҳди хешро риоя намуда, моҳияти гуфтори устодашро то ҷое баён сохтааст. Ин аст, ки муҳаққиқон аз равонию ширинии забони мутарҷим, таъсиргузории баёни ӯ ба нигоришоти минбаъдаи ирфонӣ пайваста ёд мекунанд. Аз сӯйи дигар, Аҳмади Усмонӣ тавонистааст, ки моҳияти хитобаҳои пири худро дар тарҷума ҳифз намояд ва сабабҳои таълифи китобро мунъакис гардонад. Ҷуз дар бархе маврид таъсири ҷумлабандии насри арабӣ дида мешавад, ки насри китобро то ҷое аз сохтору ҷумлабандии забони форсӣ-тоҷикӣ дур сохтааст.

Истифода аз ашъору амсол низ дар қиёс бо китобҳои ба насри фаннӣ таълиф гардида кам аст. Дар мавридҳое муаллиф ба онҳо рӯй оварда, ки ниёз будааст, на ба хотири ороишу такаллуф сохтани каломи худ.

Он чи дар хусуси сабки баёни тарҷумаи «Рисолаи қушайрия» шоистаи зикр аст, ин ки тавзеҳи матолиб дар ин китоб бо оёту аҳодис, ҳикоёту ахбор, ашъору амсол бо забоне сода ва дархури фаҳм баён карда шудааст. Бештари ҷумлаҳои китоб кӯтоҳ, сода ва дур аз санъатҳои лафзию такаллуфоти печдарпеч мебошанд.

## 3.2. Шеваҳои корбурд ва шарҳи истилоҳоти ирфонӣ

Ҳар илму фанне дорои истилоҳоти хоси худ аст, ки дарки осори марбут ба он илм низ бастагӣ ба огоҳӣ аз маъно ва мафҳуми он истилоҳот дорад. Аз муҳимтарин омили роҳ ёфтан ба ҳарими суханварони ориф, бешубҳа ин маърифати мафоҳиму истилоҳоте аст, ки онон барои баёни андешаи худ ба кор бурдаанд, маҳсуб меёбад. Чунонки аз осори манзуму мансури ирфонии адабиёти классикии форсӣ-тоҷикӣ бармеояд, суханварони ориф матолибашонро бо истилоҳоти махсусе ироа доштаанд, ки калима зоҳиран, маънои дигар дошт ва дар асл муроди онон чизи дигар буд. Дар ин маврид, Абдулҳусайни Зарринкуб чунин мегӯяд: «Дар воқеъ, шоирони суфӣ аз хеле қадим дар ашъори хеш суханоне мегуфтаанд, ки ҷуз ба ишқи маҷозӣ таъбир намешудааст, мисли он ки аз лабу чашм ва холу зулфи маъшуқ ёд мекардаанд ва ё дар аҳволе сухан мерондаанд, ки бо одобу завоҳири мусалмонӣ муносиб наменамудааст. Аз ҷумла, ин ки шаробу рубоб ва овозу рақсу дайру хароботу зуннорро васф мекардаанд. Ва албатта, таваҷҷуҳ ба ин алфоз, ки ҳама ҳикоят аз ишқи маҷозӣ ва далолат бар лоуболигарӣ дорад, назди оммаи мусалмонон макруҳу манфур будааст. Бад-ин сабаб, бар суфия таънаҳо мезаданд ва онҳоро ба куфру зандиқа нисбат медоданд. Ин гуна суханон дар оғоз, қатъан бар сари ваҷду ҳол суруда мешудааст ва маншаи он, бешак ҳамон гуна аҳволе будааст, ки шатҳиёти онҳо низ аз он сарчашма мегирифтааст» [67, с. 148]. Ин андеша далолат бар он дорад, ки забони осори орифон бо истилоҳот, ҳолати эҷоди он марбут ба худи онҳост. Агарчи барои зоҳирбинон ва умуми мардум link мармузу ғайриқобили қабул ба назар омада, вале дар асл ва моҳияти худ ин осор пур аз панду андешаву нукоти бикру пурманфиат аст. Бертелс низ дар бобати истилоҳоти ирфонӣ андешаи хешро иброз доштааст, ки барои равшании масъала овардани онро зарур медонем: «Ҳангоми баррасӣ ва мутолаи ашъори тасаввуф ба осонӣ дармеёбем, ки шумораи вожаҳои намодӣ ва истиорӣ, ки чакомасароёни тасаввуф аз он баҳра ҷустаанд, бисёр маҳдуд аст ва ҳамаи захоири ин вожаҳо ба зобитае муайян мерасад, ки метавон онро навъи аслӣ номид, ки дар сохтани шеър мабдаи ҳаракат аст. Шакли он тақрибан тағйир намекунад ва танҳо

таркиботи гуногуне аз омехта шудан бо якдигар ба вуҷуд меоварад ва сайри андешаи шоирро ҳидоят мекунад» [62, с. 145]. Яъне, муҳаққиқи рус Е.Э. Бертелс бар ин назар аст, ки симои истиорӣ дар ин ашъор аз худ дорои арзише мустақилу қоими болаззот нест ва ҳадаф аз ба кор бурдани истиороти он аст, ки «ҳируглифи вожаӣ» ва нишонае бошанд, ки мафҳуми воқеии фалсафиро дар пӯшиши вожаи худ пинҳон созанд. «Ва чун мавзуи аслии ҳар шеъри ирфонӣ қаблан пешбинӣ шудааст ва ғайр аз тавҳиду ваҳдати вуҷуд чизе дар он наметавонад тараннум шавад, зарурати гунагунии матолиб канор меравад ва дар масъалаи таркиботи судмандтар он аносире дар радаи нахуст ҷой мегирад, шоири суфӣ онро бештар ба ҳангоми ниҳодан дар роҳи омӯзиши усули фалсафӣ дарёфт кардааст» [62, с. 145]. Бо бардоштани парда аз вожаҳои хосси суфия дар зери онҳо мафоҳими тозаи гуногуне меёбем, ки ҳамоно истилоҳоти фанни фалсафаи тасаввуф ҳастанд. Ба назар мерасад, ки ба кор бурдани матолибе тоза аз роҳи ибдои истиороти навин аз вазоиф нест, балки баҳрагирии беҳтар аз матолиб ба мафҳуми дақиқтар ва рӯшантар сохтани масоили фалсафии тасаввуф ба муҳимтарин вазифа бадал мешавад. Дар натиҷаи кашфи маонии ин истилоҳот ба мо имкон медиҳад, ки таҳти ин мафоҳим ба дарки гавҳари фалсафии тасаввуф бирасем. Пажуҳишгари осори ирфонӣ бояд ангезаи ниҳоии шоирро ошкор кунад ва завоёи пинҳони суханпардозии ӯро бубинад. Худ вуҷуди шарҳу тафсирҳои зиёде ба осори манзуму мансури ирфонӣ гувоҳи он аст, ки худи суфия низ зарурати кашфи ин истиоротро дарк карда буданд.

Худи орифону шоирон низ ба рамзгароӣ дар осорашон ишораҳо намудаанд. Чунонки Ҳотифи Исфаҳонӣ мегӯяд:

Ҳотиф арбоби маърифат, ки гаҳе,
Маст хонандашону гаҳ ҳушёр.
Аз маю ҷому мутрибу соқӣ,
Аз муғу дайру шоҳиду зуннор.
Қасди эшон нуҳуфта асрорест,
Ки ба имо кунанд гаҳ изҳор.
Пай барӣ гар ба розашон донӣ,

Ки ҳамин аст сирри он асрор [14, с. 64].

Ҳофизи Шерозӣ ҳам дар ин маврид чунин гуфтааст:

То нагарди ошно з-ин парда рамзе нашнавӣ,

Гӯши номаҳрам набошад ҷойи пайғоми суруш [39, с. 193].

Аз ин ҷост, ки яке аз муҳимтарин махсусиятҳои сабкии таълифоти ирфонӣ марбут ба он буда, ки эшон ақидаву афкорашонро тавассути корбурди рамзу истилоҳоти хоссе баён доштаанд, ки бештари он вожаҳо дар шеваи нигориши онон маънoҳои хос касб намудааст ва ин боиси зуҳури истилоҳоти хосси ирфонӣ гардидааст. Аз ин рӯ, ҳанӯз аз асри XI сар карда, аз ҷониби худи орифон баъзе аз истилоҳоти суфия шарҳ ёфта, то замони мо чандин фарҳангномаҳои махсуси шарҳи истилоҳоти ирфонӣ таълиф шудаанд. Чунончи «ал-Ламаъ» асари Али ибни Сарроҷи Тусӣ аз ҷумлаи муҳимтарин осори шомили истилоҳоти суфия ва шарҳи онҳо ба шумор меравад. Алии Тусӣ бо Абуабдураҳмони Сулламӣ соҳиби «Табақот-ус-суфия» муосир будааст. Ба ақидаи Сайид Ҷаъфари Саҷҷодӣ, Алии Тусӣ аз нахустин нафароне аст, ки истилоҳоти тасаввуфро ба таври васеъ гирдоварӣ ва шарҳ кардааст [53, с. 9].

Бевосита ба осори худи орифон ҳам назар андозем, дар бобати пӯшидагӯӣ ва рамзгароии худ ишораҳо кардаанд. Чунонки аз Ибни Ато (ваф. 311 ҳ. қ. / 905 м.), ки яке аз маъруфтарин орифони муфассири Қуръон ба забони суфия мебошад, нақл кардаанд, ки мутакаллимон вайро гуфтанд: «Чи будааст, шумо суфиёнро, ки алфозе иштиқоқ кардаед, ки ба гӯши мустамеон ғариб аст ва забони муъдот (роиҷ)-ро тарк кардаед. Ин аз ду берун нест: Ё тамуя (зоҳирсозӣ) мекунед ва Ҳақ таъолоро тамуя ба кор наёяд. Пас дуруст шуд, ки дар мазҳаби шумо (тариқи тасаввуф) айбе зоҳир гашт, ки пӯшида мекардед, суханҳоро бар мардумон». Ибни Ато ба онон чунин посух додааст: «Аз баҳри он кардем, ки моро бад-ин иззат буд. Аз он ки ин амал (тасаввуф) бар мо азиз бувад, нахостем, ки ба ҷуз ин тоифа инро бидонанд ва нахостем, ки лафзи мустаъмали ом ба кор дорем, лафзе хос пайдо кардем» [3, с. 490]. Ҳамчунин, аз ӯ нақл намудаанд, ки гуфт: «Ҳар илмеро баёне аст ва ҳар баёнеро забоне ва ҳар

забонеро иброрте ва иборотеро тариқате ва ҳар тариқатеро ҷамеанд махсус» [3, с. 491].

Аз суханони Ибни Ато чунин бармеояд, ки «лафзи хос»-е, ки ӯ мегӯяд, ҳатман истилоҳоти суфия аст. Дар воқеъ, «лафзи хос» ё истилоҳоти ирфонӣ назди суфия чунон манзалату аҳаммият пайдо намуд, ки мутасаввифа бахши муҳимме аз осори мактуб ва манобеи дасти аввали худро ба шарҳу баёни ин истилоҳот ихтисос доданд. Чунонки агар дар «Табақот-ус-суфия»-и Сулламӣ ва «Ҳалият-ул-авлиё»-и Ҳофиз Абунаими Исфаҳонӣ ба истилоҳоти суфия дар зимни баёни саргузашти машоихи суфия ишора шуда бошад, дар осори арзишманде ба монанди «ат-Таарруф ли мазҳаб-ит-тасаввуф», «Қут-ул-қулуб», «ал-Ламаъ», «Рисолаи қушайрия» ва «Кашф-ул-маҳҷуб», на фақат дар зимни баёни матолиби худ ба шарҳи истилоҳоти ирфонӣ пардохтаанд, балки аз зарурати шарҳу тавзеҳи ин истилоҳот сухан ба миён оварда, бобҳои алоҳидаи китобҳои худро бевосита ба шарҳу тавзеҳи истилоҳоти суфия ихтисос додаанд.

Дар хусуси омилҳои рамзгароии орифон байни муҳаққиқон низ фикри ягона нест. Қосим Ғанӣ бар ин назар аст, ки урафо нахуст матолибашонро ошкоро мегуфтанд ва чун диданд, ки ин суханҳои ошкоро боиси баҳсҳо ва ҳатто мушкилот бар сари эшон шуд, маҷбур гардиданд, ки ҳарфҳояшонро бо рамзу роз баён кунанд, то фуқаҳо ва пайравони онон аз матолиби эшон огоҳ нашаванд [63, с. 45]. Муртазо Мутаҳаррӣ сабаби пӯшида баён кардани урафоро чунин шарҳ додааст: «Ба ақидаи ман, матлаб ду далел дошта… ин аст, ки шеъру адаб ва фасоҳату балоғату зебоии баён худаш як василаест, барои беҳтар расонидани паём, ҳоло паём ҳар чӣ мехоҳад бошад. Худи Қуръони карим аз ҳамин маъно истифода карда, эъҷози Қуръон, ки дар фасоҳату зебоияш ҳаст, яъне Қуръон ҳунарро дар хидмати паёми илоҳӣ қарор дода ва ин ҷиҳати Қуръон ҳамеша омили фавқулода муассире буда дар пешрафту пешбурди Қуръон. Урафо ҳам барои паёми ирфонии худашон аз зебоии адаб аз ин ташбеҳҳо, тамсилҳо, шеърҳо аз ин рамзи сухан гуфтанро (истифода карданд). Ин мусаллам матолибро зеботар мекунад, то ин ки матолибро ҳамин тавр макшуфу бепарда бигӯянд, лутф надорад; яъне, барои таблиғи ҳарфи худашон ин

(васила)-ро интихоб карданд. Ва дигар ин ки ин маъонӣ асосан, лафз надорад, алфози башар кӯтоҳ аст аз ифодаи ин маъонӣ ва танҳо афроде метавонанд, ин маъниро дарк кунанд, ки худашон вориди ин дунё бошанд» [86, с. 50-51].

Дар воқеъ, он матолибе, ки урафо мехоҳанд бигӯянд, ҳамонгуна ки дар осори эшон ба назар мерасад, бо сухани ошкоро гуфтанӣ нест. Суханҳои ҷаззобу пуршуру шари онҳо фақат бо рамз бояд гуфта шавад ва афроде ҳам метавонанд дарк кунанд, ки аҳли роз бошанд. Ба қавли Мавлоно, «Мантиқ-ут-тайр» забони мурғон аст. Аз ҷониби дигар, инсон табиатан чунин аст, ки ҳар ашё ё сухане пӯшида бошад, мехоҳад ҳарисона барои худ он матолиби пӯшидаро кашф кунад. Ҳар чизи зебо ҳам пӯшида аст, чуноне ки дурр дар даруни садаф зебо аст. Ё худи Мавлоно дар «Маснавӣ» мегӯяд:

Зарру нуқра гар набудандӣ ниҳон,

Парвариш кай ёфтандӣ зери кон? [29, с. 20].

Аз ин ҷост, ки урафо бо рамзу роз матолиби хешро гуфтанд.

Боиси қайд аст, ки бо вуҷуди таълифи фарҳангномаҳои тасаввуфӣ ҳанӯз истилоҳоте ҳастанд, ки дар пардаи ибҳом нуҳуфтаанд. Аз ин рӯ, ба ҳукми маънии Қуръон аз Қуръон бипурс шарҳи истилоҳоти урафоро низ аз осори худи эшон ҷустуҷӯ намудан беҳтару хубтар аст. Ҳамонгуна ки дармон аз он ҷо талабанд, ки дард аз он ҷо хоставу пайдо шудааст.

Яке аз сарчашмаҳои муҳим, ки бевосита ба шарҳу тафсири истилоҳоти ирфонӣ пардохта, «Рисолаи қушайрия»-и Абулқосими Қушайрӣ мебошад. Қушайрӣ дар боби сеюми китоби худ таҳти унвони «Дар тафсири алфозе, ки миёни ин тоифа равад ва он чи аз он мушкил бувад» бисту ҳафт истилоҳи махсус, ки суфия аз он истифода мекунанд, муфассал шарҳу тавзеҳ намудааст. Бо ин ҳадаф, дар фасли ҳозир шеваҳои шарҳу тавзеҳи истилоҳоти ирфонӣ аз ҷониби Қушайрӣ мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Бояд қайд намуд, ки омӯзишу баррасии истилоҳоти ирфонии «Рисолаи қушайрия» аз чанд ҷиҳат муфид ба назар мерасад. Пеш аз ҳама бояд таъкид намуд, ки Қушайрӣ худ як ориф ва суфии маъруф буд ва дигар ин ки ӯ ин китобро раҳнамо ба соликони роҳи тариқат ва баёни ҳақиқати ин тоифа таълиф намудааст. Бо ин нуктаи назар

метавон гуфт, ки дар «Рисолаи қушайрия» муҳимтарин истилоҳоти ирфонӣ аз назари як нафар ориф ва суфии маъруф, ки худ огаҳии комил аз ирфону тасаввуф дорад, шарҳу тавзеҳ ёфтааст.

Усули шарҳу тавзеҳи Қушайрӣ аз муаллифони пеш аз худ бо он фарқ мекунад, ки ӯ ҳангоми шарҳу тавзеҳи истилоҳот бештар аз ақволу осори орифони маъруф иқтибос меоварад. Ҳамчунин, дар оғоз маънои луғавии онро шарҳ намуда, баъдан ба баёни маънои ирфонии истилоҳ мепардозад. Маъруфтарин китобҳое, ки пеш аз Қушайрӣ ба шарҳу тавзеҳи истилоҳоти суфия пардохта шудааст, «ал-Ламаъ», «ат-Таарруф ли мазҳаб-ит-тасаввуф», «Қут-ул-қулуб» ва баъдан «Кашф-ул-маҳҷуб» мебошад.

Дар «ал-Ламаъ», муаллиф дар қисматҳои мухталиф ба баёни шарҳу тавзеҳи истилоҳоти суфия пардохтааст. Масалан, истилоҳи «маърифат» дар бобе ва истилоҳи «ориф» дар бобе дигар шарҳ ёфтааст. Шарҳи истилоҳоти марбут ба аҳвол ва мақомоти орифон дар бахши «Китобу-л-аҳвол вал мақомот» ва пас аз муқаддимае дар муаррифии ҳар як аз ин ду истилоҳ зайли бахши ҷудогона омадааст. Аммо муҳимтарин бахши марбут ба шарҳи истилоҳоти тасаввуф бахши «Китоб-ул-баён анил мушкилот, боби фи шарҳи алфоз ал-мушкилат-ул-ҷория фи калом-ис-суфия» аст, ки муаллиф дар ин бахш пас аз зикри 150 истилоҳ ба сурати феҳриствор ба шарҳу тавзеҳи беш аз ин теъдод истилоҳ мепардозад [36, с. 333-374]. Сарроҷи Тӯсӣ дар ниҳоят пас аз он дар бахше ҷудогона ба баррасӣ ва шарҳи истилоҳи «шатҳ» пардохтааст [36, с. 375-377]. Боиси қайд аст, ки дар «ал-Ламаъ» Сарроҷи Тӯсӣ ба монанди Қушайрӣ ва Ҳуҷвирӣ зикре аз мавриди муҳиммияти шарҳи истилоҳоти суфия ба миён намеоварад. Ӯ танҳо ба ду маънои зоҳирӣ ва ботинии каломи суфия ва адами дастрасии ғайрисуфия ба маънои ботинии он ишора мекунад [36, с. 388].

«ат-Таарруф ли мазҳаб-ит-тасаввуф»-и Абубакри Каллободӣ ҳам аз зумраи манобеи арзишманди тасаввуф аст, ки муаллифи он пеш аз Қушайрӣ ба шарҳи истилоҳоти суфия пардохтааст. Аз муқаддимаи китоб бармеояд, ки зоҳиран, ғарази аслии Каллободӣ аз таълифи китоб шарҳу тавзеҳи ишорот ва ибороти суфия аст: «Ва ин китоб аз баҳри он ҷамъ кардем, то фаҳм кунад мар ин

мазҳабро он кас, ки ишороти ин тоифаро фаҳм накарда бошад ва андар ёбад ӯро он кас, ки ибороти эшон андар наёфта бошад ва то дур шавад аз эшон дуруғи дуруғзанон ва таъвили бади ҷоҳилон» [17, с. 283].

Аз гуфтаҳои боло чунин бармеояд, ки манзури Каллободӣ аз таълифи китоб он будааст, ки ишороту ибороту истилоҳоти суфияро мухотабоне, ки дарнаёфтаанд, ба маънои ин истилоҳот воқиф шаванд. То ба асли суханони суфия пай баранд ва маъонии онҳоро дуруғу буҳтон надонанд ва истилоҳоти суфияро таъбирҳову тафсирҳои нодуруст накунанд. Каллободӣ аз боби сию панҷум ба баъди китоби худро ба шарҳу тафсири истилоҳоти марбут ба мақомоти суфия ихтисос додааст.

Аз дигар манобеи дасти аввали тасаввуф, ки пеш аз Қушайрӣ ба шарҳу тавзеҳи истилоҳоти ирфонӣ пардохта «Қут-ул-қулуб»-и Абутолиби Маккӣ мебошад. Муаллиф боби сию дуюми китобро ба шарҳи мақомоти орифон ихтисос дода, зимни баршумурдани нуҳ мақом онҳоро шарҳ карда, ки иборатанд аз: тавба, сабр, шукр, раҷо, хавф, зуҳд, таваккал, ризо, муҳаббат.

Дар оғози фасли сеюми «Рисолаи қушайрия» Абулқосими Қушайрӣ дар робита ба истилоҳоти ирфонӣ ва рамзгароии орифон пеш аз шарҳу тавзеҳи истилоҳот чунин мегӯяд: «Ҳар тоифаеро аз уламо лафзҳост, миёни эшон мустаъмал, ки бад-он махсус будаанд аз дигарон. Ва истилоҳ кардаанд бар он муродҳо, ки эшонро будааст, то наздик буд бо он ки боз ӯ (бо он) сухан гӯянд ва бар аҳли ин санъат осон буд, бад-он маънӣ расидан бо итлоқи он лафз. Ва ин тоифаро алфозест, (ки) қасди эшон кашфи он маъниҳо аст, ки эшонро буд бо якдигар. Ва муҷмал ва пӯшида буд бар он ки на аз ҷинси эшон буд андар тариқат, то маънии алфози эшон бар бегонагон мубҳам буд, аз он ки эшонро ғайрат буд, бар асрори хеш, ки ошкоро шавад бар он ки ноаҳл буд. Барои он ки ҳақоиқи эшон маҷмуъ нест, ба такаллуф ё оварда ба навъе аз тасарруф, балки маъниҳо аст, ки Худой, субҳона ва таоло дили қавмро хазинаи он кардааст. Ва холис бикардаст ба ҳақиқат онро асрори қавме, ва мо шарҳ кунем ин алфоз, то осон гардад онро, ки хоҳад бад-он расидан аз маъниҳои эшон, ки бар ин роҳ рафтанд ва мутобеи суннатҳои эшон буданд...» [18, с. 87-88].

Шеваи кори Қушайрӣ дар шарҳи истилоҳоти ирфонӣ чунин аст, ки нахуст истилоҳро аз назари аҳли таҳқиқ шарҳ медиҳад ва баъдан, маънои ирфонии онро аз назари орифон шарҳу тавзеҳ додааст. Ҳангоми шарҳи ирфонӣ аз орифону суфиёни маъруф нақли қавл мекунад ва ашъору амсолу оёти Қуръон ҳам меоварад.

Чунонки ҳини тавзеҳи истилоҳи вақт нахуст маънои асли онро чунин шарҳ додааст: «**ал-Вақт**. Ҳақиқати вақт наздики аҳли таҳқиқ ҳодисе аст, ки андар ӯ ҳам ояд ҳосил бар ҳодисе мутаҳаққақ. Ҳодис мутаҳаққақи вақт бувад ҳодиси мутаваҳҳамро. Чунонки гӯӣ, сари моҳ наздики ту оям. Омадан мутаваҳҳам аст. Омадан ва наомадан раво бувад ва сари моҳ ҳодисест мутаҳаққақи ночора (чун ин моҳ бигзарад, сари моҳе дигар бувад) сари моҳ ҳодисест, мутаҳаққақ, вақти омадан аст» [18, с. 88].

Пас аз ин ба шарҳу тавзеҳи ирфонии вожаи вақт мепардозад ва аз суханони орифони маъруфе нақли қавл мекунад, ки аз ҷумла Абуалии Даққоқ мебошад: «Аз устод Абуалии Даққоқ, раҳимаҳуллоҳу, шунидам, гуфт: «Вақт он аст, ки ту он ҷоӣ, агар ба дунёӣ, вақти ту дунёст ва агар ба уқбоӣ, вақти ту уқбист ва агар шодист, вақти ту шодист ва агар ба андуҳӣ, вақти ту андуҳест. Мурод ин аст, ки вақт он бувад, ки бар мардум ғолиб бувад (ва низ) ба вақт он хоҳанд, ки мардум андар ӯ бувад аз рӯзгор» [18, с. 88-89].

Дар осори манзуму мансури адабиёти классикии форсӣ-тоҷикӣ ибораи маъруфи «суфӣ ибну-л-вақт» зиёд ба кор рафтааст, ки Қушайрӣ дар тавзеҳи истилоҳи «вақт» онро низ шарҳ додааст. Чунонки Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ мегӯяд:

Суфӣ ибн-ул-вақт бошад, эй рафиқ!
Нест фардо гуфтан аз шарти тариқ.
Суфӣ ибнул ҳол бошад дар мисол,
Гарчи ҳарду фориғанд аз моҳу сол [29, с. 19].

Қушайрӣ «суфӣ ибн-ул-вақт»-ро чунин шарҳ додааст: «Суфиён гӯянд: Суфӣ писари вақт аст ва мурод он аст, ки то ӯ машғул ҳаст, бад-он чӣ аввалтар, андар ҳол қиём ҳамекунад, бад-он чӣ андар он вақт фармудаанд» [18, с. 89].

Яке аз вижагиҳои шарҳи истилоҳоти ирфонӣ дар «Рисолаи қушайрия» дар қиёси ҳамдигар шарҳ додани истилоҳот мебошад. Чунонки зимни шарҳи истилоҳҳои «ҳайбату унс» гуфтааст: «Ҳайбату унс бартар аз «қабзу баст» бувад. Чунонки «қабз» бартари дараҷаи «хавф» бувад ва «баст» бартар аз манзалати «раҷо» аст ва «ҳайбат» бартар аз «қабз» аст ва «унс» тамомтар аз «баст» ва Ҳақ ҳайбати ғайбат бувад ва ҳар ҳоиб ғоиб бувад, пас андар ҳайбат мутафовит бошанд. Чунонки андар ғайбат фарқ бувад миёни эшон... [18, с. 97].

Қушайрӣ зимни шарҳу тавзеҳи истилоҳоти ирфонӣ дар бархе маврид аз ҳикоятҳо ҳам истифода намудааст. Ин усули кори Қушайрӣ дар маърифати истилоҳи мавриди шарҳи ӯ аз вижагиҳои махсуси муаллиф ҳангоми шарҳу тавзеҳи истилоҳоти ирфонӣ ба шумор меравад. Дар ҷараёни шарҳу тавзеҳи истилоҳоти «сатру таҷаллӣ» нахуст дар бобати маънои ирфонии истилоҳоти мазкур андешаҳояшро баён дошта, таъкид мекунад, ки ҳама кас тоқати таҷаллии маъшуқро надорад: «Ом дар пардаи сатр бошанд ва хос андар давоми таҷаллӣ. Ва андар хабар аст, ки чун Ҳақ таоло чизеро таҷаллӣ кунад, он чиз хошеъ гардад, худованди сатр доим ба васфи шуҳуд бувад ва худованди таҷаллӣ доим ба наъти хушуъ бувад ва сатр омро уқубат бувад ва хосро раҳмат бувад» [18, с. 116]. Сипас, барои фаҳмотар шудани фикри хеш барои хонанда Қушайрӣ ҳикояти зеринро овардааст: «Аз Мансури Мағрибӣ, раҳимаҳу-л-лоҳу, шунидам, ки дарвеше ба қабилае афтод аз қабилаҳои араб. Ҷавоне вайро меҳмон кард, ин ҷавон ӯро хидмат ҳамекард, андар миёна бияфтод ва беҳуш шуд. Ин дарвеш пурсид аз ҳоли вай. Гуфтанд: – Ӯро амзодае аст дилаш ба вай гарм аст, ин духтар дар хайма фароз рафт, ин ҷавон нигоҳ кард, доманаш бидид, заҳраи вай об шуд. Он дарвеш бадари хайма шуд, гуфт: – Ғарибонро дар миёни шумо ҳурмат аст, ба шафоат омадаам, бар он ҷавон раҳмат кун, ки андар ҳоле саъб аст. Он зан гуфт: – Азим салимдиле, ӯро тоқати гарди домани мо нест, тоқати дидори мо кай дорад?» [18, с. 117].

Зимни шарҳи истилоҳоти «талвину тамкин» ҳам Қушайрӣ пас аз зикри маънои ирфонии истилоҳоти мазкур мисоли зебое аз достони Юсуф овардааст. Истилоҳоти «талвину тамкин»-ро дар ирфон чунин шарҳ додааст: «Талвин

сифати арбоби аҳвол бувад ва тамкин сифати асҳоби ҳақоиқ, модом ки банда андар роҳ бувад, соҳиби талвин бувад ва аз ҳоле ба ҳоле ҳаме шавад ва аз он сифате ба сифате ҳаме гардад ва аз ин манзил, ки буд ба манзиле бартар аз он фуруд ояд, чун бирасад, соҳиби тамкин бувад» [18, с. 122]. Дар идома Қушайрӣ барои боз ҳам васеътару фаҳмотар шарҳ додани истилоҳоти мазкур таъкид мекунад, ки Мусо (а) соҳиби талвин буд ва Муҳаммад (с) соҳиби тамкин ва ба достони Юсуф тамсил мезанад: «Устод Алии Даққоқ, раҳимаҳуллоҳу, гуфт: – Мӯсо соҳиби **талвин** буд, аз самои калом боз омад, муҳтоҷ буд бад-он ки рӯй бипӯшад, ки он ҳол андар вай (асар) карда буд. Ва Мустафо, салавотуллоҳу ва саломуҳу алайҳи, соҳиби **тамкин** буд, ҳамчунонки бишуд, боз омад, ҳеч чиз андар вай асар накард, аз он чӣ он шаб дид. Ва далел овардӣ бар ин ба қиссаи Юсуф, алайҳиссалом. Он занон, ки Юсуфро диданд, ҳама дастҳо бибуриданд, чун мушоҳадаи Юсуф ба эшон даромад. Ва зани Азиз андар балои Юсуф тамомтар буд, мӯй бар вай биҷунбид он рӯз, зеро ки ӯ соҳиби тамкин буд, андар ҳадиси Юсуф, ки тағйир бар банда аз ду ҳол яке бувад, ки дарояд, аммо аз қуввати ворид ё аз заифии худовандаш ва сукуни худовандаш аз ду кор яке бувад, аммо аз қувваи ӯ ё аз заъфи ворид» [18, с. 122].

Қушайрӣ зимни шарҳи истилоҳот аз ақволи орифони маъруф ҳам фаровон истифода намудааст. Чунонки дар шарҳи истилоҳи «хавотир» сухани зеринро аз Ҷунайд ва ибни Ато оварда, андешаҳои худро тақвият бахшидааст: «Ва пирони сухан гуфтаанд дар хотири сонӣ. Гуфта (анд): – Ду хотир бувад аз Ҳақ, кадом яке қавитар бувад аз дигар.

Ҷунайд гуфт: – Хотири аввал қавитар бувад, зеро ки чун бишавад, худованди ӯ бо тааммул ояд ва ин ба шарти илм бувад.

Ибни Ато гӯяд: – Хотири дувум қавитар, (бувад) зеро ки қувват афзояд ба хотири аввал.

Ва Абуабдуллоҳи Хафиф аз мутааххирон гӯяд: – Ҳар ду баробар бошанд, аз он ки ҳар ду аз Ҳақ таоло бувад, яке зиёдат набувад бар дигар ва аввал ба дувум ҳол боқӣ намонад, зеро ки бақо бар осор раво набувад» [18, с. 129].

Аз дигар вижагиҳои шарҳу тавзеҳи истилоҳоти ирфонӣ дар «Рисолаи қушайрия» он аст, ки муаллиф бо тартиб аз назари мақому манзалат истилоҳотро шарҳ медиҳад: «Муҳозара ибтидо бувад ва мукошафат аз паси ӯ бувад ва аз паси ин ҳар ду мушоҳада бувад. Муҳозарат ҳозир омадани дил бувад ва аз тавотир бурҳон бувад ва он ҳанӯз варои парда бувад» [18, с. 117].

Ҳамчунин истилоҳоти «**лавоеҳу таволеъ ва лавомеъ**»-ро низ чунин шарҳ додааст: «Ба аввал **лавоеҳ** бувад, пас **лавомеъ**, пас **таволеъ**. **Лавоеҳ** чун барқе бувад, ки битобад ва пӯшанда гардад ва нопадид шавад... **Лавомеъ** пайдотар бувад, аз лавоеҳ ва заволаш бад-ин зудӣ набошад, ду вақт ё се вақт бимонад, валекин чунон бувад, ки гуфтаанд дар ин маънӣ, шеър: **Ва-л-ъайну бокийатун лам тушбии-н-назара**. (Ва чашм гирён аст, нигоҳро сер накард). Чун битобад зи ту, мунқатеъ кунад туро ва ҷамъ кунад ба худ, валекин ҳанӯз нури рӯз тамом нашуда бошад, ки лашкари шаб бар вай тохтан орад» [18, с. 120].

Бо истифода аз шарҳу тавзеҳи истилоҳоти ирфонии «Рисолаи қушайрия» мо метавонем бисёре аз матолиби ирфонии осори манзуми шоирони орифро маърифат кунем. Зеро Қушайрӣ истилоҳоти ирфоние, ки дар ашъори шоирони орифи мо ба кор рафтааст, шарҳу тавзеҳи дақиқ намудааст. Барои намуна метавон истилоҳҳои «илм-ул-яқин», «айн-ул-яқин» ва «ҳаққ-ул-яқин»-ро мисол овард, ки дар ашъори шоирони ориф зиёд ба кор рафтааст:

Саноӣ:

Зери қадам карда аз иқлими шак,

То ба ниҳонхонаи айн-ул-яқин [32, с. 161].

Аттор:

Туро хоҳем мо дигар ҳама ҳеч,

Туӣ ҳаққ-ул-яқин дигар ҳама ҳеч [4, с. 124].

Саъдӣ:

Дилатро дидаҳо бар дӯз, то айн-ул-яқин гардад,

Танатро захмҳо бар гир то канз-ул-ҳикам гардад [33, с. 711].

Мавлоно:

Андар «ал-ҳокум» баёни ин бубин,

Ки шавад «илм-ул-яқин» «айн-ул-яқин» [29, с. 321].

Нақшу қишри илмро бигзоштанд,

Рояти «айн-ул-яқин» афроштанд [29, с. 104].

Ироқӣ:

Ношири илм-ул-яқин кошифи айнуляқин,

Воҷиди ҳаққ-ул-яқин ҳодии маҳди хитоб [16, с. 248].

Қушайрӣ истилоҳоти мазкурро дар «Рисолаи қушайрия» ба тартиб шарҳу тавзеҳ додааст, ки дар маърифати ашъори дар боло зикршуда мусоидат мекунад: «**Ва аз он ҷумла илмуляқин ва айнуляқин ва ҳаққуляқин аст**. Ин иборатҳоест аз илмҳои ошкоро. Яқин илме бувад, ки худованди ӯро шак наяфтад дар он бар урфу одат ва яқин андар васфи Ҳақ, субҳонаҳу ва таоло, итлоқ накунанд, з-он ки тавфиқ наёмадаст, илми яқин ба яқин бувад. Ва ҳамчунин айнуляқин нафси яқин бувад (ва ҳаққ-ул-яқин нафс-ул-яқин бошад), илмуляқин бар мӯҷиби истилоҳи эшон аст, он чӣ ба шарти бурҳон бувад ва айн-ул-яқин ба ҳукми баён бувад ва ҳаққ-ул-яқин бар наъти аён бувад.

Илм-ул-яқин арбоби уқулро бувад ва айн-ул-яқин асҳоби улумро бувад ва ҳаққ-ул-яқин худовандони маърифатро бувад ва суханро андар-ӯ боз пажуҳидан муҳол аст ва таҳқиқи ин боз ин ояд, ки ёд кардем (ва) бар ин қадар ихтисор кардем» [18, с. 130].

Бояд таъкид намуд, ки бо густариши тасаввуф истилоҳоти суфия низ ба унвони ҷузъи муҳим ва арзишманде аз мероси суфия батадриҷ, ба ҷойгоҳи волои худ дар ҳавзаи ирфон ва тасаввуф расид. Суфиёну орифон ин истилоҳотро, на фақат дар осору аҳволи машоих, ҳамчунин дар зиндагиномаи онон низ ба таври васеъ истифода бурданд. Дар миёни осори суфия «Рисолаи қушайрия»-и Абулқосими Қушайрӣ аз ҷиҳати шарҳу тафсири истилоҳоти суфия аз аввалин ва муҳимтарин сарчашмаҳо ба шумор меравад. Зимни баррасии истилоҳоти ирфонӣ дар тарҷумаи «Рисолаи қушайрия» метавон ба ду нукта таъкид намуд, ки асоси назарияи Қушайрӣ дар мавриди шарҳу тафсири ин истилоҳотро ташкил медиҳад, ки худи ӯ ҳам бад-он борҳо ишора кардааст:

а) зарурати шарҳу тафсири истилоҳоти суфия барои аҳли тасаввуф; б) зарурати адами шарҳу тафсири истилоҳоти суфия барои ғайри аҳли сирр.

Натиҷаи дигаре, ки аз таҳлилу баррасии «Рисолаи қушайрия» дар иртибот бо истилоҳоти суфия бармеояд ин аст, ки Қушайрӣ илова бар боби мавриди таҳлил, ҳамчунин дар зимни дигар мабоҳиси китоби худ ба шарҳу тафсири истилоҳоти ирфонӣ пардохтааст.

Аз муҳимтарин вижагиҳои шарҳи истилоҳоти ирфонӣ дар «Рисолаи қушайрия» ин аст, ки ӯ дар ҷараёни шарҳи истилоҳот истинод ба Қуръони карим, аҳодис ва аҳволу зиндагии паёмбарон, истишҳод ба ҳикоёти манқул аз зиндагии машоих ва зиндагиномаи онон, баҳра бурдан аз тамсилот барои фаҳми матлаб ва истишҳод ба ашъори шоирон намудааст, ки усули кори ӯ баъдан дар китобҳои ирфонӣ, аз ҷумла «Кашф-ул-маҳҷуб»-и Ҳуҷвирӣ пайравӣ ва густариш ёфтаанд.

Таваҷҷуҳи Қушайрӣ ба шарҳу тафсири истилоҳоти ирфонӣ ва нақлу баррасии дидгоҳҳои машоихи суфия дар боби истилоҳот, махсусан баёни назар ва дидгоҳи ӯ нисбат ба истилоҳоти ирфонӣ аҳаммияту эътибори илмию адабии «Рисолаи қушайрия» ва муаллифи онро дар доираи баррасии истилоҳоти суфия афзун намудааст.

## 3.3. Усулҳои корбурд ва сохтору муҳтавои ҳикоёт

Орифоне мисли Қушайрӣ дар осори худ бештар бар он мекӯшиданд, ки паёми худро дар шакли ҳикоёти кӯтоҳ дар ихтиёри мухотабонашон қарор диҳанд ва тавассути ин усул дарки мафоҳими ирфониро барои онон осон кунанд ва ҳамчунин, бо фасоҳати баёну мазмуни баланди афкори хеш асарбахшии осорашонро ба таври густурда бияфзоянд. Ба ин васила, дар дили соликон ангезае пайдо мегардид ва аз назари руҳӣ низ муридон тарбият меёфтанд. Ҳикоятҳои кӯтоҳи орифона дар байни осори мансури ирфонии адабиёти классикии форсӣ-тоҷикӣ ҷойгоҳи муҳимме доранд.

Бештари ҳикояҳои «Рисолаи қушайрия» сужетҳои кӯтоҳе аз рӯзгори бузургони дину орифон буда, фарогири мавзуоти таълимӣ мебошанд. Таъкиди Қушайрӣ бар баъзе аз мазмунҳо ва мавзуот боис шуда, ки як ҳикоят бо андаке тағйир дар шахсият ё ҳодисаи он дигарбора дар китоб такрор шавад. Кӯтоҳии ҳикоятҳои Қушайрӣ, ки теъдоди қаҳрамонҳо ва воқеаҳои онҳо маҳдуд аст, оғозу поёнашро ба ҳам наздик ва дарёфти матлабро осонтар кардааст. Инчунин, ҳикоятҳои «Рисолаи қушайрия»-аз назари сохтор кӯтоҳ ва сода буда, аз назари тарзи баён ҳадди олии эҷоз ба кор гирифта шудааст. Гузиниши қиссаҳои ҷаззоб барои ривоят ва интихоб аз мавқеият ё ҳодисае, ки метавонад, бар хонанда таъсири бештар дошта бошад, низ аз муҳимтарин вижагиҳои сохтории ҳикоятҳои Қушайрӣ мебошад. Чунончи гоҳе лаҳзаҳое ҳосил аз кашфу шуҳуд дар пайи ривоёти ин ҳикоятҳо қарор мегирад ва ба мадади илҳомоти қалбӣ ва воридоти ғайбию натиҷаи риёзату сулук бисёре аз ҳиҷобҳо аз муқобили чашмони ориф канор меравад ва нидои ғайбиро бевосита мешунавад. Бинобар ин, бештари ҳикоятҳои Қушайрӣ лаҳзаҳои кӯтоҳи достонӣ ва ҳосили мавқеиятҳое аст, ки суфӣ ё қаҳрамони қисса бо онҳо рӯ ба рӯ мешавад. Ин мавқеиятҳо гоҳо маврид аз иродаи қаҳрамон берун аст.

Маълум аст, ки бо пайдоиши насри ирфонӣ бештар масоили нақли аҳволу аҳволи орифон ба мавзуи аввалияи намунаҳои осори тасаввуфии мансур қарор гирифт. Ба назари аввал, нависандагони суфимашраб кӯшидаанд, ки гуфтор ва суханони аҳли тасаввуфро ба қалам оваранд ва китобат намоянд. Аз ин хотир,

шеваи муҳим ва аввалияи корбурди ҳикоёт дар ин навъ осор ба сурати нақлӣ ҷараён гирифтааст ё ба таъбири дигар ҳикояти асарҳои ирфонӣ ба шакли хеле кӯтоҳ ва нақли як-ду сухани мармузи ирфонӣ ҳастӣ пайдо намудаанд. Ин хусусият дар насри Қушайрӣ хеле барҷастааст ва чун бахши муҳимми ҳикоёти ин асарро зикри тарҷумаи ҳол ва суханони суфиён ба вуҷуд овардааст, нуфузи ин навъ ҳикоёт дар рисола ҷойгоҳи махсус дорад. Аз ҷумла, зимни зикри номаи рӯзгори Сарӣ чунин оварда: «Ҳикоят кунанд, ки Сарӣ гуфт: – Се маъниро ва он аст, ки нури маърифаташ нури вараъро фурӯ накашад ва андар илми ботин ҳеч чиз нагӯяд, ки зоҳири китоб бар ӯ нақз кунад ва каромоти ӯро бад-он надорад, ки парда боздарад аз маҳорим» [18, с. 31].

Аз ин ҳикоят равшан аст, ки он танҳо аз тафсири маънии тасаввуф дар андешаи ин суфии маъруф иборат аст ва чун худи муаллиф бо ибораи ҳикоят кунанд, ки матлабро оғоз менамояд, бо такя ба ҳамин нуктаи муҳим мо онро ба гурӯҳи ҳикоёти кӯтоҳу нақлӣ шомил менамоем, ки хосси асарҳои ирфонӣ мебошад.

Бештари ҳикоёти «Рисолаи қушайрия» хусусияти тарҷумаиҳолӣ доранд ва ба нақли номаи рӯзгор ва суханони аҳли тасаввуф бахшида шудаанд. Нақли зиндагонии намояндагони ҷараёнҳои мухталифи тасаввуф худ ба таври ҷудогона навъе ҳикояти тарҷумаиҳолӣ ё санадҳои воқеиро нишон медиҳад. Масалан, навъе аз ин гуна ҳикоятро дар мавриди Фузайли Иёз ба гунаи зайл тазаккур додааст: «Ва аз эшон буд **Абуалӣ Фузайл ибни Иёз** ва хуросонӣ буд аз ноҳияти Марв ва гӯянд, ки мавлудаш ба Самарқанд буд ва ба Бовард бузург шуд ва вафоти вай ба Макка буд андар муҳаррами санаи сабъа ва самонин ва миата.

Фазл ибни Мусо гӯяд, ки Фузайл айёре буд, ба роҳ задан миёни Бовард ва Сарахс ва сабаби тавбаи вай он буд, ки бар канизаке ошиқ буд ва зери деворҳо ҳамешудӣ ба наздикии он каниз, шунид, ки касе ҳамехонад: «А лам яъни лиллазийна оману ан тахшаъа қулубуҳум лизикриллоҳи». Ӯ гуфт: – Ё Раб, гоҳ омад ва аз он ҷо бозгашт, он шаб бо вайронӣ шуд ва гурӯҳеро дид, он ҷо (аз корвониён) баъзе гуфтанд, биравем ва дигарон гуфтанд, то бомдод, ки Фузайл

андар роҳ аст ва Фузайл тавба кард ва эшонро эмин кард ва омад ба ҳарам» [18, с. 27]. Дар ин ҳикояти кӯтоҳ, шахсияти образ, ҷойи тавлид, мавзеи камолоту шеваи фаъолият, маҳалли вафот ва таърихи он мушаххас зикр ёфтааст. Қуллаи сужети он ин аст, ки Фузайл аз корҳои бади худ тавба кардааст ва ба корҳои хуб рӯ овардааст. Маҳз ҳамин қисмати сужет сабаби зикри ин ҳикоят гаштааст ва арзиши таълимию тарбиявии ҳикоятро таъмин намудааст.

Ба ин минвол, мутолиаи чунин ҳикоёти муттакӣ бар воқеият ва дорои хусусияти тарҷумаиҳолӣ чанд ҷузъиёти муҳимми шеваҳои корбурди ҳикоётро дар насри ин китоби муътабар ҷилвагар месозад. Дар назари аввал, мукаммалан, навъе бо шеваи хос тарҷумаи ҳоли намояндаи тасаввуф нақл карда мешавад. Нуктаи дувум он аст, ки дар таркиби ҳикоят суханони қаҳрамони асосӣ роҷеъ ба ин ё он масоили тасаввуфӣ оварда мешавад ё ҳадди ақал суханони қаҳрамони суфӣ аз номи дигар намояндагони аҳли тасаввуф нақл мешаванд, ки муаллиф онҳоро аз осор ё сарчашмаҳои дигар ё зимни суҳбати фардӣ бо онҳо фароҳам овардааст. Тавре тазаккур ёфт, нақли суханони суфӣ худ ба шакли як ҳикояти кӯтоҳи нақлӣ омадааст, ки ин нукта баёнгари он аст, ки дар таркиби ҳикояти тарҷумаҳолии ҳаҷман бузургтар чунин ҳикоёти шаклан кӯтоҳи нақлӣ истифода шудааст, ки ин равиши хосси сабкии насри ирфонӣ, бахусус «Рисолаи қушайрия» мебошад. Дар баробари ин, дар таркиби ин навъ ҳикоёти воқеӣ ва тарҷумаиҳолӣ суханони намояндагони дигари аҳли тасаввуф дар бораи шахсият ва каромоти қаҳрамони аслии ҳикоят оварда мешаванд, ки намунаи он дар боло оварда шудааст.

Дар ҳикоятҳои кӯтоҳи ирфонӣ, махсусан «Рисолаи қушайрия» шумори воқеа кам аст ва бар ривоят кардани воқеаи аслӣ диққат дода мешавад, воқеае, ки маъмулан, лаҳзаи дуруахшон аз зиндагии қаҳрамон аст. Ҳамчунин, мумкин аст, лаҳзаҳое ногаҳонии таҳаввули шахсият дар пайи ривоёти ин достонҳои кӯтоҳи ирфонӣ қарор бигирад. Дар баъзе маврид ҳикоятҳо густариш наёфта, ба поёни худ наздик мешавад, ё кашмакаше дар он рӯй намедиҳад, ё бе муқаддима ва бо воқеаи аслӣ оғоз мешавад ва дар нуқтаи авҷ ба поён мерасад. Дар дигар маврид, достон бо ривоят кардани воқеаи аслӣ дар ҳамон ибтидои ҳикоят оғоз

мешавад ва бидуни муқаддима шакл мегирад ва бо вуруди шахсияте ба саҳнаи достон ё зуҳури мушкиле оғоз мешавад.

Аз мутолиаи сохтору муҳтавои ҳикоёти «Рисолаи қушайрия» бармеояд, ки Қушайрӣ дар нақли тамоми ҳикоятҳояш аз ҳамаи унсурҳои сохтории таҳкия муваффақона кор гирифтааст, аммо дар ҳар ҳикоят барои таркиби ин аносир аз шеваи хоссе истифода кардааст. Ӯ кӯшиш карда, ки бо дар назардоштани шароити ҳар ҳикоят ва бо истифодаи мавриде аз унсурҳои тарҳ ҳикоятҳояшро хонданӣ кунад.

Дар ҳикоятҳое, ки каромоти авлиё дида мешавад, маъмулан дар лаҳзаи буҳронии достон замина барои зуҳури каромот муҳайё мешавад. Дар ҳикоятҳои орифона каромот, ки рӯйдоде хориқулода аст, бештар дар лаҳзаи авҷи ҳикоят қарор мегирад ва бинобар қоида бояд аз таъсири сохтори достон бикоҳад. Аммо бо таваҷҷуҳ ба ҳолу ҳавои ин гуна достонҳо ин рӯйдод аз назари мухотабони Қушайрӣ, ки аз иродатмандон ба суфиён ё муътақидон ба тасаввуфанд, пазируфтанӣ аст. Чунки ин каромот ба назар ба дасти ориф ва дар асл ба иродаи Худованд анҷом мешавад. Ин каромот гоҳе фақат барои ориф руъят шуданӣ аст, ба монанди илҳомоти дарунӣ, овози ҳотиф... ва гоҳе барои дигарон низ мушоҳида шуданӣ аст, мисли падид омадани таому мева, ғоиб шудан аз назарҳо ва монанди инҳо. Чунончи: «Абусаиди Харроз гӯяд: – Андар сафаре будам, ҳар се рӯз чизе падидор омадӣ, бихурдаме ва бирафтаме. Як бор се бигузашт, ҳеҷ чиз падид наёмад, заъиф шудам. Ҳотифе овоз дод, ки сабабе дӯсттар дорӣ ё қуввате? Гуфтам: – Қуввате. Бархостам, ҳолӣ ва бирафтам ва то дувоздаҳ рӯз ҳеҷ наёфтаму заиф нашудам» [18, с. 652]. Ҳамин гуна дар достонҳое, ки рӯйдоди каромот дар онҳо дида мешавад, гираҳкушоӣ дар поёни ҳикоят ва маъмулан аз забони соҳиби каромот баён мешавад. Масалан, дар ҳикояти зерин ин гуна ҳолат ба назар мерасад: «Абуимрони Восатӣ гӯяд: – Андар киштӣ будам бо аҳли хеш. Киштӣ бишкасту ману зан бар тахтае бимондам ва он занро вақт фаро расид, ки бор бинҳад. Андар ҳол кӯдаке ба вуҷуд омад ва он зан бонг ҳаме кард аз ташнагӣ ва ман мегуфтам, ҳамин соат роҳате падидор ояд. Сар бардоштаму мардеро дидам, андар ҳаво нишаста, занҷире заррин дар даст ва

кӯзаи ёқут андар вай баста. Гуфт: – Бигиреду об хӯред. Кӯза бистудам ва об хӯрдем. Бӯётар аз мушк ва сардтар аз барф ва ширинтар аз шакар буд. Гуфтам: – Ту кистӣ, раҳимакаллоҳу! Гуфт: – Бандаам аз Худованди ту. Гуфтам: – Ба чӣ расидӣ, бад-ин ҷойгоҳ? Гуфт: – Барои Ӯ аз ҳавои хеш даст бидоштам, маро бар ҳаво нишонд ва аз чашми ман ғоиб шуд» [18, с. 654]. Ин ҳикоят дар баробари нақли каромот, бо ин ки дар хати сужети он инсон аз мушкилот ба таври муҷизавӣ раҳо меёбад, таваҷҷуҳбарангезу хушҳолкунанда мебошад.

Бо ин тариқа, поёни ҳикояҳои Қушайрӣ бо дастоварде маънавӣ пайванд меёбад, зеро ки маъмулан, пас аз вуқуи каромат ё рӯйдоди хориқулода дар шахсиятҳои достон таҳаввулоте рух медиҳад, ки ҳолатҳои мухталифе монанди шармсорӣ, пушаймонӣ, таҳайюр ва ғайраро ба ҳамроҳ дорад.

Теъдоди шахсиятҳое, ки дар ҳар достон нақш иҷро мекунанд, бо ҳаҷми он робитаи зич доранд. Табиист, ки дар достонҳои кӯтоҳ имконияте барои офаридани шахсиятҳои зиёд нест. Ба ҳамин сабаб, ҳикоятҳои зиёди «Рисолаи қушайрия» образҳои кам доранд. Сохтори ин ҳикоятҳо бештар бар ду ё се шахсият офарида шуда ва дар достонҳои се шахсиятӣ, ҳатто образи сеюм нақши муҳимме надорад. Дар бештари ҳикоятҳо достон дар атрофи як шахсият давр мезанад. Бештар ин шахсият, ки дар оғоз дар ҳолати бехабарӣ буд, бар асари нидое дарунӣ ё омиле берунӣ мутаҳаввил мешавад ва тағйири масир медиҳад ва ба дараҷае мерасад, ки гоҳе аз ӯ каромат содир мешавад.

Бояд таъкид намуд, ки дар ҳикоятҳои орифона қаҳрамон бар асоси ниёзҳои сохторию мавзуӣ офарида мешавад. Ин қаҳрамон метавонад, бо шахсиятҳои таърихӣ шабоҳат дошта бошад, вале дақиқан бо онҳо мутобиқат надорад. Чунонки дар достонҳои орифона гоҳе шахсиятҳое, ки ба як давраи замонӣ мутааллиқ набудаанд, бо ҳам гуфтугӯ мекунанд ва нависанда як қиссаро ба ду шахсияти мутафовит нисбат медиҳад.

Бояд гуфт, ки қаҳрамонҳои Қушайриро нигоҳи ӯ ба дунёи мавриди назараш меофарад ва интихоби онҳо ба ҷаҳонбинии ӯ вобастагӣ дорад. Ҳикоятҳои «Рисолаи қушайрия» шахсиятмеҳваранд, аммо қаҳрамонҳо дар ҳар ҳикоят танаввуъ надоранд. Нигоҳе ба маҷмуаи ҳикояҳои бисёр кӯтоҳи Қушайрӣ

метавон меҳваритарин қаҳрамонҳои онҳоро шайхҳои суфия ва пирони тариқат донист, ки дар маркази рӯйдодҳо қарор доранд. Бештари ин қаҳрамонҳои ҳикоятҳо аз ҳамасрони Қушайрӣ ва орифони пеш аз ӯ ҳастанд. Абуалии Дaққоқ, Ҷунайд, Шиблӣ, Зуннуни Мисрӣ, Иброҳими Хавос, Боязид, Иброҳими Адҳам, Ҳасани Басрӣ аз шахсиятҳое мебошанд, ки дар ҳикоёти китоб зиёд рӯ ба рӯ мегарданд ва сужети бештари ҳикоёт дар пояи воқеияту ибтикороти ин шахсиятҳо падид оварда шудааст.

Аз назари сабки таълиф ва равиши нигориш бошад, ҳарчанд дар ҳикоёти ин навъ осор ҳаракати қаҳрамон ва воқеот зиёд нестанд ва бештар ҷанбаи нақлӣ доранд. Аммо маълум мешавад, ки дар вусъати ҳодисаву воқеаҳои хеле мухтасар рамзу роз ва матолиби фаровон нуҳуфтааст. Дар баробари ин, нақли шарҳу тафсири бисёри мавзуъ ва матолиби ирфонӣ дар каломи қаҳрамони ҳикоёти «Рисолаи қушайрия» аз он дарак медиҳад, ки дар асарҳои суфиёна бештар нафароне ба унвони қаҳрамони ҳикоёт баргузида мешаванд, ки дорои фазилати хосси инсонӣ, мақоми шоистаи тасаввуф ва донишу хирад ва заковати баланд ҳастанд.

Қаҳрамон ва образҳои ҳикоятҳои Қушайрӣ инсон мебошад. Илова бар орифоне, ки дар ҳикоятҳо аз онон ном бурда мешавад, гурӯҳе аз шахсиятҳо низ бидуни зикри ном ва ба унвони кулли ёд мешавад, монанди ҷавон, халифа, пир, дарвеш, ғулом, шайх, аъробӣ, суфӣ, қозӣ ва ғайра. Албатта, дар ҳикоятҳои кӯтоҳ барои ривоят кардани пӯёии шахсиятҳо маҷоли камтаре вуҷуд дорад. Вале бо вуҷуди ин, ҳикоятҳои Қушайрӣ бар пояи ҳадафҳои тарбиявии ӯ офарида шудаанд, ҳадафҳое, ки бунёди онҳо дигаргунӣ аст. Ин дигаргунӣ гузаштан аз вазъияте ба вазъияти беҳтар ва аз залолату гумроҳӣ ба сӯйи рӯшаноӣ рафтан аст. Хулқу хӯйи шахсиятҳо ва гоҳе иноятӣ Илоҳӣ аз омилҳое аст, ки боиси ин дигаргунӣ мешаванд ва ин омилҳо дар либоси кароmот зуҳур меёбад ва сабаби тағйири рафтори шахсиятҳо мегардад. Дар баробари ин, дар «Рисолаи қушайрия» теъдоде аз шахсиятҳо дучори таҳаввул намешаванд. Барои мисол шахсияти машоихи тасаввуф, ки бо суханон ва амалҳои худ муҷиби таҳаввули дигарон мешаванд.

Зикри замону макон дар ҳикоятҳои Қушайрӣ яксон нест. Дар баъзе аз достонҳои ӯ ба замону макон ишорае нашудааст. Аз ин рӯ, гоҳе хонанда метавонад, бар асоси нишонаҳои мавҷуд дар достон саҳнаҳои мубҳаме аз мавқеиятро дар зеҳнаш нақш бандад. Дар баробари ин, дар қисме аз ҳикоятҳо зикри замону макон бисёр аҳаммият дорад, зеро бахше аз занҷираи ҳаводиси достон ба зикри замону макони вуқуи ҳодиса вобаста аст. Дар офаридани саҳнаи ҳикоятҳо Қушайрӣ гоҳе замону макони вуқуи амали қиссаро дар аввали достонҳо ва гоҳе дар тули ривоят ва ба муҷиби зарурат меоварад. Дар бархе аз ҳикоятҳо дар асnои гуфтугӯи шахсиятҳо ба саҳнаи достон ишора мешавад. Чуноки дар ҳикояти зерин дар баробари зикри макон онро тавзеҳ низ додааст: «Аз устод Абуалӣ шунидам, ки гуфт: – Марде буд ба Фаррухак деҳе аст бар канори Нишопур, пирони ин тоифа буд ва ӯро андар ин забон таснифҳост... » [18, с. 488]. Воситаи баён дар ин гуна таҳкия саволу ҷавоб мебошад.

Аз назари муддати замони тавсифшуда дар мавридҳое ваҳдати замон вуҷуд дорад, яъне воқеаи достон дар давраи кӯтоҳе аз замон рух медиҳад. Масалан, дар муддати камтар аз як шабонарӯз. Инчунин, Қушайрӣ ба макони вуқуи рӯйдодҳо, нисбат ба замони онҳо таваҷҷуҳи бештаре доштааст. Дар қисми зиёди ҳикоёт ба сурати гузаро ба макон ишора шуда ва дар қисме аз онҳо маконҳои хос ном бурда шудааст.

Шарҳи ҳол ё асноди воқеӣ дар «Рисолаи қушайрия» аз забони худи муаллиф нақл мешавад ва дар даруни воқеаҳо ширкаткунанда ҳикоятро аз забони нафарони дигари маълум ё шахси сеюм меоварад. Ин усули ҳамон қисса андар қисса мебошад, ки хусусиятҳои нақли ирфонӣ касб кардааст ва нисбат ба ҳикоёт ва қиссаҳои пурмоҷарои навъҳои дигари асарҳо мухтасартар баён шудааст. Барои намуна аз оғози «Рисолаи қушайрия» чунин ҳикоётро нақл мекунем: «Гӯянд, ки муриде буд, устод Имом раҳимаҳуллоҳуро, марде муътамад ба сукун. Ҳикоят кард, ки дар аҳди устод Имом, раҳимаҳуллоҳ, яке аз ҷумлаи дарвешони Мовароуннаҳр биёмад ба Нишобур ва гуфт: – Ман дар диёри Шом будам ва ба масҷиде шудам ва ҷамъеро дидам, дар он масҷид, ки намоз ҳамекарданд ва чун аз намоз фориғ шуданд, бар сафи ҷамъият

биншастанд ва ҳеч сухан намегуфтанд. Дар хотири ман чунон омад, ки эшон автоди заминанд. Ман низ дар он масҷид бо эшон биншастам. Ва албатта, ҳеч сухан намегуфтанд. Ҳар гоҳ ки вақти намоз даромадӣ, яке бархостӣ ва бонги намоз кардӣ ва қомат гуфтӣ ва яке дар пеш шудӣ ва фарз бигузоридандӣ ва дигар боз сари вақт ва фикрати худ шудандӣ. То муддате бар ин баромад, ба хотирам даромад, ки бозгардам, боястӣ ки маро панде додандӣ ё васияте кардандӣ. Яке аз эшон гуфт: – Агар туро он чӣ дидӣ, аз ҳолат ва сират ва сукунати мо басанда нест, ҳеч чизи дигар басанда накунад. Пас, хомӯш ҳамебудам, ба хотирам даромад дигарбора, ки бозпурсам, ки ба ғайр аз эшон дар диёри ислом ҳеч каси дигар чун эшон ҳаст ё на. Яке аз эшон гуфт, ки Қутб дар Хуросон аст ва он Абулқосим, раҳимаҳуллоҳу, аст. Ман аз масҷид берун омадам ва қасди Нишобур кардам [18, с. 3]. Ин ҷо дар баробари фаъолияти обидонаю омӯзандаи он дарвеши мовароуннаҳрӣ мақом ва манзалати соҳиби рисола низ аз ҷониби яке аз ҳозирин таъкид шудааст, ки қобили таваҷҷуҳ мебошад.

Аз ин ҳикоят нуктаи дигаре ҳам маълум мешавад, ки дар муҳтавои ҳикоёти насри ирфонӣ, бахусус «Рисолаи қушайрия» шеваи нигориши сафарномаҳо низ ҷой дорад ва гоҳо барои тавзеҳи матолиби ҷуғрофӣ ва ахлоқиву ирфонӣ нақлҳое оварда мешавад, ки аз рӯйи шунидаву дидаҳои қаҳрамон сурат гирифтааст. Инчунин, мавзуи бархе аз ҳикоёт шарҳи ҳаводисе аст, ки ҳангоми сафар барои қаҳрамонҳо рӯй додааст. Мақсади бисёре аз сафарҳо зиёрати хонаи Худо аст. Ҳамчунин, бодия ба манзалаи маҳалли убури мусофирон, ки убур аз он ташнагию машаққати бисёре ба ҳамроҳ дошта, барои имтиҳону санҷидани мизони таваккули соликон ва инояти Худованд нисбат ба ӯ макони муносибе будааст. Макони вуқуи ҳаводис низ маъмулан маҳдуд аст ва воқеаҳои достон дар маконҳои муайян ва маҳдуд рух медиҳад.

Дар сабки ҳикоёти дар «Рисолаи қушайрия» истифодашуда бештар нақл аз номи шахси сеюми номаълум ба назар мерасад ва инчунин усули муколама ё саволу ҷавоб бисёр истифода мегардад. Ҳаракати қаҳрамонҳо ё истифодаи ҳодисаву воқеа танҳо дар ҷараёни аз назди касе ба касе рафтан ё ба истилоҳ

фосилаи бисёр кӯтоҳ сурат мегирад ва дар охири ҳикоят як нуктаи муҳимми ирфонӣ ё фалсафӣ тафсир ё тавзеҳ пайдо мекунад. Нақли ҳикояте аз рӯзгори Зуннуни Мисрӣ ин андешаро ба субут мерасонад, ки дар мавриди касеро назди Боязиди Бастомӣ фиристодани ӯ нақл мекунад: «Ҳикоят кунанд ки Зуннуни Мисрӣ касеро наздики Боязид фиристод, то хабари ӯ бозпурсад ва сифати вай бидонад. Мард ба Бастом омад ва сарои Боязид пурсид, андар наздики Абуязид шуд. Боязид ӯро гуфт: – Чӣ мехоҳӣ? Гуфт: – Боязидро мехоҳам. Боязид гуфт: – Боязид кист, дер аст, то ман Боязидро мехоҳам. Мард берун омад ва гуфт: – Ин девона аст. Бо наздики Зуннун шуд ва ӯро хабар дод, ки Боязидро бар чӣ ёфтам. Зуннун бигрист ва гуфт: – Бародари ман Боязид ба Худой шуд бо ақрони хеш» [3, с. 112]. Ҳамин равиши баён ва қабул кардани меҳмон дар баъзе ҳикоёти осори ахлоқӣ интиқол ёфтааст.

Аз муҳимтарин вижагиҳои баёни андеша дар ҳикоёти «Рисолаи қушайрия» истифода аз гуфтугӯҳои шахсиятҳои достонӣ ба ҳисоб меравад. Ба андешаи адабиётшинос Рӯзӣ Аҳмад, «Нависандагони минимол (достони кӯтоҳ) бо истифода аз гуфтугӯи шахсиятҳои достон иттилотеро, ки хонанда ниёз дорад, вориди достон мекунанд ва феълу инфиоли инсониро ба намоиш мегузоранд» [59, с. 84]. Дар воқеъ, гуфтугӯ вуҷуди аслии бештари ҳикоятҳои Қушайриро ташкил додааст. Ба дараҷае ки агар гуфтугӯи бархе аз онҳо ҳазф шавад, чизе аз ривоят боқӣ намемонад, аммо ин гуфтугӯҳо истиқлол надоранд ва аз забони ровӣ нақл мешаванд. Ҳамчунин, дар ин ҳикоятҳо бар хилофи достонҳои замони муосир, ки нависандагон талош мекунанд, гуфтугӯҳоро бо мавқеиятҳои иҷтимоӣ, табақотӣ, нажодию қавмӣ ва вижагиҳои фардии шахсиятҳо мутобиқат диҳанд, дар гуфтори шахсиятҳо тафовуте вуҷуд надорад, ҳатто дар онҳо аз унсурҳои лаҳҷа ё калимоти омиёна нишоне дида намешавад. Қушайрӣ дар ин ҳикоятҳо ба ҷойи ҳамаи шахсиятҳо сухан мегӯяд. Бо дар назардошти ин, метавон гуфт, ки гуфтугӯ дар ҳикоёти «Рисолаи қушайрия» мавқеи муҳим дорад. Зеро гуфтугӯ бозтобдиҳандаи сират ва равиши зиндагӣ, ахлоқу ақоиди шахсиятҳо мебошад. Маҳз гуфтугӯ сохтори достонро густариш медиҳад ва бисёре аз иттилооти достонро мунтақил мекунад ва гоҳо маврид низ муҳтавои

достон аз забони шахсиятҳо баён мешавад. Гуфтугӯҳо дар ҳикоёти Қушайрӣ гоҳе миёни ду нафар ё бештар сурат мегирад ё дар зеҳни шахсияте баён меёбад. Аз ин рӯ, метавон онҳоро ба гуфтугӯҳои диалог ва монолог тақсим кард.

Дар қисме аз ҳикоятҳо яке аз шахсиятҳо хитоб ба дигаре сухан мегӯяд ва дигарӣ хомӯш аст ва маъмулан, бо амали худ посух медиҳад. Гуфтугӯҳои диалог маъмулан, миёни ду инсон ва гоҳе миёни инсон бо ғайриинсон анҷом мешавад, монанди гуфтугӯ бо ҳайвон, гуфтугӯ бо нафс, гуфтугӯ бо иблис ва монанди инҳо. Ин вижагӣ ба адабиёти мусосир интиқол ёфта, ба тавлиди насри андеша заминаҳо фароҳам кардааст. Вале он ба шаклу моҳияти ҷадид ва тибқи талаботи замон зуҳур ёфтааст.

Аз назари фарогирии мавзуъ низ ҳикоёти «Рисолаи қушайрия» қобили таваҷҷуҳ аст. Албатта, ҳар ҳикояте ба мавзуе бахшида шудааст. Қушайрӣ дар мақоми орифе миёнарав зимни нишон додани орои мухталиф, бо нигоҳе наққодона ва ба дур аз таассуб бисёре аз ҳикоятҳояшро дар масири омӯзиши ирфони амалӣ қарор додааст. Муҳтавои бештари ҳикоятҳои Қушайрӣ баргирифта аз мавзуъҳои ирфонӣ, мазҳабӣ ва ахлоқӣ аст. Қушайрӣ гоҳе маврид берун аз чорчуби ҳикоёт (қабл ва ё баъд аз он) ба баёни назари худ роҷеъ ба мавзуи мавриди баҳс мепардозад. Дар ин замина, гоҳо мазмуни мавриди назарашро аз забони ровӣ ё яке аз шахсиятҳои достон матраҳ мекунад. Ҳамин гуна, аз муҳимтарин муҳтавои ҳикоёти «Рисолаи қушайрия» иборат аст аз: каромот, тавба, манзалату ҳайбати пир, ҷуду бахшиш, хайру эҳсон, муҳаббат ба Ҳақ, пайвастагӣ ва пойдорӣ дар ибодат, таваккул ва ғайра. Ҳар яке аз ин мавзуъҳо дар ирфони назарӣ ва амалӣ ниҳоят муҳим ва арзишманд ба назар расида, онҳоро соликони масири маърифат ва тасаввуф бо дастуроти Қушайрӣ барин орифони соҳибтаҷриба дар сайру сулуки хеш татбиқ месозанд.

Аз назари истифодаи забон ҳикоёти «Рисолаи қушайрия» дар он бештар мушоҳида мешавад, ки дар забони қаҳрамонҳои ҳикоёт унсурҳои лаҳҷавӣ, зарбулмасалу мақол, сухани омиёна дида намешавад, аммо қаҳрамонҳо дар иртибот бо якдигар ва бо таваҷҷуҳ бо муҳтавои мавзуи ҳикоёт забони фарққунанда доранд. «Дар муқоиса бо забони қаҳрамонҳои ҳикоёти муосир, ки

ҳар як аз қаҳрамонҳо бо вижагиҳои ахлоқӣ, иҷтимоӣ ва касбу кори гуногун ҳамоҳангӣ доранд, дар ҳикоятҳо ва достонҳои қадимӣ ба ин унсур таваҷҷуҳе намешуд» [118, с. 121]. Интихоби вожа ва чигунагии корбурди он дар забони қаҳрамонҳо то ҳадде намоёнгари лаҳни гӯяндаи он мебошад. Барои мисол, дар ҷумлаи зерин корбурди вожаи «малъун» ва мавриди хитоб қарор додани он дар эҷоди сухани таҳқиромез муассир афдотааст: «Ҷунайд гуфт: – Ё малъун, чӣ чиз туро аз саҷда кардан боздошт мар Одамро» [18, с. 199]. Албатта, дар ҳикоятҳое, ки Худованд мавриди хитоб қарор мегирад, забони ниёзхоҳонаи қаҳрамонҳо дида мешавад. Дар баробари ин, каломи меҳрварзонаи Худованд низ бо хитоби «бандаи ман» мушаххас мешавад. Ҳангоме ки мухотаб шайхе ё бузурге қарор мегирад, каломи эҳтиромомез ба назар мерасад.

Дар маҷмуъ, аз баррасии шеваҳои корбурд ва сохтору муҳтавои ҳикоёти Қушайрӣ дар китоби хеш маълум мегардад, ки аксари ҳикоёт дар ин навъ осор бар асоси воқеоти зиндагонии аҳли тасаввуф ба қалам омадаанд ва қаҳрамонони ҳикоёт низ бештар афроди вориди тасаввуфи амалӣ ё хонақоҳӣ ҳастанд. Аз сӯйи дигар, агар нақли тарҷумаи ҳол ва суханону ҳолоти намояндагони тасаввуф ба сурати ҳикояти мукаммали тарҷумаиҳолӣ даромада бошад, зикри суханон ё муколамаи онҳо бо нафарони дигари суфимашраб ба таҷассуми равиши корбурди қолиби ҳикоят андар ҳикоят бо усули махсуси насри ирфонӣ ишорат менамояд.

Ҳикоятҳои Қушайрӣ бо мақсади пандомӯзӣ, осон намудани матолиби ирфонӣ, муаррифии шахсиятҳои бузурги ирфонӣ, тақвият бахшидан ба бовариҳои муридон, муассир гаштани калом ва ғайра дар батни дигар мавзуоти китоб ғунҷоиш ёфтаанд. Баррасии ҳикоятҳои кӯтоҳи «Рисолаи қушайрия» нишон медиҳад, ки бештари ҳикоятҳои ирфонии он дорои вижагиҳое мебошанд, ки дар сабки достонҳои кӯтоҳи адабиёти муосир ба назар мерасанд. Аз он ҷумла, метавон ба ин мавридҳо ишора кард; баёни лаҳзаҳои хос аз як ҳодиса, майл ба эҷоз ва кӯтоҳии ривоят, истифода аз забони сода ва парҳез аз пургӯӣ, маҳдудияти теъдоди воқеа, камии тедоди қаҳрамонҳо, маҳдудияти саҳнапардозӣ, интихоби сохтору тарҳи сода. Дар баробари ин, бо бархе аз

вижагиҳо ҳикоёти Қушайрӣ аз ҳикоятҳои кӯтоҳи замони имрӯз тафовут дорад. Аз ҷумла, мавқеи баланди ровӣ дар ҳикоятҳо ва таваҷҷуҳи Қушайрӣ дар бархе аз ҳикоятҳо истифода аз истилоҳоти тасаввуф ва вожаву таъбироти арабӣ мебошад.

Ҳикоятҳои Қушайрӣ сохтору тарҳи сода дорад ва бештар бе муқаддима ё бо муқаддимае кӯтоҳ шуруъ мешавад. Бештари қаҳрамонҳои ҳикоёт серҳаракат ва таҳаввулёбанда мебошанд. Бештари достонҳо дорои ду ё се образанд, аммо дар маркази нақли достон як қаҳрамон қарор дорад. Қаҳрамонҳо маъмулан, бо намоиши кирдору гуфторашон муаррифӣ шудаанд.

Қушайрӣ ба усули гуфтугӯ дар ҳикоятҳо аҳаммияти хоссе додааст. Ин гуфтугӯҳо гоҳе дутарафа (диалог) ва гоҳе яктарафа (монолог) мебошад. Забони баёни Қушайрӣ маҷмуан дар ҳикоятҳояш бо мавзуи китоб, ки таълими ақоиду орои суфия аст, мувофиқат дорад ва забони қаҳрамонҳо низ ҳамон забони ҷиддӣ ва олимонаи Қушайрӣ аст. Гоҳо маврид қаҳрамонҳо дар иртибот бо якдигар ва бо таваҷҷуҳ ба муҳтаво ва мавзуи ҳикоятҳо каломи мутанаввеъ доранд. Қушайрӣ дар бархе маврид ба таври мустақим ба забони қаҳрамонҳо ишора карда ва гоҳе забони баёни онҳоро бо корбурди вожагон нишон додааст. Ҳикоятҳои «Рисолаи қушайрия» намунае аз достонҳои кӯтоҳе дар мутуни ирфонии адабиёти форсӣ-тоҷикӣ аст. Дар китоб ин навъи ҳикоятҳо мавқеи муҳимро дар расонидани паём ва ҳадафу мақсади муаллиф ишғол намудаанд.

## 3.4. Таъсири «Рисолаи қушайрия» ба осори ирфонии форсӣ-тоҷикӣ (дар мисоли «Кашф-ул-маҳҷуб»-и Ҳуҷвирӣ)

Тарҷумаи «Рисолаи қушайрия»-и Абулқосими Қушайрӣ дар радифи муҳимтарин сарчашмаҳои осори мансури ирфонии адабиёти классикии форсӣ-тоҷикӣ қарор дорад, ки таъсири назаррасе ба осори ирфонии баъд аз худаш гузоштааст. Китоби Қушайрӣ фарогири муҳимтарин матолиб ва масоили тасаввуфи назарӣ ва амалӣ ба шумор меравад, ки дар байни осори мансури ирфонии адабиёти классикии форсӣ-тоҷикӣ нақши муҳим дошта, аз зумраи муҳимтарин сарчашмаҳои китобҳои ирфонӣ, аз ҷумла «Кашф-ул-маҳҷуб»-и Ҳуҷвирӣ, осори Ғаззолӣ, «Тазкират-ул-авлиё»-и Шайх Аттор ва ғайра маҳсуб меёбад. Бо вуҷуди ин, то кунун дар адабиётшиносии тоҷик ба андозаи кофӣ ин асари арзишманду пурмуҳтаво таҳқиқ нашудааст. Дар ин фасл бештар саъй шудааст, ки таъсири «Рисолаи қушайрия» ба осори манзуму мансури ирфонӣ муайян гардад ва ҳамчунин таҳлили муқосиавии он бо «Кашф-ул-маҳҷуб»-и Ҳуҷвирӣ сурат гирад.

Табиист, ки ҳар асари адабӣ мутаассир аз осори пеш аз худ аст, аммо дар баробари ин вобаста ба ҳунару истеъдоди нависанда дар ҳар асар дигаргунӣ ба назар мерасад. Дар асоси ин, муаллифи асари тоза бо дигаргунӣ дар осори пеш аз худ ва эҷоди халлоқият метавонад, асари адабии нав офарад. «Рисолаи қушайрӣ» ҳам аз осори пеш аз худ, аз ҷумла сарчашмаҳои арабӣ ба монанди осори Абуабдурраҳмони Сулламӣ таъсири муфиде пазируфтааст. Дар баробари ин, ба осори ирфонии баъд аз худаш ҳам таъсири зиёде гузоштааст. Чунонки маълум аст, пас аз тарҷума гардидани «Рисолаи қушайрия» ба забони форсӣ-тоҷикӣ дар тамоми гӯшаю канор қаламрави ин забон орифону суфиён аз он истифода менамуданд ва дар як муддати кӯтоҳе байни ин тоифа шуҳрати зиёде пайдо намуд. Баъдан, матолиби «Рисолаи қушайрия» дар осори ирфонии баъд аз худ гоҳо айнан ва гоҳо бо тағйирот нақл шудаанд. Бештар ҳикоёту нақли аҳволи орифон аз «Рисолаи қушайрия» ба осори манзуму мансури ирфонӣ таҳвил шудааст. Таъсирпазирӣ ва таъсиргузорӣ як раванди эҷодӣ ва маъмул дар

байни аҳли адаб маҳсуб ёфта, он баҳри рушду нумуи адабиёти бадеӣ нақши созгор гузоштааст.

Чунончи матолиби боби «тавба» дар тарҷумаи «Рисолаи қушайрия» бо «Шарҳи таарруф» монандии зиёд дорад ва он дар мавриди худ ба «Кашф-ул-маҳҷуб» ҳам роҳ ёфтааст. Дараҷаи таъсирпазирӣ ва таъсиргузорӣ дар ин навъ осор бисёр муҳим ва дархури таваҷҷуҳ аст, зеро ба кӯмаки ин навиштаҳо мизони нововарии муаллиф дар дастёбӣ ва мурочиаи ӯ ба манобеи куҳантар ва ғайра табйин мешавад. Мушаххас намудани сарчашмаи ҳикоёти «Рисолаи қушайрия» аз аҳаммияти вижае бархурдор хоҳад буд, ки аз маҷмуаи 474 ҳикояти мавҷуд дар тарҷумаи «Рисолаи қушайрия» кадом ҳикоёт аз зеҳну хотири Қушайрӣ баромада ё вай аз китоби дигаре иқтибос кардааст. Ё агар нависанда аз китоби дигаре иқтибос карда бошад, шеваи баёни ӯ бо манобеи қаблӣ чӣ тафовутҳое дорад. Инчунин, муайян сохтани ҳикоятҳои Қушайрӣ дар осори баъд аз ӯ ва тафовути баён дар сохтору муҳтаво он аз масоили калидӣ ва муҳимми ин ҷараёни адабӣ ба шумор меояд. Масалан, бозтоби бисёре аз ҳикоёти «Рисолаи қушайрия»-ро дар «Бӯстон»-и Саъдӣ мушоҳида мекунем.

Таъсири «Рисолаи қушайрия»-ро ба осори ирфонӣ метавон дар масъалаҳои зерин баррасӣ намуд:

1. Айнан омадани як ҳикоят;
2. Бо тағйирот дучор шудани ҳикоят;
3. Нақли аҳволи орифон;
4. Шабоҳатҳои мавзуӣ;
5. Овардани оёту аҳодис.

Ҳикояти зерин ки дар боби сию шашуми «Рисолаи қушайрия» омадааст, бо каме тағйир дар «Асрор-ут-тавҳид»-и Ибни Мунаввар, «Кимиёи саодат»-и Имом Ғазолӣ ва «Бӯстон»-и Шайх Саъдӣ бо баҳрабардории муаллифон интиқол ёфтааст. Дар «Рисолаи қушайрия» чунин омадааст: «Вақте Абуусмон ба кӯе мешуд, таште хокистар аз боме биандохтанд. Бар сари вай афтод. Шогирдон забон андар он кас гушоданд ва чизҳо ҳамегуфтанд. Абуусмон гуфт: – Ҳеҷ чиз магӯед ӯро. Ҳар ки мустаҳаққи он бувад, ки оташ ба вай резанд ва ба хокистар

сулҳ кунанд, ҷои хашм набошад» [18, с. 398]. Ин ҷо сират ва таҳаммули ҷолиби Абуусмон чун намунаи ибрат ба ҷилва оварда шудааст.

Дар «Асрор-ут-тавҳид» ҳамин ҳикоят ба каме тағйир чунин омадааст: «Рӯзе Шайхи мо [Абусаид], қаддас-ул-лоҳу руҳ-ул-азиз, дар Нишопур ба маҳаллае фурӯ мешуд ва ҷумла мутасаввифа, беш аз саду панҷоҳ кас бозу ба ҳам. Ногоҳ, зане пораҳои хокистар аз бом бияндохт, нодониста, ки касе мегузарад. Аз он хокистар баъзе ба ҷомаи Шайх расид. Шайх фориғ буд. Ва ҳеч мутаассир нагашт. Ҷамъ дар изтироб омаданд ва гуфтанд: – Ин сарой боз кунем. Ва хостанд, ки ҳаракате кунанд. Шайхи мо гуфт: – Ором гиред. Касе, ки муставҷиби оташ бувад, ба хокистар бозу (бо ӯ – Н. Ҷ. ) қаноат кунанд, бисёр шукр воҷиб ояд. Ҷумла ҷамъро вақт хуш гашт ва бисёр бигристанд ва наъраҳо заданд» [27, с. 209]. Мавзуъ ва кашфи мазмун дар ин ҳикоёт муштарак ба назар мерасад. Танҳо Ибни Мунаввар масъаларо равшантар ва васеътар матраҳ карда, иштирокчиёнро ба таври худ тағйир додааст. Паёми ахлоқии ҳикоёти мазкур бетағйир боқӣ мондааст. Муштаракоти дигаре, ки дар шакли баёни Ибни Мусаввир ва Қушайрӣ ба назар мерасад, интихоб шудани намуди наср маҳсуб меёбад.

Шайх Саъдӣ дар «Бӯстон» ҳикояти мазкурро бо тағйир ва аз номи орифи маъруф Боязиди Бастомӣ чунин овардааст:

Шунидам, ки вақти саҳаргоҳи ид
Зи гармоба омад бурун Боязид.
Яке ташти хокистараш бехабар
Фурӯ рехтанд аз сарое ба сар.
Ҳамегуфт шӯлида дастору мӯй,
Кафи даст шукрона молон ба рӯй,
Ки, эй нафс! Ман дархури оташам,
Зи хокистаре рӯй дар ҳам кашам?
Бузургон накарданд дар худ нигоҳ,
Худобинӣ аз хештанбин маҳоҳ!
Бузургӣ ба номусу гуфтор нест,

Баландӣ ба даъвию пиндор нест!

Тавозуъ сари рифъат афрозадат,

Такаббур ба хок – андар андозадат!

Ба гардан фитад саркаши тундхӯй,

Биландит бояд, баландӣ маҷӯй! [44, с. 148].

Шайх Саъдӣ маънӣ ва мазмуни мавриди бардошташро дар либоси назм манзур кардааст. Чунонки қайд гардид, «Рисолаи қушайрия» ба «Бӯстон»-и Саъдӣ таъсири зиёд гузоштааст. Зимни муқоиса маълум мегардад, ки сарчашмаи бисёре аз ҳикоятҳои Саъдӣ дар «Бӯстон» ҳикоятҳои Қушайрӣ аст, ки бо тағйири баъзе аз ҷузъҳои он Саъдӣ дар либоси назм баён сохтааст.

Ҳикояти зерин ки дар «Рисолаи қушайрия» омадааст, бо каме дигаргунӣ дар номи қаҳрамони ҳикоят бо ҳамон мазмун дар «Бӯстон»-и Саъдӣ омадааст. «Рисолаи қушайрия»: «Зане аз Лайс ибни Саъд сукурраи ангубин хост. Хике ангубин фармуд. Гуфт: – Зан андаке хосту ту чандин додӣ. Гуфт: – Ӯ ба қадре ҳоҷат хост ва мо ба қадри хеш додем» [18, с. 413].

Саъдии Шерозӣ ҳикояти мазкурро ба тарзи дигар марбут ба Ҳотами Той дар қолаби назм нақл намудааст. Маълум мегардад, ки сарчашмаи ҳикояти Саъдӣ ҳамин ҳикояти «Рисолаи қушайрия» будааст:

Зи бунгоҳи Ҳотам яке пирмард,

Талаб даҳ дирамсанг фониз кард.

Зи ровӣ чунон ёд дорам хабар,

Ки пешаш фиристод тунге шакар.

Зан аз хайма гуфт: «Ин чӣ тадбир буд,

Ҳамон даҳ дирам ҳоҷати пир буд?

Шунид ин сухан номбардор Тай,

Бихандиду гуфт: «Эй дилороми хай!

Гар ӯ дархури ҳоҷати хеш хост,

Ҷавонмардии оли Ҳотам куҷост?»

Чу Ҳотам ба озодмардӣ дигар

Зи даврони гетӣ наёмад магар?

Абубакри Саъд, он ки дасти навол
Ниҳад ҳимматаш бар даҳони суол!
Раъиятпаноҳо, дилат шод бод,
Ба саъят мусалмонӣ обод бод!
Сар афрозад ин хоки фархундабум,
Зи адлат бар иқлими Юнону Рум!
Чу Ҳотам, агар нестӣ коми вай,
Набурди кас андар ҷаҳон номи Тай!
Сано монд аз он номвар дар китоб,
Туро ҳам сано монаду ҳам савоб.
Ки Ҳотам бад-он ному овоза хост,
Туро саъю ҷаҳд аз барои Худост!
Такаллуф бари марди дарвеш нест,
Васийят ҳамин як сухан беш нест.
Ки чандон ки ҷаҳдат бувад, хайр кун,
Зи ту хайр монад, зи Саъдӣ сухун! [44, с. 109]

Аз мутолаи ҳикояти зерин аз «Рисолаи қушайрия» чунин бармеояд, ки сарчашмаи ҳикояти маъруфи Саъдӣ дар боби аввал таҳти унвони «Шабе дуди халқ оташе барфурӯхт» дар «Бӯстон» ҳамин ҳикоят аз китоби Қушайрӣ будааст. Дар «Рисолаи қушайрия» омадааст: «Ва гуфт (манзур Сарии Сақатӣ): Сӣ сол аст, то истиғфор ҳамекунам аз як шукр, ки кардам. Гуфтанд: – Чӣ гуна буд? Гуфт: – Оташ андар Бағдод афтод, касе маро хабар овард, ки дукони ту насӯхт, гуфтам: – Алҳамдулиллоҳ ва сӣ сол аст, то пушаймонӣ ҳамехӯрам, то чаро хештанро аз мусалмонон беҳтар хостам» [18, с. 31].

Дар «Бӯстон»-и Саъдӣ ҳам макони воқеа Бағдод омадааст ва танҳо Саъдӣ номи қаҳрамони ҳикояро наоварда, (яке) шахси номуайян овардааст. Ҳамчунин, Саъдӣ дар заминаи сужети ин ҳикоят андешаҳои худро аз забони пири хирадманд баён доштааст:

Шабе дуди халқ оташе барфурӯхт,
Шунидам, ки Бағдод ниме бисӯхт.

Яке шукр гуфт андар он хоку дуд,
Ки дуккони моро газанде набуд.
Ҷаҳондидае гуфт: «Эй булҳавас,
Туро худ ғами хештан буду бас?
Писандӣ, ки шаҳре бисузад ба нор,
Агарчи сароят бувад бар канор?»
Ба ҷуз сангдил кӣ кунад меъда танг,
Чу бинад касон бар шикам баста санг?
Тавонгар худ он луқма чун мехурад,
Чу бинад, ки дарвеш хун мехурад.
Магу, тандуруст аст ранҷурдор,
Ки мепечад аз ғусса ранҷурвор.
Тунукдил чу ёрон ба манзил расанд,
Нахусбанд, ки вомондагон аз пасанд.
Дили подшоҳон шавад боркаш,
Чу бинанд дар гил хари хоркаш.
Агар дар сарои саодат кас аст,
Зи гуфтори Саъдиш ҳарфе бас аст.
Ҳаминат басанда-ст, агар бишнавӣ,
Ки гар хор корӣ, саман надравӣ!
Хабар дорӣ аз хусравони Аҷам,
Ки карданд бар зердастон ситам!
На он шавкату подшоҳӣ бимонд,
На он зулм ба рустоь бимонд.
Хато бин, ки бар дасти золим бирафт,
Ҷаҳон монду ӯ бо мазолим бирафт.
Хунук рӯзи маҳшар тани додгар,
Ки дар сояи арш дорад мақар.
Ба қавме, ки некӣ писандад Худой,
Диҳад хусраве одилу некрой.

Чу хоҳад, ки вайрон шавад оламе,

Кунад мулк дар панҷаи золиме.

Сиголанд аз ӯ некмардон ҳазар,

Ки хашми Худой аст бедодгар.

Бузургӣ аз ӯ дону миннат шинос,

Ки зоил шавад неъмати носипос... [44, с. 45-46]

Ҳикояти ба меҳмонӣ омадани габре назди Иброҳим, алайҳиссалом, ки Саъдӣ дар боби дуюми «Бӯстон» оварда, дар «Рисолаи қушайрия» чунин нақл ёфтааст: «Гӯянд, габре аз Иброҳим, алайҳиссалом, меҳмонӣ хост. Гуфт: – Агар мусалмон шавӣ, туро меҳмон дорам. Габр бирафт, Худои азза ва ҷалла, ваҳй фиристод, ки – Ё Иброҳим, то аз дини хеш барнагардад, вайро таом нахоҳӣ дод, ҳафтод сол аст, то вайро рӯзӣ ҳамедиҳем бар кофирӣ (агар имшаб ту ӯро таом додӣ ва тааррузе накардӣ, чӣ будӣ?). Иброҳим аз паси он габр бишуд ва бозовард ва меҳмонияш кард. Габр гуфт: – Сабаби ин чӣ буд? Иброҳим, алайҳиссалом, қисса бозгуфт. Габр гуфт: – Агар Худои ту чунин карим аст бо ман, ислом бар ман арза кун ва мусалмон шуд» [18, с. 202].

Саъдӣ ҳикояти мазкурро ба тағйири баъзе аз ҷузҳои он чунин нигоштааст:

Шунидам, ки як ҳафта ибнуссабил

Наёмад ба меҳмонсаройи Халил.

Зи фархундахӯӣ нахурдӣ пагоҳ,

Магар бенавое дарояд зи роҳ.

Бурун рафту ҳар ҷонибе бингарид,

Бар атрофи водӣ нигаҳ карду дид:

Ба танҳо яке дар биёбон чу бед

Сару мӯяш аз гарди пирӣ сапед.

Ба дилдорияш марҳабое бигуфт,

Ба расми каримон салое бигуфт.

Ки, эй чашмҳои маро мардумак,

Яке мардумӣ кун ба нону намак.

«Наъам» гуфту барҷасту бардошт гом,

Ки донист хулқаш алайҳиссалом.
Рақибони меҳмонсаройи Халил
Ба иззат нишонданд пири залил.
Бифармуду тартиб карданд хон,
Нишастанд бар ҳар тараф ҳамгинон.
Чу бисмиллаҳ оғоз карданд ҷамъ,
Наёмад зи пираш ҳадисе ба самъ.
Чунин гуфташ: «Эй пири деринарӯз,
Чу пирон намебинамат сидқу сӯз.
На шарт аст, вақте ки рузӣ х(в)арӣ,
Ки номи худованди рузӣ барӣ?»
Бигуфто: «Нагирам тариқе ба даст,
Ки нашнидам аз пири озарпараст».
Бидонист пайғамбари некфол,
Ки габр аст пири табаҳбудаҳол.
Ба хорӣ бирондаш, чу бегона дид,
Ки мункир бувад пеши покон палид.
Суруш омад аз кирдгори ҷалил,
Ба ҳайбат маломаткунон, к-эй Халил!
Манаш дода сад сол рӯзию ҷон,
Туро нафрат омад аз ӯ як замон?!
Гар ӯ мебарад пеши оташ суҷуд,
Ту вопас чаро мебарӣ дасти ҷуд?
Гиреҳ бар сари банди эҳсон мазан,
Ки ин зарқу шайд асту он макру фан!
Зиён мекунад марди тафсирдон,
Ки илму адаб мефӯрушад ба нон.
Куҷо ақл ё шаръ фатво диҳад,
Ки аҳли хирад дин ба дунё диҳад?!
Валекин ту бистон, ки соҳибхирад,

Аз арзонфурӯшон ба рағбат харад! [44, с. 86-87]

Дар «Рисолаи қушайрия» гуфтору ҳикматҳои зиёди орифона ва нақли қавли бузургон зиёд аст ва ин гуфторҳоро мо дар осори манзуми шоирони ориф мушоҳида мекунем, ки таъсири андешаҳои Қушайрӣ ба осору афкори онон мебошад. Чунончи дар «Рисолаи қушайрия» омадааст: «Худои таоло ваҳй кард ба Довуд, алайҳиссалом, ки – Ё Довуд, фаро қавми хеш бигӯ, ки шуморо бад-он наёфаридаам, ки бар шумо суд кунам, бад-он офаридаам, ки шумо бар ман суд кунед» [18, с. 206].

Матлаби болоро Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ дар «Маснавии маънавӣ» дар зимни ҳикояти «Мусо ва чупон» чунин овардааст:

Ман накардам халқ то суде кунам,

Балки то бар бандагон ҷуде кунам [29, с. 161].

Ҳамчунин, гуфтаи зерин ки дар «Рисолаи қушайрия» аз забони Яҳё ибни Муози Розӣ омадааст, дар осори манзуми шоирони ориф бисёр дучор мегардем. «Яҳё ибни Муоз гӯяд: – Сахттарин чизе бар мурид муоширати аздод бувад» [18, с. 313]. Аз ҷумла, Ҳофизи Шерозӣ монанд ба ҳамин мазмун чунин гуфтааст:

Нахустин мавъизати пири майфурӯш ин буд,

Ки аз мусоҳиби ноҷинс эҳтироз кунед [39, с. 304].

Аз мисолҳои дар боло оварда маълум мегардад, ки «Рисолаи қушайрия» ба осори манзуму мансури ирфонии баъд аз худ таъсири зиёд гузоштааст. Яке аз муҳимтарин осори мансури ирфонӣ китоби «Кашф-ул-маҳҷуб»-и Ҳуҷвирӣ аст, ки дар баъзе маврид мутассир аз «Рисолаи қушайрия» аст. Аз ин рӯ, дар ин фасл кӯшиш шудааст, ки ба тариқи муқоисавӣ таъсири «Рисолаи қушайрия»-ро ба осори ирфонӣ бештар дар мисоли «Кашф-ул-маҳҷуб»-и Ҳуҷвирӣ мавриди баррасӣ қарор диҳем.

«Кашф-ул-маҳҷуб»-и Ҳуҷвирӣ яке аз сарчашмаҳои муҳимми осори мансури ирфонӣ мебошад, ки дар фосилаи каме баъдтар аз «Рисолаи қушайрия» таълиф шудааст ва аз бархе ҷиҳат мутаассир аз ин китоб аст. Бояд қайд намуд, ки дар баробари монандиҳо байни «Рисолаи қушайрия» ва «Кашф-ул-маҳҷуб» тафовутҳои зиёде низ миёни ин ду китоб ба назар мерасад. Аз

баррасии муқоисавии ин ду китоб маълум мешавад, ки бештар тафовут дар сабки баён аст, зеро Қушайрӣ бештар ба нақли аҳволи машоих пардохта ва Ҳуҷвирӣ ба нақди оро ва андешаи суфия аҳаммият додааст.

Бетардид метавон гуфт, ки Ҳуҷвирӣ аз китоби Қушайрӣ истифода кардааст ва аз ин рӯ, метавон ин ду китобро мавриди муқоиса қарор дод. Чунонки Ҳуҷвирӣ суфиёнро дар ду гурӯҳ табақабандӣ кардааст. Онон ки соҳибони нақланд ва онон ки соҳибони тасарруфанд [42, с. 141]. Вай мисдоқи соҳиби нақлро Абуабдурраҳмони Сулламӣ муаррифӣ мекунад ва соҳиби тасарруфро Абулқосими Қушайрӣ ва зоҳиран, манзури ӯ аз ин тамоиз ва раддабандӣ ин аст, ки Сулламӣ ҷуз нақли қавл ва ривоёт аз қудамо ва навъе таърхнависии тасаввуф коре надорад. Ҳол он ки Қушайрӣ он чӣ дорад, ҳосили тааммулот ва дастовардҳои руҳии худи ӯст. Ҳамчунин, Ҳуҷвирӣ дар китоби худ сареҳан ба таъсирпазирии худ аз Қушайрӣ ишора мекунад. Аз ҷумла, дар мавриди шарҳи зиндагиномаи Маъруфи Кархӣ доир ба мутобиқати услуби баёни худ (равиши таснифи «Кашф-ул-маҳҷуб») бо муаллифони пешин чунин мегӯяд: «Яке аз он Шайхи муборак Абуабдурраҳмони Сулламӣ раҳматуллоҳ, ки китобаш бар ин тартиб аст ва дигар устод Абулқосим ал-Қушайрӣ, разияллоҳу анҳумо, ки зикри вай (Маъруфи Кархӣ – Н.Ҷ.) андар китобаш бар ин ҷумлат аст, андар ин мавзуъ исбот кардам, аз он чи вай устоди Сарии Сақатӣ ва муриди Довуди Тоӣ будааст» [41, с. 173]. Ғайр аз пайравию бардоштҳо ин ҷо эҳтироми муаллифи «Кашф-ул-маҳҷуб» низ ба Шайх Сулламӣ ва Қушайрӣ намудор гаштааст, ки ба мақому эътибори эшон дар давраҳои баъдӣ далолат дорад.

Дар хусуси асбоби таълифи расоили мазкур байни Қушайрӣ ва Ҳуҷвирӣ муштаракоти маънавӣ ва таъсирпазирӣ ошкор аст. Чунонки Абулқосими Қушайрӣ сабаби таълифи китоби худро бар он таъкид намуда, ки дар тариқати суфия ихтилофу каҷфаҳмиҳои зиёд ба вуҷуд омадааст. Пас аз ҳамди Худованд ва соли таълифи китоб ба тавсифе дар хусуси суфиён, рафтору кирдори онон ва изҳори таассуф аз он чи ки бар сари суфиён ва тасаввуфи воқеӣ омадааст, баён мекунад. Ҳуҷвирӣ низ мисли Қушайрӣ дар муқаддимаи китоб пас аз ҳамди Худованд сабаби таълифи китобро посух ба суоли дӯсташ Абусаиди Ҳуҷвирӣ

дар хусуси тариқати тасаввуф ва кайфияти мақомоти суфиён баён доштааст [41, с. 10].

Бо таваҷҷуҳ ба муштаракоте, ки миёни ду китоб вуҷуд дорад, ба назар меояд, ки Ҳуҷвирӣ дар таълифи китоби худ аз «Рисолаи қушайрия» истифода кардааст. Дигар нукта, ки дар мавриди таъсирпазирии Ҳуҷвирӣ аз Қушайриро метавон таъкид кард, наздикии замони таълифи ин ду асар ва шинохте аст, ки Ҳуҷвирӣ аз Қушайрӣ дорад ва дар китобаш аз ӯ ёд мекунад. «Рисолаи қушайрия» худ мутаассир аз китобҳои пешин ва мубтанӣ бар ақволи машоих ва оёти Қуръону аҳодиси аст. «Кашф-ул-маҳҷуб» низ илова бар истифода аз кутуби пешин ба монанди «Рисолаи қушайрия» саршор аз оёту аҳодис ва ақволи суфия аст. Ҳуҷвирӣ бо Қушайрӣ низ ошноӣ дошта ва бо таваҷҷуҳ ба ин ки бархе матолиби муштарак дар ин ду китоб вуҷуд дорад, ба назар меояд, ки Ҳуҷвирӣ «Рисолаи қушайрия»-ро мутолаа ва дар мавориде аз он суд бурдааст.

Аз назари сохтор ҳам ин ду китоб шабоҳатҳое доранд, аз ҷумла ҳар ду китоб ҳам бо муқаддимаҳое оғоз мешаванд, ки ибтидои онҳо ҷумлаҳои арабӣ дар тавҳиди Худованд ва шукри Ӯ ва сипас наъти пайғамбар аст. Ҳамчунин, мавзуоти китоб шабоҳатҳои зиёде доранд, ба монанди тавба, тавҳид, ризо, маърифат, ҷуду сахо, вилоят, каромат, ҳайбату унс, тасаввуф, факр, қабзу баст ва ғайра. Ҳар ду китоб ҳам аз бобҳои мухталиф ташкил шудаанд, монанди боби фақр, боби тасаввуф. Аммо тартиби мавзуии бобҳо дар ин ду асар яке нест. Масалан, боби фақр дар «Рисолаи қушайрия» чиҳилу якум аст, аммо дар «Кашф-ул-маҳҷуб» боби дувум аст. Ҳар ду ҳам боберо ба муаррифии машоих ва аиммаи тасаввуф ихтисос додаанд.

Яке аз монандиҳои ин ду китоб дар ин нукта аст, ки ҳар ду дар оғози китоб иллати таълифи онро зикр кардаанд. Қушайрӣ сабаби таълифи китобро аз байн рафтани тариқи машоихи аввалия ва дигаргун шудани тариқат зикр мекунад ва мегӯяд, аз ин метарсад, ки гумон равад, асли тариқат ҳамин аст. Пас, ин китобро навишт, то сирати пиронро ёд кунад, то ҳама бидонанд, ки равиш ва одоби онон чӣ будааст.

Сабаби таълифи «Кашф-ул-маҳҷуб» низ дархости Абусаиди Ҳуҷвирӣ аст, ки мехоҳад, одобу русуми ин тоифа ва чигунагии тариқатро бидонад ва Ҳуҷвирӣ инро дар ибтидои китоби худ навиштааст.

Аз муҳимтарин монандиҳои ин ду китоб дар он аст, ки матолибе айнан дар ҳар ду дида мешавад. Ин шабоҳатҳо иборатанд аз: оёту аҳодис, ҳикоёт, нақли аҳволи машоих, таърифи алфозу ақоиди муаллифон дар бораи вожаи суфӣ. Аз ҷумла, ин қавли паёмбар, ки мефармоянд: «Тоиб аз гуноҳ монанди ин аст, ки тавба накардааст» [18, с. 136; 41, с. 430]. Дар таърифи муҳаббат низ танҳо ҷобаҷойии калимаҳо дида мешавад. Қушайрӣ гуфтааст: «Боязиди Бастомӣ гӯяд: – Муҳаббат андак доштани бисёр бувад аз худ ва бисёр доштани андак аз дӯст [18, с. 599]. Ҳуҷвирӣ чунин гуфтааст: «Муҳаббат он бувад, ки бисёри худ андак донӣ ва андаки дӯст бисёр донӣ» [41, с. 452].

Ҳар ду ҳам аз аввалин мақомҳои ҷӯяндагонро тавба медонанд [18, с. 137; 41, с. 429]. Қушайрӣ дар таърифи тавба мегӯяд: «Тавба дар луғат бозгаштан бувад ва тавба андар шаръ бозгаштан бувад аз накуҳидаҳо боз он чӣ писандидааст [18, с. 137]. Аз назари Ҳуҷвирӣ чунин аст: «Бидон, тавба андар луғат ба маънии руҷуъ бошад... пас бозгаштан аз наҳйи Худованд бад-он чи хуб аст, аз амри Худованд ҳақиқати тавба бувад» [41, с. 43].

Қушайрӣ ва Ҳуҷвирӣ ҳар ду ҳам барои тавба се шарт гузоштаанд. Қушайрӣ: «Шарти тавба то дуруст ояд се чиз аст. Пушаймонӣ бар он чи рафта бошад аз мухолифат ва даст бидоштани зиллат андар ҳол ва ният кардан, ки низ боз он маъсият нагардад» [18, с. 137]. Ҳуҷвирӣ: «Як шарти тавбаро асаф аст бар мухолифат ва дигар андар ҳол тарки зиллат ва се дигар азм нокардан ба муовидат ба маъсият» [41, с. 430]. Қушайрӣ матлаберо дар хусуси тавба аз Саҳл ибни Абдо ва Ҷунайд меоварад, ки Ҳуҷвирӣ низ айнан онро зикр мекунад [18, с. 142; 41, с. 433]. Ҳамчунин, аз қавли Абуҳафс Қушайрӣ гӯяд: «Бандаро аз тавба ҳеҷ чиз нест, зеро ки тавба боз ӯст на аз ӯ [18, с. 144]. Ҳуҷвирӣ: «Аз тавба ба банда ҳеҷ чиз нест, аз он чи тавба аз Ҳақ ба банда аст, на аз банда ба Ҳақ» [41, с. 423]. Аз намунаҳо ва қиёси онҳо бармеояд, ки воқеан, Ҳуҷвирӣ аз Қушайрӣ бардоштҳои маънавӣ доштааст. Аз тарафи дигар, афкору оро ва нақлу

баррасиҳои Қушайрӣ саҳеҳу қобили қабул буда, онҳо аз ҷониби аҳли қалами тариқату ирфон низ дар даврони баъдӣ мавриди эътибору пазириш қарор гирифтааст. Албатта, ҳамаи ин тамоюлҳо ва таъсирпазириҳо сиҳҳати андешаи Қушайриро бармало месозанд.

Як бахши таъсирпазирии Ҳуҷвирӣ аз «Рисолаи қушайрия» дар нақли ҳикоёти ирфонӣ аст, ки айнан дар «Кашф-ул-маҳҷуб» омадааст. Дар боби ризо Қушайрӣ ҳикояти ҳазрати Мусоро нақл мекунад, ки айнан дар «Кашф-ул-маҳҷуб» омадааст: «Бор Худоё, маро роҳ намой ба кирдоре, ки чун он бикунам, ту аз ман розӣ гардӣ. Худованд гуфт: – Ту он битавонӣ кард?! Мусо саҷда карду тазарруъ намуд. Худованди таоло бад-ӯ ваҳй фиристод. – Ё писари Имрон, ризо ва хушнудии ман аз ту андар ризои туст ба қазои ман» [41, с. 271; 18, с. 297].

Дар боби ғайбату ҳузур Қушайрӣ ҳикояте аз Боязид нақл мекунад, ки Ҳуҷвирӣ ҳам онро овардааст: «Муриде қасди Боязид кард. Чун ба дари савмаи вай расид, дар бизад. Боязид гуфт: – Кистӣ ва киро хоҳӣ. Гуфт: – Боязидро. Гуфт: –Бӯязид кӣ бошад ва куҷост ва чӣ чиз аст? Ва ман муддате аст то Боязидро ҷустаму наёфтам» [18, с. 112; 41, с. 370]. Ҳуҷвирӣ дар боби тавҳид дар ибтидои матлаб ҳикоятеро дар хусуси марде, ки ҳеҷ кирдори нек надошт, илло тавҳид баён мекунад [41, с. 407], ки Қушайрӣ низ дар ибтидои боби тавҳид айни ҳамон ҳикоятро овардааст [18, с. 512]. Зикри ин намунаҳо низ аз таъсирпазирии амиқи Ҳуҷвирӣ ба рисолаи Қушайрӣ дарак медиҳанд.

Нақли аҳволи машоих дар мавориде дар ҳар ду асар зикр ёфтаанд, аз ҷумла, дар мавриди вақт сухане муштарак аз Абуалии Даққоқ дар «Рисолаи қушайрия» омадааст: «Вақти он аст, ки ту он ҷойӣ. Агар ба дунёӣ, вақти ту дунёст ва агар ба уқбойӣ, вақти ту уқбост» [18, с. 88]. Ҳуҷвирӣ мушобеҳи ҳамин қавлро дорад: «Андар дунё ё уқбо сабур ё сурур вақт он бувад, ки андар онӣ» [41, с. 543]. Ҳадафи муштараки ин орифон аз тақсими вақт ба он равона шудааст, ки ҳар касе ки вақтро ба иҷрои чи коре масраф мекунад, маҳсули онро дар ҳамон самт дарёфт хоҳад кард. Ду нақли қавли ҳамранг дар хусуси тавҳид: «Ҷунайд гӯяд: – Тавҳид донистани қадим бувад аз ҳадас [41, с. 411; 18, с. 517). «Ҳусрӣ гӯяд: – Усули мо андар тавҳид панҷ аст: Ҳадас бардоштан ва қадимро

яке донистан ва аз бародарон буридан ва аз ватанҳои хеш муфориқат кардан ва фаромӯш кардан он чи донанд ва он чи надонанд» [18, с. 514; 41, с. 412]. Тафовут ин ҷо танҳо дар шакл ва тавзеҳ аст, ки яке мухтасар ифода ёфтааст, дигаре муфассал баён гардидааст, моҳияти масъала як мебошад.

Бо вуҷуди ин, дар бархе мавридҳо Ҳуҷвирӣ ба тафсиру шарҳи матлаб низ пардохтааст. Аз он ҷумла аст, қавле дар бораи иштиқоқи луғати суфӣ, ки дар «Рисолаи қушайрия» омада буд, ки аз сафо муштақ аст, аммо бар муқтазои луғат аз ин маонӣ баид аст [18, с. 43]. Ҳуҷвирӣ илова бар нақли ин матлаб бо мухтасаре тағйир ба тафсиру густариши он низ пардохта ва навиштааст: «Пас сафо дар ҷумлаи маҳмуд бошад ва зидди он кадар бувад...» [41, с. 43].

Ҳамчунин, дар мавриди адами иштиқоқи ин луғат аз чизе, чунонки Қушайрӣ гуфта буд, Ҳуҷвирӣ чизе ҳам ба он афзуда ва гуфтааст: «Бар муқтазои луғат иштиқоқи ин исм дуруст нагардад, аз ҳеҷ маънӣ аз он ки ин маънӣ муаззамтар аз он аст, ки инро ҷинс бувад, то аз он ҷо муштақ бувад, ки иштиқоқи шайъе аз шайъе муҷонисат хоҳанд ва ҳар чи ҳаст, зидди сафост, иштиқоқи шайъе аз зид накунанд» [41, с. 48].

Аз ин рӯ, метавон гуфт, ки Қушайрӣ матлабро бидуни накд ва тафсир аз машоих нақл мекунад, аммо Ҳуҷвирӣ дар зимни нақл тавзеҳ медиҳаду тафсир ва гоҳе накд низ мекунад. Ҳуҷвирӣ ин амали нигоришро ба он сабаб анҷом додааст, ки афкораш ба фаҳми шогирдон мувофиқтару дастрастар бошад.

Қушайрӣ ва Ҳуҷвирӣ барои мустанад кардани гуфтаҳои худ гоҳе ба оёту аҳодис истинод мекунанд. Масалан, ояи 273 аз сураи Бақара дар ибтидои боби фақри «Рисолаи қушайрия» ва «Кашф-ул-маҳҷуб» омадааст. Тафовути корбурди ин оёт дар ду китоб ин аст, ки Ҳуҷвирӣ дар пайи оят баҳси асҳоби суфаро пеш оварда ва аз паёмбар нақли қавл карда, аммо Қушайрӣ пас аз оят ба нақли аҳволи машоих пардохта ва дидгоҳҳои ононро дар бораи фақр баён кардааст. Дар ин маврид ҳар ду ба як наҳв калимоти қабзу бастро тавзеҳ додаанд.

Дигар аз таъсирпазирии Ҳуҷвирӣ аз «Рисолаи қушайрия» дар нақли аҳволи машоих аст, ки айнан дар «Кашф-ул-маҳҷуб» нақл шуда ё бо мухтасаре тағйир

ба сурати тарҷума баён шудааст. Нақли қавлҳои муштараки ин ду китоб дар боби сабр иборат аст, аз қавли Бишрӣ Ҳофӣ, ки мегӯяд: «Фозилтарин мақомҳо эътиқоди сабр бар дарвешӣ то ба гӯр» [18, с. 456]. «Гӯяд: – Сифати дарвеш ором бувад, ба вақти нестӣ ва исор бувад, ба вақти ҳастӣ» [18, с. 408; 41, с. 38].

Дар «Рисолаи қушайрия» аз қавли Ҷунайд омадааст: «Ҷунайд рӯзе гуфт: – Ё маъшаралфуқаро шуморо ба Худой мешиносанд ва барои Худо гиромӣ медоранд, бингаред то бо Худойи худ чун бошед» [18, с. 454]. Дар «Кашф-ул-маҳҷуб» низ ҳамин қавлро ба арабӣ навишта ва дар бораи он тавзеҳ додааст.

Қушайрӣ аз Шиблӣ нақл мекунад, ки «Ӯро аз ҳақиқати дарвешӣ пурсиданд. Гуфт: – Он ки бидуни Худой азза ва ҷалла ба ҳеҷ чиз мустағнӣ нагардӣ» [18, с. 460]. Ҳуҷвирӣ мегӯяд: «Шиблӣ гӯяд, раҳимаҳуллоҳи алайҳи, ал-фақиру ло ястағнӣ бишайин дуналлоҳ» [41, с. 381].

Дигар аз мавзуоти муштараки «Кашф-ул-маҳҷуб» ва «Рисолаи қушайрия» зикри машоихи тасаввуф аст. Қушайрӣ баён мекунад, ки касоне, ки дар замони паёмбар зиндагӣ мекарданд ва саодати суҳбати Расул (с)-ро доштанд, «асҳоби Расул» номида мешаванд ва баъд аз асри паёмбар касоне, ки бо асҳоб суҳбат карда буданд, «тобеин» ва пас аз эшонро «аттабаа тобеин» ва пас аз он ҳар касе инояти бисёре ба кори дин дошт, зуҳҳоду уббод ва пас аз он мутасаввифа падид омаданд. Ӯ пас аз ин муқаддимаи кӯтоҳ ба зикри аҳволи машоих бидуни тартиби хоссе мепардозад. Аммо Ҳуҷвирӣ зикри асҳоб, аимма ва машоиху бузургонро табақабандӣ мекунад.

Номи сию шаш шайх дар ин ду китоб ба сурати муштарак омадааст. Дар бархе маворид ҳикоят ё нақли қавли муштараке низ аз онон нақл шуда ва гоҳ танҳо зикри номашон муштарак аст.

Иброҳими Адҳам яке аз машоихе аст, ки дар ҳар ду китоб номи ӯ омадааст. Ҳар ду нависанда дар хусуси рӯй овардани ӯ ба тасаввуф достони муштараке меоваранд: Дар «Рисолаи қушайрия» омадааст: «Кай туро аз баҳри ин офаридаанд ё туро бад-ин фармудаанд?» [18, с. 25]. Ҳуҷвирӣ овардааст: «Рӯзе дар пайи шикор ҳотифе ба ӯ овоз дод, ки аз барои ин корат офаридаанд ё бад-ин кор фармудандат?» [18, с. 158]. Ҳамчунин, дар бораи Иброҳими Адҳам

Қушайрӣ гӯяд: «Ва аз касби дасти хеш хурдӣ» [18, с. 25]. Ҳуҷвирӣ: «Андар ҳама умри худ ба ҷуз касби дасти худ нахурад» [41, с. 159]. Ҳар ду дар хусуси иртиботи ӯ бо Хизр навиштаанд: «Хизрро дид» [18, с. 25]. «Муриди Хизр пайғамбар буд» [41, с. 158]. Муштаракоти гуфтор дар ин намунаҳо ҳамоно таъсирпазирии якеро бар дигаре аз муаллифони расоили мазкур намоён менамояд.

Шеваи истифода аз ақволи машоих дар «Рисолаи қушайрия» ва «Кашф-ул-маҳҷуб» ба як равиш ба назар мерасад, ки ба сурати суолу ҷавоб ё муколама аст. Гоҳе аз шайх чизе мепурсанд ва посух медиҳад ва гоҳ шайх худаш чизе мегӯяд ва муридон дар борааш суол мекунанд. Гоҳе ҳам шайх бо худ гуфтугӯ дорад ва дар ҳар ҳол ин шева дар сафаҳоти ин ду китоб фаровон дида мешавад. Қушайрӣ: «Ҷунайд гӯяд: – Сарӣ гуфт: – Мехоҳам бимирам ва ба Бағдод набошам. Гуфтанд чаро? Гуфт: – Тарсам, ки гӯрам напазирад ва фазиҳат шавам» [18, с. 31]. Ҳуҷвирӣ: «Ҷунайд гуфт, раҳматуллоҳи алайҳи, ки агар Худованд маро гӯяд, ки маро бубин. Гӯям набинам, ки чашм андар дӯстии ғайр бувад ва бегона ва ғайрати маро аз дидор боз медорад, ки андар дунё бевосита чашм медидамаш» [41, с. 487].

Тафовути Ҳуҷвирӣ аз Қушайрӣ дар ин шева дар теъдоди ақвол аст. Қушайрӣ аз ақволи бештаре истифода карда ва дар ҳар сафҳа чанд бор феъли «гуфт»-ро такрор мекунад, аммо дар «Кашф-ул-маҳҷуб» чунин нест. Масалан, дар сафҳаи 29 «Рисолаи қушайрия» понздаҳ бор ин феъл ба сурати ҷамъ ё муфрад омада ва дар сафҳаи 48 ҳашт бор, аммо дар «Кашф-ул-маҳҷуб» бисёр камтар аст. Масалан, дар сафҳаи 36 се бор ва дар сафҳаи 167 як бор омадааст ва ин муқоиса нишон аз зиёд омадани ақвол дар «Рисолаи қушайрия» аст.

Ҳикоёти зиндагӣ ва сираи машоих низ яке аз матолиби муштарак миёни ин дуст, ки дар бархе сафаҳот дида мешавад. Ин ҳикоёт ғолибан марбут бо мавзуи мавриди баҳс ҳастанд ва барои таъкид бар сиҳҳати матлаб оварда мешаванд. Аз намунаҳои он дар «Рисолаи қушайрия» метавон ба ҳикоёти хоб дидани Абулаббоси Сариҷ ишора кард [18, с. 203] ва ҳикояти Ҷаъфари Насир бо Ҷунайд [18, с. 229] ва ҳикояти Шиблӣ [18, с. 347]. Ҳамчунин, ҳикояти обиди

бани Исроил [18, с. 291] Хобидани амиралмуъминин дар ҷойи паёмбар [18, с. 290] ҳикояти Шиблӣ [18, с. 519] аз ин навъанд.

Бархе матолибро Ҳуҷвирӣ бо каме тағйирот аз «Рисолаи қушайрия» нақл намудааст. Монанди суханоне, ки дар «Рисолаи қушайрия» аз машоих нақл шуда ва Ҳуҷвирӣ бо истифода аз он ақвол матолибе дигарро баён кардааст. Дар боби муҳаббат ва мутааллиқоти он ки роҷеъ ба риштаи муҳаббат ва анвои муҳаббати Худо нисбат ба бандагон ва муҳаббати дӯстони Худо нисбат ба ӯст аз «Рисолаи қушайрия» мутаассир аст. Лекин шеваи тартиби муаррифии машоих мутафовит аст. Қушайрӣ бидуни тартиби хоссе ба зикри ақволи машоих мепардозад, вале Ҳуҷвирӣ онҳоро дар табақабандии мушаххасе қарор медиҳад, ки аз хулафои чаҳоргона оғоз ва ба риҷоли суфия хатм мешавад ва дар ин миён аз саҳоба ва тобеини аимма ва асҳоби суфа ёд мекунад.

Ҳамчунин, боиси қайд аст, ки Қушайрӣ фақат ба шарҳи алфоз мепардозад, вале Ҳуҷвирӣ алфозро дастабандӣ мекунад: 1. Иборoте, ки истиорот пазирад андар калом ва ба тафзилу шарҳ мушкилтар шавад [41, с. 559]. 2. Алфозе, ки андар тавҳиди Худованд истеъмол кунанд бе истиорат [41, с. 561]. 3. Иборте, ки ба шарҳ ҳоҷатманд бошад [41, с. 563]. Маълум мегардад, ки дар замони Ҳуҷвирӣ ба ин тарзи баён мардум ниёз доштаанд.

Дар шарҳи алфози «талвину тамкин» Қушайрӣ менависад: «Талвин сифати арбоби аҳвол аст ва тамкин сифати асҳоби ҳақоиқ» ва дар тавзеҳи он мегӯяд: «Касе ки дар роҳ аст, соҳиби талвин ва он ки расидааст, соҳиби тамкин аст» [18, с. 121]. Ҳуҷвирӣ низ менависад: «Тамкин иборате аст, аз иқомати муҳаққиқон дар маҳалли камол ва дараҷоти аълоӣ паси аҳли мақомотро аз мақомоти гузар мумкин бувад ва аз тамкин гузари маҳол. Аз он чи ин дараҷоти мубтадиён аст ва он қароргоҳи мунтаҳиён» [41, с. 545]. Тавзеҳи Қушайрӣ дар хусуси истилоҳоти мазкур бо он ки мухтасар аст, нисбат ба шарҳи бештари Ҳуҷвирӣ фаҳмотар ба назар мерасад, агарчи ҳадаф ва маънӣ муштарак аст.

Дар маҳву исбот низ ташобеҳоти зиёде байни ду китоб аст ва Қушайрӣ ин ду калимаро ба маънои бардоштани сифоти бад ва ҷойгузинии сифоти хуб медонад: «Маҳв бардоштани сифатҳои одатӣ бувад ва исботи қиём кард бувад

ба аҳкоми ибодот» [18, с. 116]. Ҳуҷвирӣ низ дар ҳамин маврид мегӯяд: «Пас бояд, ки то нафйи сифати мазмум бошад ба исботи хисоли маҳмуд» [41, с. 554].

Дар маҷмуъ, аз баррасии мавзуъ маълум мегардад, ки «Рисолаи қушайрия» ба осори ирфонии баъд аз худаш таъсири зиёд гузоштааст. Орифону шоирони мутасаввифа бо бардошт аз ҳикоёт ва аҳволи суфиён, ки дар «Рисолаи қушайрия» нақл шудааст, матолиби худро дар бобати ирфону тасаввуф баён доштаанд. Бештар мушоҳида мешавад, ки ҳикоёту аҳволи орифону суфиён аз «Рисолаи қушайрия» ба осори ирфонӣ айнан ва ё бо тағйирот нақл шудааст.

Баррасии муқоисавии «Рисолаи қушайрия» бо «Кашф-ул-маҳҷуб»-и Ҳуҷвирӣ нишон медиҳад, ки ҳар ду китоб дар қарни XI навишта шудаанд, ки пас аз ин ду китобҳои дигаре дар боби ирфону тасаввуф таълиф гардида ва ақоиди ин гурӯҳ вусъати бисёре пайдо кардааст. Агар ин ду китобро бо кутуби пешин муқоиса кунем, гувоҳи гуфтаҳои ононро дар батни навиштаҳои дигарон хоҳем ёфт. Албатта, бо таваҷҷуҳ ба ин ки муаллифи «Кашф-ул-маҳҷуб» бо Қушайрӣ ошност ва дар ҷое аз ӯ сареҳан ном бурда ва мушаххас мегардад, ки «Рисолаи қушайрия» мавриди мутолааи Ҳуҷвирӣ қарор гирифтааст. Монандии ин ду китоб бештар дар сабки адабии онҳост, вале нисбат ба ҳаҷм байни ҳам мутафовит аст. Муҳимтарин тафовути ин ду китоб дар ин аст, ки Қушайрӣ аз аҳвол ва ҳикоёти машоих бештар истифода карда ва китобаш бар мабнои гуфтори машоих аст, аммо Ҳуҷвирӣ бино ба муқтазо аз аҳвол ва ҳикоёт истифода мекунад ва назароти худро низ баён мекунад.

## Хулоса

Дар натиҷаи омӯзиши сарчашмаҳо метавон изҳор дошт, ки дар асри X ва ибтидои асри XI тасаввуф росихтарин қадамҳоро дар масири таҳаввули хеш бардошта, дар тамоми қаламрави забони форсӣ-тоҷикӣ ҳамчун мактаби мақбул ва мусаллат бар руҳияи ҷомеа арзи ҳастӣ намуд. Муҳимтарин осори ирфонӣ аз нигоҳи назарӣ дар ҳамин давра ба майдон омад ва пояҳои фикрии ин мактабро устувор сохт. Дар ин аҳд дар қаламрави давлати Сомониён мактабҳои нерӯманди тасаввуф равнақ ёфт. Муҳити зиндагонӣ, ҷаҳони фикрии исломӣ ва вазъи фарҳангии баъди Сомонӣ бозгӯи он аст, ки фазои маърифативу илмӣ бештар дар тасарруфи ғояҳои динӣ қарор доштааст.

Абулқосими Қушайрӣ аз зумраи орифони номвари парвардаи ҳамин асрҳост, ки бо ҳузури худ дар рушду инкишофи адабиёти ирфонии форсӣ-тоҷикӣ саҳми назаррас гузоштааст. Қушайрӣ дар суннати китобати андешаҳои суфия ва тарвиҷи насри ирфонӣ дар мақоми саромадони ин бахши осори арзишманди адабиёти классикии форсӣ-тоҷикӣ қарор дорад. Аз ин нуктаи назар, омӯзиши зиндагӣ ва осори ин чеҳраи тобони илму адаби асри XI дар шинохт ва маърифати осори ирфонии форсӣ-тоҷикӣ аз чанд ҷиҳат судманд ба назар расид. Зеро баррасию таҳқиқи зиндагӣ ва осори Абулқосими Қушайрӣ, махсусан, «Рисолаи қушайрия»-и ӯ дар маърифати адабиёти ирфонии форсӣ-тоҷикӣ аз сарчашмаҳои дастаи аввал ба шумор меравад. Ҳамчунин, таъсири андешаҳои Қушайрӣ бар ҷараёнҳои иҷтимоию фарҳангӣ, илмӣ ва махсусан, ирфонии аҳди худ ва пас аз он қобили таваҷҷуҳ аст. Бешак, метавон изҳор дошт, ки «Рисолаи қушайрия» намунаи барҷастаи таълифоти Қушайрӣ ва насри суфиёнаи форсӣ-тоҷикӣ маҳсуб мешавад, ки дар саргаҳи таълифоти форсии бахши осори ирфонӣ қарор дорад. Ҳамин амр боис гардид, ки китоби Қушайрӣ ба мазмуну муҳтаво, андешаву орои нависандагони баъдинаи худ таъсири зиёд гузошта, бештари афкори орифонаи вай дар адабиёти ахлоқиву ирфонӣ ҷойгоҳи махсусе дарёфта, мавриди истиқболи шоирону орифони мо қарор гирифтааст.

Таҳқиқи ҷанбаҳои ҳунарию арзишҳои бадеии тарҷумаи форсии «Рисолаи қушайрия» бозгӯи он аст, ки асари мазкур аз зумраи аввалин ва муҳимтарин

сарчашмаҳои осори ирфонӣ буда, дар баробари фарогирии масъалаҳои асосии тасаввуфи назарӣ ва амалӣ дорои арзишҳои адабию бадеӣ мебошад. Маҷмуан, таҳқиқи мазмуну мундариҷа, сабки таълиф, баррасии масъалаҳои тасҳеҳу нашри китоб ва арзишҳои адабиву бадеии тарҷумаи форсии «Рисолаи қушайрия», ки меҳвари аслии таҳқиқоти мазкурро ба вуҷуд овардаанд, моро ба натиҷагирии муаяйне мерасонад, ки онҳоро метавон ба унвони хулосаҳои илмии диссертатсия ба таври зайл қайд намуд:

1. Омӯзиши сарчашмаҳо ва осори таҳқиқӣ дар робита ба зиндагинома ва осори Абулқосими Қушайрӣ бозгӯи он аст, ки ӯ аз зумраи уламо, муҳаддисин, воизон ва аз саромадони орифони номвари адабиёти форсӣ-тоҷикӣ будааст. Қушайрӣ дар баробари мусаллат будан бар илми калому ҳадис дар тафсири Қуръон ба мазоқи суфия ва равиши Абуабдурраҳмони Сулламӣ дасти тавоно доштааст. Нуфузи шахсият ва осори Қушайрӣ аз замони зиндагияш то қарнҳои зиёд байни аҳли илм ва ҳалқаҳои суфия бағоят таъсиргузор будааст. Дар замони зиндагияш орифону суфиёни маъруфе зиндагӣ мекарданд, ки дар байни онҳо аз назари мақоми илмию ирфонӣ аз саромадони рӯзгори худ будааст. Таълифоти ӯ, махсусан, «Рисолаи қушайрия» дар билоду сарзаминҳои гуногуни исломӣ дар байни суфиён чун асари дастурӣ мавриди истифода қарор мегирифт [2-М].

2. Аз баррасии сохтору муҳтавои тарҷумаи форсии «Рисолаи қушайрия» метавон натиҷа гирифт, ки китоб дорои мундариҷаи мукаммал буда, аз фарохии дониш, тасаввур ва ғаври муаллиф дар масъалаҳои ирфону тасаввуф гувоҳӣ медиҳад. Нақш ва мақоми ин асар барои ташаккули тазкиранависии ирфонӣ ва ҳамчунин, пайдоиши фарҳангҳои ирфонӣ қобили таъкид аст. Аз ин нигоҳ, метавон «Рисолаи қушайрия»-ро ба унвони яке аз сарчашмаҳои муҳимми ташаккули анвои мухталифи насри ирфонӣ шинохт, ки дар доираи як асар чанд навъи осори мустақили насри ирфонӣ пайдо гардидааст [1-М].

3. Омӯзишу баррасии сохтору мундариҷаи тарҷумаи форсии «Рисолаи қушайрӣ» ва ҷойгоҳи он дар адабиёти форсу тоҷик бозгӯи он аст, ки бо рӯйи кор омадани ин рисолаи арзишманд дар қаламрави адабиёти ирфонӣ асаре арзи ҳастӣ намуд, ки бо маънии тамом аркон ва меҳварҳои тасаввуфӣ исломиро

шарҳу тавзеҳ дода, роҳи минбаъдаи тасаввуфи назарӣ ва амалиро пайрезӣ намудааст. Вуҷуди маънавии ин китоб дар қаламрави адабиёти ирфонӣ барои падид омадани осори зиёде бо ҳамин шеваю сабк боис омада, бар андешаву оро, шеваи нигориши нависандагони баъдина низ таъсири амиқ гузоштааст. Ин асари Қушайрӣ то мақом ва ҳадде расида, ки аксари тазкиранигорон ва нависандагони суфимашраб, махсусан, зимни нақли рӯзгор ва аҳволи аҳли тасаввуф ба маълумоти китоби Қушайрӣ истинод варзидаанд [2-М].

4. Огоҳии форсизабонон аз «Рисолаи қушайрия» дар тули таърих тавассути ду тарҷумаи он ва шарҳи Гесӯдароз будааст ва баъд аз ин ду тарҷума ва шарҳ матни арабии «Рисолаи қушайрия» ҳеҷ гоҳ ба забони форсӣ-тоҷикӣ тарҷума нашудааст. То кунун дар китобхонаҳои дунё ба истиснои нусхаҳои муаррифишуда, дигар ҳеҷ як нусхаи тоза аз тарҷумаи форсии «Рисолаи қушайрия» ба назар намерасад. Лекин бо вуҷуди ин, имрӯз бо дастрасӣ бо фанноварихои технологияи муосир метавон ҷустуҷӯро дар марокиз ва китобхонаҳои ҷаҳон идома дода, нусхаҳои хаттии муаррифинашудаи тарҷумаи форсии «Рисолаи қушайрия»-ро ба даст овард ва ва дар муқоиса бо нусхаҳои мусаҳҳеҳони фавқуззикр тасҳеҳи ҷадиди китобро анҷом дод [6-М].

5. Тасҳеҳи тарҷумаи форсии «Рисолаи қушайрия» ба кӯшиши Бадеуззамони Фурӯзонфар то имрӯз борҳо дар Эрон ба нашр расидааст. Бо вуҷуди он ки пас аз Фурӯзонфар тарҷумаи форсии «Рисолаи қушайрия» тасҳеҳу нашр гардид, вале ҳамоно мусаҳҳеҳони баъди ягон нусхаи тозаро аз китоб муаррифӣ накардаанд. Онҳо аз ҳамон нусхаҳое, ки Фурӯзонфар муаррифӣ карда буд, танҳо бо шеваи дигар тасҳеҳи худро анҷом додаанд [6-М].

Дар воқеъ, баргардон ва нашри «Рисолаи қушайрия» ба хатти сирилик дар адабиётшиносии тоҷик иқдоми наҷиб ва заминае барои шинохту таҳқиқ ва пажуҳиши «Рисолаи қушайрия» мебошад.

6. Дар тарҷумаи «Рисолаи қушайрия» андешаҳои ирфонӣ бо забони сода ва дархури фаҳм баён гардида, ки бозгӯи қудрату маҳорати мутарҷим дар истифода аз забонро нишон медиҳад. Таҳқиқот нишон дод, ки дар матни китоб хусусиятҳои сабки мурсал бештар ба назар мерасад. Луғоту таъбироти арабӣ

дар тарҷумаи «Рисолаи қушайрия» камтар истифода шудааст. тарҷумон ҳини тарҷумаи матн бештар вожаҳои динию истилоҳоти ирфонии арабиро ба кор бурдааст, ки муодилашон дар забони форсӣ-тоҷикӣ мавҷуд нест. Оёти қуръонӣ ва ахбору аҳодис дар китоб танҳо ба ҳамон миқдор истифода гардида, ки риштаи сухан ба иқтизои маънӣ ба он мепайваст, на ба сурати такаллуфу тасаннуъ, чунонки дар бархе осори мансури баъд маъмул гардид [5-М].

7. Баъди тарҷумаи форсӣ-тоҷикӣ «Рисолаи қушайрия» обрӯву эътибори бештарро байни форсизабонон соҳиб шуд. Муҳимтар аз ҳама, тарҷумони он ҳангоми тарҷума ба забони форсӣ-тоҷикӣ аносири сарфию наҳвии забони адабии аҳди хешро риоя намуда, моҳияти гуфтори устодашро то ҷое баён сохтааст. Ин аст, ки муҳаққиқон аз равонию ширинии забони мутарҷим, таъсиргузории баёни ӯ ба нигоришоти минбаъдаи ирфонӣ пайваста ёд мекунанд. Аз сӯйи дигар, Аҳмади Усмонӣ тавонистааст, ки моҳияти хитобаҳои пири худро дар тарҷума ҳифз намояд ва сабабҳои таълифи китобро мунъакис гардонад. Ҷуз дар бархе маврид таъсири ҷумлабандии насри арабӣ дида мешавад, ки насри китобро то ҷое аз сохтору ҷумлабандии забони форсӣ-тоҷикӣ дур сохтааст [4-М].

8. Истифода аз ашъору амсол низ дар қиёс бо китобҳои ба насри фаннӣ таълиф гардида кам аст. Дар мавридҳое муаллиф ба онҳо рӯй оварда, ки ниёз будааст, на ба хотири ороишу такаллуф сохтани каломи худ. Он чӣ дар хусуси сабки баёни тарҷумаи «Рисолаи қушайрия» шостаи зикр аст, ин ки тавзеҳи матолиб дар ин китоб бо оёту аҳодис, ҳикоёту ахбор, ашъору амсол бо забоне сода ва дархури фаҳм баён карда шудааст. Бештари ҷумлаҳои китоб кӯтоҳ, сода ва дур аз санъатҳои лафзию такаллуфоти печдарпеч баён шудаанд [1-М].

9. Дар миёни осори суфия «Рисолаи қушайрия»-и Абулқосими Қушайрӣ аз ҷиҳати шарҳу тафсири истилоҳоти суфия аз аввалин ва муҳимтарин сарчашмаҳо ба шумор меравад. Зимни баррасии истилоҳоти ирфонӣ дар тарҷумаи «Рисолаи қушайрия» метавон ба ду нукта таъкид намуд, ки асоси назарияи Қушайрӣ дар мавриди шарҳу тафсири ин истилоҳотро ташкил медиҳад, ки худи ӯ ҳам бад-он борҳо ишора кардааст: а) зарурати шарҳу

тафсири истилоҳоти суфия барои аҳли тасаввуф; б) зарурати адами шарҳу тафсири истилоҳоти суфия барои ғайри аҳли сирр. Қушайрӣ илова бар боби дахлдори рисолаи мазкур, ҳамчунин дар зимни дигар мабоҳиси китоби худ ба шарҳу тафсири истилоҳоти ирфонӣ пардохтааст [3-М].

10. Таваҷҷуҳи Қушайрӣ ба шарҳу тафсири истилоҳоти ирфонӣ ва нақлу баррасии дидгоҳҳои машоихи суфия дар боби истилоҳот, махсусан, баёни назар ва дидгоҳи ӯ нисбат ба истилоҳоти ирфонӣ аҳаммияту эътибори илмию адабии «Рисолаи қушайрия» ва муаллифи онро дар доираи баррасии истилоҳоти суфия афзун намудааст [3-М].

11. Шеваҳои корбурд ва сохтору муҳтавои ҳикоёти Қушайрӣ дар «Рисолаи қушайрия» бозгӯи он аст, ки аксари ҳикоёт дар ин навъ осор бар асоси воқеоти зиндагонии аҳли тасаввуф ба қалам омадаанд ва қаҳрамонони ҳикоёт низ бештар афроди вориди тасаввуфи амалӣ ё хонақоҳӣ ҳастанд. Аз сӯйи дигар, агар нақли тарҷумаи ҳол ва суханону ҳолоти намояндагони тасаввуф ба сурати ҳикояти мукаммали тарҷумаиҳолӣ даромада бошад, зикри суханон ё муколамаи онҳо бо нафарони дигари суфимашраб ба таҷассуми равиши корбурди ҷолиби ҳикоят андар ҳикоят бо усули махсуси насри ирфонӣ ишорат менамояд.

Ҳикоятҳои Қушайрӣ бо мақсади пандомӯзӣ, осон намудани матолиби ирфонӣ, муаррифии шахсиятҳои бузрги ирфонӣ, тақвият бахшидан ба боварихои муридон, муассир гаштани калом ва ғайра дар батни дигар мавзуоти китоб ғунҷоиш ёфтаанд. Баррасии ҳикоятҳои кӯтоҳи «Рисолаи қушайрия» нишон медиҳад, ки бештари ҳикоятҳои ирфонии он дорои вижагиҳое мебошанд, ки дар сабки достонҳои кӯтоҳи адабиёти муосир ба назар мерасанд. Аз он ҷумла, метавон ба ин мавридҳо ишора кард: баёни лаҳзаҳои хос аз як ҳодиса, майл ба эҷоз ва кӯтоҳии ривоят, истифода аз забони сода ва парҳез аз пургӯӣ, маҳдудияти теъдоди воқеа, камии тедоди қаҳрамонҳо, маҳдудияти саҳнапардозӣ, интихоби сохтору тарҳи сода. Дар баробари ин, бо бархе аз вижагиҳо ҳикоёти Қушайрӣ аз ҳикоятҳои кӯтоҳи замони имрӯз тафовут дорад. Аз ҷумла, мавқеи баланди ровӣ дар ҳикоятҳо ва таваҷҷуҳи Қушайрӣ дар бархе

аз ҳикоятҳо истифода аз истилоҳоти тасаввуф ва вожаву таъбироти арабӣ мебошад [1-М].

12. Забони баёни Қушайрӣ маҷмуан дар ҳикоятҳояш бо мавзуи китоб, ки таълими ақоиду орои суфия аст, мувофиқат дорад ва забони қаҳрамонҳо низ ҳамон забони ҷиддӣ ва олимонаи Қушайрӣ аст. Гоҳо маврид қаҳрамонҳо дар иртибот бо якдигар ва бо таваҷҷуҳ ба муҳтаво ва мавзуи ҳикоятҳо каломи мутанаввеъ доранд. Қушайрӣ дар бархе маврид ба таври мустақим ба забони қаҳрамонҳо ишора карда ва гоҳе забони баёни онҳоро бо корбурди вожагон нишон додааст [1-М].

13. Таҳқиқи муқоисавии «Рисолаи қушайрия» бо «Кашф-ул-маҳҷуб»-и Ҳуҷвирӣ нишон медиҳад, ки ҳар ду китоб дар қарни XI навишта шудаанд, ки пас аз ин ду асари мазкур китобҳои дигаре дар боби ирфону тасаввуф таълиф гардида ва ақоиди ин гурӯҳ вусъати бисёре пайдо кардааст. Агар ин ду китобро бо кутуби пешин муқоиса кунем, гувоҳи гуфтаҳои ононро дар батни навиштаҳои дигарон хоҳем ёфт. Албатта, бо таваҷҷуҳ ба ин ки муаллифи «Кашф-ул-маҳҷуб» бо Қушайрӣ ошност ва дар ҷойе аз ӯ сареҳан ном бурда ва мушаххас мегардад, ки «Рисолаи қушайрия» мавриди мутолааи Ҳуҷвирӣ қарор гирифтааст. Монандии ин ду китоб бештар дар сабки адабии онҳост, вале нисбат ба ҳаҷм байни ҳам мутафовит аст. Муҳимтарин тафовути ин ду китоб дар ин аст, ки Қушайрӣ аз аҳвол ва ҳикоёти машоих бештар истифода карда, китобашро бар мабнои гуфтори машоих таълиф кардааст, аммо Ҳуҷвирӣ бино ба муқтазо аз аҳвол ва ҳикоёт истифода намуда, назароти худро низ баён кардааст [4-М].

14. Дар маҷмуъ, метавон изҳор дошт, ки Абулқосими Қушайрӣ аз маъруфтарин чеҳраҳои таъсиргузори адабиёти тасаввуф буда, бо ҳузури мунаввари худ дар рушду инкишофи осори ирфонӣ саҳми назаррас гузоштааст. Дар байни осори Абулқосими Қушайрӣ «Рисолаи қушайрия» аз маъруфтарин таълифоти ӯ ба шумор меравад, ки аз ҷумлаи муҳимтарин асар дар миёни осори ирфонӣ дар асри XI ба ҳисоб меравад. Ин китоби Қушайрӣ аз зумраи ҷомеътарин ва муътабартарин сарчашмаҳои осори ирфонӣ ба шумор меояд, ки

аз гузаштагон дар боби тасаввуф то замони мо боқӣ мондааст. Аҳаммияти илмию адабии «Рисолаи қушайрия» дар он зоҳир мегардад, ки ҳам дар замони ҳаёти Қушайрӣ дар байни донишмандон шуҳрат дошт ва ҳам пас аз даргузашташ таъсири зиёде бар осори адабию ирфонии адабиёти форсӣ-тоҷикӣ гузошт. Ҷиҳати муҳими дастурӣ ва назарӣ доштани «Рисолаи қушайрия» боис гардид, ки хондани он миёни суфиён ривоҷ ёфта, андешаҳои муаллиф дар асрҳои баъд таъсири зиёде ба адаби форсӣ-тоҷикӣ гузошт. Худи Қушайрӣ ҳам дар таълифи китоб аз манобеи муҳимми адабӣ ва ғайра ба шеваҳои гуногун истифода карда, бо баррасиҳои масиоли муҳимми тасаввуфу ирфон тавонист, ки яке аз муҳимтарин китобҳоро дар боби мавзуъҳои мухталифи тасаввуф таълиф созад ва китоби ӯ дар тули таърих ба унвони яке аз ҷомеътарин ва муҳимтарин осор дар заминаи мутолиоти ирфонӣ ба ҳисоб меояд [2-М].

Баррасӣ ва натиҷаҳои баёншуда нишон медиҳанд, ки Абулқосими Қушайрӣ зиндагии рангиреро паси сар намуда, осори мондагору пурмуҳтавоеро чун «Рисолаи қушайрия» ба мерос гузошта, дар рушду нумуи адабиёти асримиёнагии мо, хосса, дар инкишоф ва устуворшавии ирфону тасаввуфӣ назарию амалӣ ҳиссаи муносиб гузошта, ба мақоми баландӣ устодӣ ва муршидӣ шарафёб гардида, пайравони содиқеро соҳиб шудааст.

**Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот**

Дар сарчашмаҳои адабӣ ва осори таҳқиқии донишмандон шахсиятҳое, ки дар рушди маънавиёти инсонӣ, хосса ирфону тасаввуф саҳим будаанд, хеле зиёд ба қайд гирифта шудаанд. Дар таҳқиқоти диссертатсионии ҳозир, ки ба пажуҳиши рӯзгору осори Абулқосими Қушайрӣ ва махсусан, таҳлили вижагиҳои сохторӣ, бадеӣ, забонӣ ва сабкии «Рисолаи қушайрия»-и ӯ бахшида шудааст, бетардид ва муҳаққақ шахсияти Абулқосими Қушайриро низ метавон дар сафи номоварони тасаввуфу ирфон ворид намуд. Натиҷаҳои бадастомада аз ин таҳқиқот метавонад ғановати адабиётшиносии муосирро фузун созад ва ин ҷо барои истифодаи амалӣ баъзе нуктаҳоро аз пажуҳиш метавон ба тариқи зайл пешниҳод кард:

1. Матолиби диссертатсия барои таҳқиқи густардаи масоили омӯзиши осори мансури ирфонии адабиёти форсӣ-тоҷикӣ имкон фароҳам оваранд.

2. Нуктаҳои назариеро, ки хулосаҳои таҳқиқ дар асоси он ба даст омадаанд, метавон дар пажуҳиши вижагиҳои ҳунарию бадеии осори мансури суфия мавриди истифода қарор дод.

3. Маводди таҳқиқи мазкур дар баррасии масъалаҳои дастурӣ, барои тайёр намудани монографияҳои соҳавӣ ва таҳияи луғатномаҳои истилоҳоти ирфонӣ муфид ба ҳисоб меравbooanд.

4. Тавассути таҳлили сохтору мундариҷа, вижагиҳои забонию сабкӣ, корбурди истилоҳоти ирфонӣ ва сохтору муҳтавои ҳикоёти «Рисолаи қушайрия» метавон ба шинохти беҳтарини ин асари Қушайрӣ даст ёфт.

5. Натиҷаҳои бадастомада дар таҳияи китобҳои дарсӣ, монографияҳо, баррасии масъалаҳои насри ирфонӣ барои донишандӯзону муҳаққиқон метавонанд ба кор оянд.

6. Дар пояи тарҷумаи «Рисолаи қушайрия» мактаби тарҷумонӣ ва робиташиносии моро дар асрҳои миёна муайян намуд ва ба татбиқи истилоҳпазирӣ, риояи меъёрҳои забони адабӣ ва ҳолати рушди он дар адабиёти бадеӣ баҳогузорӣ кард.

## Рӯйхати адабиёт

## I. Сарчашмаҳо:

1. Ансорӣ, Хоҷа Абдуллоҳ. Табақот-ус-суфия [Матн] / Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ: муқобалаву тасҳеҳ ва ҳавошиву фаҳориси Муҳаммад Сарвари Мавлоӣ. – Теҳрон: 1362. – 948 с.

2. Ансорӣ, Хоҷа Абдуллоҳ. Маҷмуаи расоили форсии Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ. Ҷ. 1. [Матн] / Бо тасҳеҳу муқобалаи се нусха ва муқаддимаву фаҳориси Муҳаммад Сарвари Мавлоӣ. – Теҳрон: Интишороти Тӯс, 1377. – 427 с.

3. Арабӣ, Муҳйиддин. Фусус-ул-ҳикам [Матн] / Муҳйиддин ибни Арабӣ; тасҳеҳу тарҷумаи Муҳаммад Хоҷуӣ. – Теҳрон: Мавло, 1393. – 455 с.

4. Аттор, Фаридуддин. Тазкират-ул-авлиё [Матн] / Фаридуддини Аттор; бо муқаддима ва тасҳеҳи Муҳаммади Истеъломӣ. – Теҳрон: Заввор, 1384. – 914 с.

5. Аттор, Фаридуддин. Илоҳинома [Матн] / Фаридуддини Аттор; бо тасҳеҳи Фуод Руҳонӣ. – Теҳрон: Заввор, 1384. – 377 с.

6. Бақлӣ, Рӯзбеҳон. Шарҳи шатҳиёт [Матн] / Рӯзбеҳони Бақлӣ; бо тасҳеҳу муқаддимаи фаронсавии Ҳанри Корбен. – Теҳрон: Анҷумани эроншиносони Фаронса дар Теҳрон, 1995. – 784 с.

7. Гесӯдароз, Сайид Муҳаммад. Шарҳи рисолаи қушайрия. [Матн] / Ба кӯшиши Ато Ҳусайн. – Ҳайдарободи Дакан, 1361 ҳ.қ. – 356 с.

8. Доиратулмаорифи бузурги исломӣ. Ҷ. 15. [Матн]. – Теҳрон: Маркази Доиратулмаорифи исломӣ, 1387. – 760 с.

9. Донишномаи ҷаҳони ислом. Ҷ.7. [Матн] / Зери назари Ғуломалӣ Ҳаддоди Одил. – Теҳрон: Бунёди Доиратулмаорифи исломӣ, 1382. – 900 с.

10. Дурдонаҳои наср: намунаҳои насри форсу тоҷик [Матн] / Тартибдиҳандагон: А. Афсаҳзод, А. Алимардонов, Ҷ. Додалишоев. – Душанбе: Адиб, 1989. – 432 с.

11. Заҳабӣ, Шамсиддин. Сияру аълом-ин-нубало [Матн] / Шамсиддини Заҳабӣ. – Қоҳира: Дор ал-ҳадис, 2006.

12. Зираклӣ, Хайриддин. Қомус-ул-аълом. Ҷ. 1-8. [Матн] / Хайриддини Зираклӣ. – Бейрут: Дор ал-малойин, 2007.

13. Ибни Халликон. Вафийёт-ул-аъён. Ҷ. 6. [Матн] / И. Халликон. – Бейрут: Дор-ул-кутуб ал-илмийя, 1998. – 448 с.

14. Ироқӣ, Фахруддин Иброҳими Ҳамадонӣ. Девон [Матн] / Ф. Ироқӣ. – Теҳрон: Нигоҳ, 1391. – 448 с.

15. Исфаҳонӣ, Ҳотиф. Девони ашъор [Матн] / Ҳ. Исфаҳонӣ; танзими Алии Мустафо. – Теҳрон,1387. – 119 с.

16. Исфаҳонӣ, Абунайим. Ҳулят-ул-авлиё. Ҷ. 1. [Матн] / Абунайими Исфаҳонӣ. – Қоҳира: Мактабату имон, 2007.

17. Каллободӣ, Абубакр Муҳаммад. Матн ва тарҷумаи китоби Таарруф [Матн] / Абубакр Муҳаммади Каллободӣ; ба кӯшиши Муҳаммад ҷавводи Шариат. – Теҳрон, 1371. – 821 с.

18. Қушайрӣ, Абулқосим. Рисолаи Қушайрия [Матн] / Абулқосими Қушайрӣ. Тарҷумаи Абуалӣ Ҳасан ибни Аҳмади Усмонӣ; бо тасҳеҳи Бадеуззамон Фурӯзонфар. – Теҳрон, 1385. – 835 с.

19. Қушайрӣ, Абулқосим. Рисолаи қушайрия [Матн] / Абулқосими Қушайрӣ. Тарҷумаи Абуалӣ Ҳасан ибни Аҳмади Усмонӣ; муқаддима, тасҳеҳ ва таъиқоти Маҳдии Муҳаббатӣ. – Теҳрон: Ҳурмус, 1390. – 625 с.

20. Қушайрӣ, Абулқосим. Рисолаи қушайрия [Матн] / Абулқосими Қушайрӣ. Тарҷумаи Абуалӣ Ҳасан ибни Аҳмади Усмонӣ; тасҳеҳи Саййида Марям Равзотиён, Сайидалӣ Асғарӣ Мирбоқирифард. – Теҳрон: Интишороти илмӣ ва фарҳангӣ, 1396. – 960 с.

21. Қушайрӣ, Абулқосим. Рисолаи қушайрия [Матн] / Абулқосими Қушайрӣ; таҳиягари матн, муаллифи муқаддима, феҳраст ва луғатҳо Муътабар Оқилова. – Хуҷанд: Меъроҷ, 2014. – 324 с.

22. Қушайрӣ, Абулқосим. Рисолаи қушайрия [Матн] / Абулқосими Қушайрӣ. Тарҷумаи аввал, нусхаи хаттии музеи Британия шумораи 4118.

23. Қушайрӣ, Абулқосим. Рисолаи қушайрия [Матн] / Абулқосими Қушайрӣ. Тарҷумаи аввал, нусхаи хаттии китобхонаи Аё-София шумораи 2077.

24. Қушайрӣ, Абулқосим. Рисолаи қушайрия [Матн] / Абулқосими Қушайрӣ. Тарҷумаи дувум, нусхаи хаттии китобхонаи Лоло Исмоил шумораи 120.

25. Майбудӣ, Абулфазл. Кашф-ул-асрор ва уддат-ул-аброр. Ҷ.1 [Матн] / Абулфазл Рашидуддин Майбудӣ; бо саъю эҳтимоми Алиасғари Ҳикмат. – Теҳрон: Амири кабир, 1376. – 797 с.

26. Маккӣ, Абутолиб Муҳаммад ибни Алӣ ибни Атия ал-Ҳорисӣ. Қут-ул-қулуб фи мақомот-ил-махбуб ва васфи тариқ-ул-мурид ило мақом-ит-тавҳид, дар 2 муҷаллад [Матн] / Абутолиб Муҳаммад ибни Алӣ ибни Атия ал-Ҳорисӣ ал-Макӣ. – Миср, 1961.

27. Меҳанӣ, Муҳаммад ибни Мунаввар. Асрор-ут-тавҳид фи мақомоти Шайх Абусаид. Ҷ.1 [Матн] / Муҳаммад ибни Мунаввари Меҳанӣ; муқаддима, тасҳеҳ ва таълиқоти Муҳаммадризо Шафеии Кадканӣ. – Теҳрон: Огоҳ, 1381. – 430 с.

28. Розӣ, Наҷмуддин. Мирсод-ул-ибод [Матн] / Наҷмуддини Розӣ; ба эҳтимоми Муҳаммадамини Раёҳӣ. – Теҳрон: Интишороти илмӣ ва фарҳангӣ, чопи панҷум, 1373. – 798 с.

29. Румӣ, Мавлоно Ҷалолуддин. Маснавии маънавӣ [Матн] / Мавлоно Ҷалолуддини Румӣ; таҳия ва муқаддимаи Алии Муҳаммадии Хуросонӣ ва Баҳриддин Алавӣ. – Теҳрон: Замон, 2001. – 728 с.

30. Самъонӣ, Абдулкарим ибни Муҳаммад ибни Мансур. ал-Ансоб, иборат аз шаш ҷилд [Матн] / Абдулкарим ибни Муҳаммад ибни Мансури Самъонӣ. – Бейрут: Дор-ул-кутуб ал-илмийя, 1998.

31. Саноӣ, Ҳаким Абулмаҷд. Ҳадиқат-ул-ҳақиқат ва шариат-ут-тариқат [Матн] / Абулмаҷд Ҳаким Санӣ; тасҳеҳи Мударриси Разавӣ. – Теҳрон: Муассисаи интишорот ва чопи донишгоҳӣ, 1377. – 876 с.

32. Саноӣ, Ҳаким Абулмаҷд. Девон [Матн] / Абулмаҷд Ҳаким Саноӣ; бо саъю эҳтимоми Мударриси Разавӣ. – Теҳрон: Саноӣ, бидуни соли нашр. – 1228 с.

33. Сулламӣ, Абуабдурахмон. Маҷмуаи осори Абуабдуррахмон Сулламӣ, дар ду ҷилд [Матн]. Ба кӯшиши Насруллоҳи Пурҷаводӣ. – Теҳрон: Нашри донишгоҳӣ, 1372.

34. Сафӣ, А. Латоиф-ут-тавоиф [Матн]. Таҳия, пешгуфтор, шарҳи луғатҳо ва тавзеҳоти Абдушукури Абдусаттор ва Бурҳон Сайфиддинов/ Фахриддин Алии Сафӣ. – Душанбе: Адиб, 2011. – 335 с.

35. Суфийская мудрость [Текст]. Сост. В.В. Лавский. – Минск: Лотаць 1998. – 397 с.

36. Тӯсӣ, Абунаср Абдуллоҳ ибни Алии Сарроҷ. ал-Ламаъ фи тасаввуф [Матн] /Абунаср Абдуллоҳ ибни Алии Сарроҷи Тӯсӣ; тасҳеҳи Реоналд Николсон. – Лейдан, 1914.

37. Харақонӣ, Абулҳасан Алӣ ибни Аҳмад. Нур-ул-улум: Ҳамроҳ бо шарҳи аҳволу осор ва афкор [Матн] / Абулҳасан Алӣ ибни Аҳмади Харақонӣ; ба кӯшишу нигориши Абдулрафеъи Ҳақиқат (Рафеъ). – Теҳрон: Биҳҷат, 1381. – 349 с.

38. Ҳамавӣ, Ёқут. Муъҷам-ул-булдон [Матн] / Ёқути Ҳамавӣ. – Бейрут: Дору Содир, 1995.

39. Ҳофиз, Шамсиддин Муҳаммад. Девон [Матн] / Шамсиддин Муҳаммад Ҳофиз; бо эҳтимоми Муҳаммад Қазвинӣ ва Қосим Ғанӣ. – Теҳрон: Заввор, 1390. – 400 с.

40. Ҳоҷӣ Халифа, Мустафо ибни Абдуллоҳ. Кашф-уз-зунун ан асоми-ул-кутуб вал фунун. Ҷ.2 [Матн] / Мустафо ибни Муҳаммад Ҳоҷӣ Халифа. – Бағдод: Мактабат-ул-масно,1941. – 944-2056 с.

41. Ҳуҷвирӣ, Алӣ ибни Усмон. Кашф-ул-маҳҷуб [Матн] / Алӣ ибни Усмони Ҳуҷвирӣ; муқаддима, тасҳеҳу таълиқоти Маҳмуди Обидӣ. – Теҳрон: Суруш, 1383. – 1154 с.

42. Ҳуҷвирӣ, Алӣ ибни Усмон. Кашф-ул-маҳҷуб [Матн] / Алӣ ибни Усмони Ҳуҷвирӣ. Аз рӯйи матни тасҳеҳшудаи Валентин Жуковский. Виростории Алиасғари Абдуллоҳӣ. – Теҳрон: Дунёи китоб, 1381. – 406 с.

43. Ҷомӣ, Абдураҳмон. Нафаҳот-ул-унс мин ҳазарот-ил-қудс [Матн] / Мавлоно Нуриддин Абдурраҳмони Ҷомӣ; таҳиягарони матн, муаллифони муқаддима ва феҳристҳо Муътабар Оқилова, Баҳром Мирсаидов. – Душанбе: Пайванд, 2013. – 865 с.

44. Шерозӣ, Саъдӣ. Куллиёт [Матн] / Саъдии Шерозӣ; ба эҳтимоми Муҳаммадалии Фурӯғӣ. – Теҳрон: Амири кабир, 1376. – 1042 с.

45. Шаҳба, Ибни Қозӣ. Табақот-уш-шофеия. Ҷ. 2. [Матн] / Ибни Қозии Шаҳба; мутарҷимон Фотима Мударрисӣ ва Муҳаммадамир Убайдиниё. – Теҳрон: Эҳсон, 1389. – 400 с.

**II. Фарҳангҳо ва луғатҳо:**

46. Анварӣ, Ҳасан. Фарҳанги фишурдаи сухан [Матн] / Ҳасани Анварӣ. – Теҳрон: Сухан, 1382.

47. Амид, Ҳасан. Фарҳанги форсии Амид [Матн] / Ҳасани Амид. – Теҳрон: Роҳи рушд, 1389. – 1088 с.

48. Атахонов, Т. Фарҳанги истилоҳоти адабиётшиносӣ [Матн] / Т. Атахонов. – Душанбе: Шарқи озод, 2002. – 453 с.

49. Қазвинӣ, Муҳаммадсолеҳ. Канз-ул-ирфон ва румуз-ул-айқон (шарҳи ашъори мушкилаи Маснавӣ) [Матн] / Муҳаммадсолеҳи Қазвинӣ; бо эҳтимоми Аҳмади Муҷоҳид. – Теҳрон: Донишгоҳи Теҳрон, 1392. – 356 с.

50. Қандаҳорӣ, Низомиддин Тиринӣ. Қавоид-ул-урафо ва одоб-уш-шуаро (фарҳанги истилоҳоти орифон ва шоирон) [Матн] / Низомиддин Тиринии Қандаҳорӣ; бо эҳтимоми Аҳмади Муҷоҳид. – Теҳрон: Суруш, 1376. – 358 с.

51. Моликӣ, Умед. Фарҳанги форсии фарҳехта [Матн] / Умед Моликӣ. – Теҳрон: Бадеҳа, 1381. – 1428 с.

52. Мушаййирӣ, Маҳшид. Нахустин фарҳанги забони форсӣ [Матн] / Маҳшиди Мушаййирӣ. – Теҳрон, 1371. – 1190 с.

53. Саҷҷодӣ, Сайид Ҷаъфар. Фарҳанги истилоҳот ва таъбироти ирфонӣ [Матн] / Сайид Ҷаъфари Саҷҷодӣ. – Теҳрон: Таҳурӣ, 1375. – 814 с.

54. Фарҳанги забони тоҷикӣ. Ҷ.1. [Матн]. – М.: Сов. энциклопедия, 1969. – 951 с.

55. Фарҳанги забони тоҷикӣ. Ҷ.2. [Матн]. – М.: Сов. энциклопедия, 1969. – 949 с.

**III. Асару мақолаҳои илмӣ:**

56. Абдуллоев, А. Саъдиев, С. Адабиёти форсу тоҷик дар нимаи дуюми асри XI ва аввали асри XII [Матн] /А. Абдуллоев, С. Саъдиев. – Душанбе: Дониш, 1986. – 262 с.

57. Азизов, С.С. Ҳамоҳангӣ ва пайванди маънии қиссаҳо дар «Маҷолиси сабъа» ва «Маснавии маънавӣ»-и Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ [Матн]/ С.С. Азизов // Номаи Донишгоҳ. – Хуҷанд, 2015. – №2 (43). – С. 97-103.

58. Азизов, С.С. Суннати маҷлисгӯӣ дар адабиёти тасаввуф [Матн] / С. С. Азизов // Номаи Донишгоҳ. – Хуҷанд, 2017. – №1 (50). – С. 77-83.

59. Аҳмад, Рӯзӣ ва Русто, Суҳайло. Каминагароӣ дар достоннависии муосир [Матн]/ А. Рӯзӣ, С. Русто // Маҷаллаи пажӯҳишҳои забон ва адабиёти форсӣ, 1388. – Давраи ҷадид, шумораи 3. – С. 80-94.

60. Баҳор, Маликушшуаро. Сабкшиносӣ [Матн] / М. Баҳор. – Душанбе: Бухоро, 2012. – 570 с.

61. Бертельс, Е.Э. Избранные труды. Суфизм и суфийская литература [Текст] / Е.Э. Бертельс. – М.: Издательство Наука. Главная редакция восточной литературы, 1965. – 524 с.

62. Бертельс, Е.Э. Тасаввуф ва адабиёти тасаввуф [Матн] / Е.Э. Бертельс; тарҷумаи Сируси Эзадӣ. – Теҳрон: Амири кабир, 1387. – 723 с.

63. Ғанӣ, Қосим. Таърихи тасаввуф дар ислом ва татаввуроту таҳаввулот. Ҷ.2. [Матн] / Қосим Ғанӣ. – Теҳрон: Заввор, 1321. – 724 с.

64. Ғуломризоӣ, Муҳаммад. Сабкшиносии шеъри порсӣ аз Рӯдакӣ то Шомлӯ [Матн] / М. Ғуломризоӣ. – Теҳрон, 1391. – 296 с.

65. Зарринкуб, Абдулҳусайн. Сирри най. Нақду шарҳи таҳлиливу татбиқии Маснавӣ. Ҷ. 1. [Матн] / Абдулҳусайни Зарринкуб. – Теҳрон, 1358. – 606 с.

66. Зарринкуб, Абдулҳусайн. Аз чизҳои дигар (Накд, ёддошт, баррасӣ, намоишвора) [Матн] / Абдулҳусайни Зарринкуб. – Теҳрон, 1371. – 340 с.

67. Зарринкуб, Абдулҳусайн. Арзиши мероси суфия [Матн] / Абдулҳусайни Зарринкуб. – Теҳрон: Амири Кабир, 1378. – 320 с.

68. Зарринкуб, Абдулҳусайн. Пилла-пилла то мулоқоти Худо (Дар бораи зиндагӣ, андеша ва сулуки Мавлоно Ҷалолуддини Румӣ) [Матн] / Абдулҳусайни Зарринкуб. – Теҳрон, 1358. – 398 с.

69. Зарринкуб, Абдулҳусайн. Ёддоштҳо ва андешаҳо (аз мақолот, нақдҳо ва ишорот) [Матн] / Абдулҳусайни Зарринкуб. – Теҳрон, 1371. – 432 с.

70. Зарринкуб, Абдулҳусайн. Ҷустуҷӯ дар тасаввуфи Эрон [Матн] / Абдулҳусайни Зарринкуб. – Душанбе: Ирфон, 1992. – 396 с.

71. Зарринкуб, Абдулҳусайн. Дунболаи ҷустуҷӯ дар тасаввуфи Эрон [Матн] / Абдулҳусайни Зарринкуб. – Теҳрон: Амири Кабир, 1369. – 412 с.

72. Иброҳимӣ, Нодир. Суфиёнаҳо ва орифонаҳо. Бахши аввал: Аз оғози тасаввуф то ҳамлаи ғӯзҳо ҳамроҳ бо дувист намунае мунтахаб ва таҳлили онҳо [Матн] /Н. Иброҳимӣ. – Теҳрон, 1380. – 478 с.

73. Истеъломӣ, М. Ҳадиси ғурбати ҷон [Матн] / М. Истеъломӣ. – Теҳрон: Нигоҳ, 1388 [2010]. – 394 с.

74. Иса, Абдулкадыр. Истина суфизма. Пер. с арабского [Текст] /Абдулкадыр Иса. – М.: Ансар, 2004. – 288 с.

75. Кадканӣ, Муҳаммадризо Шафеӣ. Забони шеър дар насри суфия: даромаде ба сабкшиносии нигоҳӣ ирфонӣ [Матн] / М. Ш. Кадканӣ. – Теҳрон: Сухан, 1392. – 657 с.

76. Каёнӣ, Муҳсин. Таърихи хонақоҳ дар Эрон [Матн] / М. Каёнӣ. – Теҳрон: Китобхонаи Таҳурӣ, 1369. – 620 с.

77. Кайвонӣ, Маҷдуддин. Фарҳанги осори иронӣ-исломӣ. Ҷ. 2. [Матн] / М. Кайвонӣ. – Теҳрон: Суруш, 1387. – 492 с.

78. Козимифард, Муинӣ. Баррасии интиқодии тарҷумаи Рисолаи қушайрия / М. Козимифард // Оинаи мерос. – № 59. – С. 293-308.

79. Люзин, Лионард. Мероси тасаввуф [Матн] / Л. Люзин; тарҷумаи Маҷдуддини Каёнӣ. – Теҳрон: Нашри марказ, 1384. – 567 с.

80. Мирзоев, С. Вежагиҳои сабкӣ ва бадеии осори насрии «Ақлу ишқ» ва «Атвори салоса»-и Соинуддини Хуҷандӣ [Матн] / С. Мирзоев. – Хуҷанд: Ношир, 2013. – 232 с.

81. Мирсаидов, Б. Художественный образ птиц в мистической поэзии средних веков (XI-XIII вв.). Автореф. дисс... канд. филол. наук: 10.01.03 [Текст] / Б. Мирсаидов. – Худжанд, 2004. – 24 с.

82. Мирсодиқ, Ҷамол. Аносири достон [Матн] / Ҷ. Мирсодиқ. – Теҳрон: Сухан, 1385. – 792 с.

83. Мунзавӣ, Аҳмад. Феҳристи нусхаҳои хаттии форсӣ. Ҷ. 3. [Матн] / А. Мунзавӣ. – Теҳрон, 1350. – 1528-2570 с.

84. Мусульмонкулова, М. Жанр рассказ в «Асрор-ут-тавхид» Мухаммада Ибн Мунаввара. Дисс. канд. филол. наук: 10.01.03 [Текст]/ М. Мусульмонкулова. – Душанбе, 2004. – 151 с.

85. Мусулмонқулов, Р. Сачъ ва сайри таърихии он дар насри форсу тоҷик [Матн] / Р. Мусулмунқулов. – Душанбе: Ирфон, 1970. – 220 с.

86. Мутаҳаррӣ, Муртазо. Ирфони Ҳофиз [Матн] / М. Мутаҳаррӣ. – Душанбе: Ройзании фарҳангии Ҷумҳурии исломии Эрон дар Тоҷикистон, 1998. – 128 с.

87. Нарзикул, М. Трактат Амир Хусрава Дехлави «Эъджази Хусрави» (Чудо Хусрава) и традиции эпистолярного жанра в истории персидско-таджикской литературы (X-XIV вв.). Автореф. дисс... канд. филол. наук: 10.01.03 [Текст] / М. Нарзикул. – Душанбе, 2009. – 55 с.

88. Насриддинов, Фахриддин. Тафсири «Кашф-ул-асрор»-и Абулфазли Майбудӣ ва аҳамияти адабии он [Матн] / Ф. Насриддинов. – Хуҷанд: Ношир, 2009. – 183 с.

89. Насриддинов, Фахриддин. Арзишҳои адабӣ дар тарҷума ва тафосири куҳани форсӣ-тоҷикӣ [Матн] / Ф. Насриддинов. – Хуҷанд: Ношир, 2012. – 576 с.

90. Нафисӣ, Саид. Сарчашмаи тасаввуф дар Эрон [Матн] / С. Нафисӣ. – Теҳрон, 1343. – 275 с.

91. Нафисӣ, Саид. Таърихи назм ва наср дар Эрон ва забони форсӣ. Ҷ. 1-2. [Матн] / С. Нафисӣ. – Теҳрон: Интишороти Фуруғӣ, 1344. – 1172 с.

92. Ноҷӣ, Муҳаммадризо. Фарҳанг ва тамаддуни исломӣ дар қаламрави Сомониён [Матн] / М. Ноҷӣ. – Душанбе: Эр-граф, 2013.

93. Окилова, М. «Тазкират-ул-авлиё» Фаридуддина Аттора Нишопури» (рукописи, источники и художественно-стилистические особенности). Автореф. дисс... канд. филол. наук: 10.01.03 [Текст] / М. Окилова. – Худжанд, 2009. – 27 с.

94. Очилова, М. Художественно-стилевые особенности «Табакот-ус-суфия» Ходжи Абдаллаха Ансори. Автореф. дисс.. канд. филол. наук: 10.01.03 [Текст] / М. Очилова. – Худжанд, 2012. – 27 с.

95. Панохӣ, Муҳин. Ахлоқи орифон [Матн] / М. Панохӣ. – Теҳрон: Равзана, 1378. – 576 с.

96. Равзотиён, Сайида Марям. Моҷарои тасҳеҳу тарҷумаи Рисолаи қушайрия/ С. М. Равзотиён // Матншиносии адаби форсӣ, 1392. – №2. – С. 87-96.

97. Ризвониён, Қудсия. Сохтори достонии ҳикоятҳои ирфонӣ [Матн] / Қ. Ризвониён. – Теҳрон: Сухан, 1389. – 648 с.

98. Риттер, Ҳилмут. Дарёи ҷон-сайре дар орову аҳволи Шайх Фаридуддин Аттори Нишобурӣ. Ҷ. 1. [Матн] / Ҳ. Риттер; тарҷумаи Аббос Зарёби Хӯйӣ ва Меҳрофоқи Бойбурдӣ. – Теҳрон: Интишороти байналмилалии Алҳудо, 1374. – 531 с.

99. Риттер, Ҳилмут. Дарёи ҷон-сайре дар орову аҳволи Шайх Фаридаддин Аттори Нишобурӣ. Ҷ. 2. [Матн] / Ҳ. Риттер; тарҷумаи Меҳрофоқи Бойбурдӣ. – Теҳрон: Интишороти байналмилалии Алҳудо, 1379. – 501 с.

100. Рипко, Я. Таърихи адабиёти Эрон. Аз даврони бостон то Қоҷория [Матн] / Я. Рипко. Тарҷумаи Исо Шаҳобӣ. – Теҳрон: Илмӣ ва фарҳангӣ, 1381. – 494 с.

101. Раҳмон, Эмомалӣ. Забони миллат – ҳастии милат [Матн] / Э. Раҳмон. – Душанбе: Эр-граф, 2016. – 512 с.

102. Салимов, Носирҷон. Марҳалаҳои услубӣ ва таҳаввули анвоъи наср дар адабиёти форсу тоҷик (асрҳои IX-XIII) [Матн] / Н. Салимов. – Хуҷанд: Нури маърифат, 2002. – 398 с.

103. Салимов, Фаррух. «Кашф-ул-махджуб» – старейший трактат по суфизму на персидском языке». Автореф. дисс... канд. филол. наук: 10.01.03 [Текст] /Ф. Салимов. – Худжанд, 2008. – 26 с.

104. Сафо, Заҳебулло. Таърихи адабиёт дар Эрон. Ҷ. 2. [Матн] / З. Сафо. – Теҳрон: Фирдавсӣ, 1363. – 800 с.

105. Сафо, Забеҳулло. Муқаддимае бар тасаввуф [Матн] / З. Сафо. – Теҳрон: 1371. – 72 с.

106. Сафо, Забеҳулло. Таърихи адабиёти Эрон. Ҷ.1. [Матн]. – Душанбе: Деваштич, 2003. – 320 с.

107. Суфии возхождение к истине [Текст] / Составление, пересказ текстов, предисловие, словарь Лео Яковлева. – М.: Эксмо, 2007. – 640 с.

108. Суфийские тесты. [Текст] Перевод Юлиана Аранова. – М.: Эннеагом, 2007. – 207 с.

109. Суфизм в Центральной Азии. [Текст] Сост. и отв. редактор А. А. Хисматулин. – Спб.: Филологический факультет СпбГУ, 2001. – 394 с.

110. Суфийская мудрость. [Матн] Сост. Лавский В. В. – Москва: Алетейа, 2002. – 384 с.

111. Футуҳӣ, Маҳмуд. Сабкшиносӣ назарияҳо, рӯйкардҳо ва равишҳо [Матн] / М. Футуҳӣ. – Теҳрон: Сухан, 1392. – 461 с.

112. Хоҷаева, М. Масъалаҳои сабкшиносӣ [Матн] / М. Хоҷаева. – Хуҷанд, 1994. – 223 с.

113. Хатибӣ, Ҳусайн. Фанни наср дар адаби порсӣ [Матн] / Ҳ. Хатибӣ. – Теҳрон: Заввор, 1390. – 637 с.

114. Хуррамшоҳӣ, Баҳоуддин. Тарҷумаковӣ [Матн] / Б. Хуррамшоҳӣ. – Теҳрон: Ноҳид, 1390. – 616 с.

115. Ҳазратқулов, М. Тасаввуф [Матн] / М. Ҳазратқулов. – Душанбе: Маориф, 1988. – 126 с.

116. Ҳалабӣ, Алиасғар. Таъсири Қуръон ва ҳадис дар адабиёти форсӣ [Матн] / А. Ҳалабӣ. – Теҳрон: Асотир, 1371. – 312 с.

117. Ҳалабӣ, Алиасғар. Мабонии ирфон ва аҳволи орифон [Матн] / А. Ҳалабӣ. – Теҳрон, 1373. – 712 с.

118. Ҳасан, Ануша. Донишномаи адаби форсӣ. Ҷ. 2. [Матн] / А. Ҳасан. – Теҳрон, 1376. – 634 с.

119. Ҳодизода, Расул. Тасаввуф дар адабиёти форс-тоҷик [Матн] / Р. Ҳодизода. – Душанбе: Адиб, 1990. – 188 с.

120. Ҳоҷиённажод, Алиризо. Қувват ва заъфи тасҳеҳи ҷадиди тарҷумаи Рисолаи қушайрия/ А. Ҳоҷиённажод // Пажуҳишномаи интиқодии мутун ва барномаҳои улуми инсонӣ, 1399. – № 4. – С. 99-121.

121. Шамисо, Сирус. Анвои адабӣ [Матн] / С. Шамисо. – Теҳрон: Ромин, 1373. – 344 с.

122. Шамисо, Сирус. Сабкшиносии наср [Матн] / С. Шамисо. – Теҳрон: Метро, 1387. – 328 с.

123. Шарифов, Худоӣ. Назарияи наср [Матн] / Х. Шарифов. – Душанбе: Пайванд, 2004. – 319 с.

124. Шиммел, А. Шукуҳи Шамс [Матн] / А. Шиммел; тарҷумаи Ҳасани Лоҳутӣ: Интишороти илмиву фарҳангӣ, 1367. – 885 с.

125. Шукуров, М. Пайванди замонҳо ва халқҳо [маҷмуи мақолаҳо] [Матн] / М. Шукуров. – Душанбе: Ирфон, 1982. – 224 с.

126. Шукуров, М. Хуросон аст ин ҷо [Матн] / М. Шукуров. – Душанбе: Оли Сомон, 1997. – 326 с.

127. Энсиклопедияи советии тоҷик. Ҷ. 8. – Душанбе: Сарредаксияи илмии ЭСТ, 1988. – 592 с.

**Сарчашмаҳои электронӣ:**

128. http://mirasmaktoob. ir

129. http://ketabnak. com

130. www. ganjoor. com

131. http://www. Ғa. wikipedia. org

132. http://www. noormags
133. http://www. kitabFarsi. org/
134. http://obuk. ru/book/145717/-istoriya-persidskoy-i-tadzhikskoy-literature. html
135. http://www. tebyan. net

## Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия

**I. Таълифоти муаллиф дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон:**

[1-М]. Наҷотов, Ҷ.Н. Шеваҳои корбурд ва сохтору мухтавои ҳикоёт дар «Рисолаи қушайрия»-и Абулқосими Қушайрӣ [Матн] / Ҷ.Н. Наҷотов // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. Нашрияи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ. – Душанбе, 2021. – №3 (92). – С.209-215. ISSN 2219-5408.

[2-М]. Наҷотов, Ҷ.Н. Рӯзгор ва осори Абулқосими Қушайрӣ [Матн] / Ҷ.Н. Наҷотов // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. Нашрияи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ. – Душанбе, 2021. – №4 (93). – С.190-195. ISSN 2219-5408.

[3-М]. Наҷотов, Ҷ.Н. Шеваҳои корбурд ва шарҳи истилоҳоти ирфонӣ дар тарҷумаи «Рисолаи қушайрия» [Матн] / Ҷ.Н. Наҷотов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2022. – №7. – С.131-138. ISSN 2413-516X.

[4-М]. Наҷотов, Ҷ.Н. Таъсири «Рисолаи қушайрия» ба насри ирфонии форсӣ-тоҷикӣ [Матн] / Ҷ.Н. Наҷотов// Номаи Донишгоҳ (Силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва ҷомеашиносӣ). – Хуҷанд, 2022. – №1 (70). – С.87-93. ISSN 2077-4990.

[5-М]. Наҷотов, Ҷ.Н. Таъсири забон ва сабки баёни тарҷумаи «Рисолаи қушайрия» ба насри ирфонии форсӣ-тоҷикӣ [Матн]/ Ш.А. Солеҳов, Ҷ.Н. Наҷотов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2023. – №6. – С.147-153. ISSN 2413-516X.

**II. Мақолаҳо дар дигар маҷаллаю маҷмуаҳои илмӣ:**

[6-М]. Наҷотов, Ҷ.Н. Муаррифии нусхаҳои хаттӣ ва масъалаҳои тасҳеҳу нашри тарҷумаи форсии «Рисолаи қушайрия» [Матн] / Ҷ.Н.Наҷотов // Маводди конфронси байналмилалии «Мероси хаттии Осиёи марказӣ; масъалаҳои нусхашиносӣ, тарҷума, нақди мутуни адабӣ. – Хуҷанд, 2022. – С.241-246.

[7-М]. Наҷотов, Ҷ.Н. Таъсири андешаҳои Абулқосим Қушайрӣ ба осори Саъдӣ [Матн] / Ҷ.Н.Наҷотов // Маводди конфронси ҷумҳуриявии илмӣ-назариявии «Саъдӣ ва инкишофи ғазал». – Хуҷанд, 2023. – С. 176-181.

[8-М]. Наҷотзода, Ҷ.Н. Баъзе вижагиҳои маърифатӣ ва адабии «Рисолаи қушайрия»-и Абулқосими Қушайрӣ [Матн] / Ҷ.Н. Наҷотзода // Гулназар Келдӣ ва равандҳои инкишофи адабиёти тоҷик дар замони Истиқлол (Маводди конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзуи «Гулназар Келдӣ ва равандҳои инкишофи адабиёти тоҷик дар замони Истиқлол», Душанбе, 21.11.2025). – Душанбе: ДДОТ ба номи С. Айнӣ, 2025. – 178 с. – С.190-195.